**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# РОҲНАМОИ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ СИНФИ 5-УМ

**барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ**

**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ТАСДИҚ КАРДААСТ**

**ДУШАНБЕ**
**МАОРИФ**
**2017**

**УДК 373. 167. 1 (072)**
**ББК Я72+74.261.4**
**А-57**

**А-57.** Қ. Мухторӣ, З. Тошбоева, С. Набиева, Ф. Мирзоёров, С. Бойбобоева, С.Сабзаев, Ш.Бобомуродов. **Роҳнамои фанни забони тоҷикӣ, синфи 5-ум** барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ. Душанбе, Маориф, 2017, 120 саҳ.

**ISBN 978-99947-1-474-2** **© Маориф, 2017**

**Мундарича**

Сарсухан………………………………………………………………………. 4

Нақшаи тақвимии мавзӯъҳо…………………………………………………. 5

Роҳнамо барои омӯзгор……………………………………………………….. 8

## САРСУХАН

Таълими салоҳиятнокии хонанда чӣ маънӣ дорад, дар Стандарти давлатии забони модарӣ барои синфҳои 5-11 оварда шудааст. Аммо ин ҷо лозим аст, ки ба баъзе масъалаҳои дигари ба усули таълими салоҳиятнокӣ ва роҳнамои ба омӯзгор пешниҳодшаванда чанд маълумот дода шавад. Таълими салоҳиятнокии хонанда камтар истифода карданро аз қоидаҳои грамматикӣ дар назар дошта, бештар ба сайқал додани малакаҳои хонандагон дар истифодаи амалии забон нигаронида шудааст.

Ҳамин принсипи муносибат ба таълими забони тоҷикӣ талаб мекунад, ки ҳангоми таълим ба ғайр аз донишу малакаҳои забонӣ дар хонандагон салоҳиятҳои болоифаннӣ ё асосӣ, ки дар зиндагии ҳамарӯза ба хонанда даркор мешаванд, ташаккул дода шавад. Дар маҷмӯъ салоҳиятнокии хонанда дар дарси забони тоҷикӣ ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо карда мешавад: салоҳиятҳои болоифаннӣ, салоҳиятҳои иртиботӣ ва салоҳияти забонӣ. Дар таълими салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ дар барнома  соатҳои ҷудогона нишон дода шудаанд. Омӯзгор мавзӯи бевоситаи забонӣ - овошиносӣ, луғатомӯзӣ, калимасозӣ, ҷумлабандиро дар дарсҳои ташаккули салоҳиятҳои забонӣ ба хонандагон таълим медиҳад. Ҳар кадом мавзӯи забонӣ дар бобҳои ҷудогона таълим дода мешаванд, дар баробари ин соатҳои ҷудогона барои ташаккули салоҳиятҳои иртиботии хонандагон ҷудо карда шудааст. Ҳар як қисмати забон дар доираи соатҳои муайян ва боби муайян ба хонандагон омӯзонида мешавад, дар охир (дар аввал ҳам мумкин аст) ду, се, чор соат, вобаста ба миқдори умумии саотҳои ҳамин боб дарсҳои ташаккули салоҳияти иртиботӣ ба нақша гирифта шудаанд.

Барои ташаккули салоҳияти болоифаннӣ ё асосӣ соати ҷудогона ҷудо карда намешавад, омӯзгор чунин салоҳиятҳоро дар дарсҳои ташаккулдиҳандаи салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ  инкишоф медиҳад. Салоҳиятҳои асосӣ дар стандарти таълимӣ зикр карда шудаанд. Ҷавҳари онҳоро омодагии хонанда ба муносибати байнишахсӣ, муносибат дар ҷомеа, масъалаҳои ахлоқ, ватандӯстӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳои милливу башарӣ ташкил медиҳанд.  Омӯзгорро лозим мешавад, ки ҳангоми ташкили фаъолияти таълимии хонандагон ба ташаккули салоҳиятҳои асосӣ диққати ҷиддӣ диҳад. Ба хонандагон салоҳиятҳои муносибати байни ҳамсинфон, эҳтироми ҳамдигар, одоби муошират ва муносибат, ахлоқ, тарбиятро дар ҷараёни таълими фан ва баррасии мавзӯъҳо ташаккул диҳад.

Ҷузъиёти дигари таълими фанни забони тоҷикӣ дар барномаи таълимӣ ва стандарти фаннӣ оварда шудаанд. Боқӣ ба шумо барори кор таманно намуда, умеди он дорем, ки дар роҳи таълим ва тарбияи насли нав саҳми арзанда мегузоред.

Мураттибони роҳнамои мазкур барои саволҳо, пешниҳоду дархостҳои шумо омодаанд. Барои тамос: почтаи электронӣ: mkutb@mail.ru; firdavs_79@mail.ru

**НАҚШАИ ТАҚВИМӢ АЗ ФАННИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ БАРОИ СИНФИ 5**

| № | Фасл ва мавзӯъҳо | соат | сана |
|---|---|---|---|
| I | Забон ва сухан | 1 | |
| II | **ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ СИНФИ I-IV** | **3** | |
| 1. | Калима. Ҳиссаҳои нутқ | 1 | |
| 2. | Ибора. Ҷумла. Мубтадо ва хабар | 2 | |
| III | **ОВОШИНОСӢ (ФОНЕТИКА), ИМЛО ВА ТАЛАФФУЗ** | 12+3=15 | |
| 3. | Овошиносӣ. Дастгоҳи гуфтор | 1 | |
| 4. | Алифбо. Овозҳои садонок ва ҳамсадо | 1 | |
| 5. | Ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷаранг | 1 | |
| 6. | Йотбарсарҳо ва имлои онҳо | 1 | |
| 7. | Имлои у ва ӯ | 1 | |
| 8. | Имлои и ва ӣ | 1 | |
| 9. | Имлои э ва е | 1 | |
| 10. | Ҳарфи сакта (ъ) | 1 | |
| 11. | Ҳодисаҳои фонетикӣ. Ҳамсадоҳои д, т, ҳ | 1 | |
| 12. | Имлои ҳамсадоҳои шадда дар калима | 1 | |
| 13. | Ҳиҷо ва хелҳои он.Зада ва мавқеи он дар калима | 1 | |
| 14. | Кор бо матни табрикнома (марҳалаи дарк, баҳодиҳӣ) | 3 | |
| 15. | Ҷамъбаст ва арзёбии боби «Овошиносӣ (фонетика), имло ва талаффуз. Кори лоиҳавӣ | 1 | |
| **IV** | **НАҲВ (СИНТАКСИС) ВА АЛОМАТҲОИ КИТОБАТ** | **11+3=14** | |
| 16. | Мавзӯи баҳси наҳв (синтаксис). Ибора | 1 | |
| 17. | Ҷумла.Ҷумлаҳои сода ва навъҳои он аз рӯйи оҳанг | 1 | |
| 18. | Аъзои ҷумла. Сараъзо. Мубтадо ва хабар | 1 | |
| 19. | Аъзои пайрави ҷумла. Пуркунанда, муайянкунанда, ҳол | 1 | |
| 20. | Ҷумлаҳои хуллас ва тафсилӣ, ҷумлаҳои дутаркиба ва яктаркиба | 1 | |
| 21. | Ҷумлаҳои чидааъзо ва мавқеи вергул дар онҳо | 1 | |
| 22. | Мухотаб. Тарзи таҳлили ҷумлаи сода | 1 | |
| 23. | Ҷумлаҳои мураккаб | 1 | |
| 24. | Нутқи айнан нақлшуда. Муколама | 1 | |
| 25. | Намунаи таҳлили наҳвӣ | 1 | |
| 26. | Кор бо матни эълон (марҳалаи дарк ва баҳодиҳӣ) | 3 | |
| **V** | **КАЛИМА** | **5+2=7** | |
| 27. | Маънои калима. Маънои аслӣ ва маҷозии калима | 1 | |
| 28. | Калимаҳои якмаъно ва сермаъно | 1 | |
| 29. | Калимаҳои муродиф, зидмаъно ва ҳамгуна | 1 | |
| 30. | Луғатҳои тафсирӣ ва дузабона (ихтисор). Намунаи таҳлили луғавӣ | 1 | |
| 31. | Такрори боби «Калима» | 1 | |
| 32. | Кор бо матни хабар (марҳалаи дарк ва баҳодиҳӣ) | 2 | |
| VI | **ТАРКИБИ КАЛИМА, КАЛИМАСОЗӢ ВА ИМЛО** | 6+2=8 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 33. | Решаи калима, пешванд ва пасванд | 1 | |
| 34. | Асос ва бандак. Бандаки изофӣ, бандакҷонишинҳо | 1 | |
| 35. | Бандакҳои феълӣ ва хабарӣ | 1 | |
| 36. | Калимаҳои сода, сохта ва мураккаб | 1 | |
| 37. | Такрори боби «Таркиби калима, калимасозӣ ва имло» | 1 | |
| 38. | Кор бо матни хабар (марҳалаи тағйирдиҳӣ ва таҳия) | 2 | |
| VII | САРФ (МОРФОЛОГИЯ) ВА ИМЛО | | |
| 39. | Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ | 1 | |
| 40. | **ИСМ ҲАМЧУН ҲИССАИ НУТҚ** | 15+4=19 | |
| 41. | Исм ва аломатҳои морфологии он | 1 | |
| 42. | Шумора дар исм | 1 | |
| 43. | Исмҳои ҷинс ва хос | 1 | |
| 44. | Ҳарфи калон ва нохунак дар исмҳои хос | 1 | |
| 45. | Исмҳои шахс ва ғайришахс | 1 | |
| 46. | Исмҳои моддӣ ва маънӣ, кулл ва ҷузъ | 1 | |
| 47. | Сохти исм. Исмҳои сода ва сохта. Пешванди -ҳам | 1 | |
| 48. | Пасвандҳои исмсоз | 1 | |
| 49. | Исмҳои мураккаб | 1 | |
| 50. | Исмҳои таркибӣ ва имлои онҳо | 1 | |
| 51. | Ихтисораҳо | 1 | |
| 52. | Намунаи таҳлили сарфии исм | 1 | |
| 53. | Такрори боби «Исм» | 1 | |
| 54. | Диктанти санҷишӣ | 1 | |
| 55. | Кор бо матни забонхат (марҳалаи дарк ва баҳодиҳӣ) | 2 | |
| 56. | Кор бо матни эълон (марҳалаи тағйирдиҳӣ ва таҳия) | 2 | |
| VIII | **ФЕЪЛ ҲАМЧУН ҲИССАИ МУСТАҚИЛИ НУТҚ** | 23+7=30 | |
| 57. | Феъл ва аломатҳои сарфӣ (морфологӣ)-и он | 1 | |
| 58. | Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл. Масдар | 1 | |
| 59. | Шахс ва шумора дар феъл | 1 | |
| 60. | Тасриф. Бандакҳои феълию хабарӣ | 1 | |
| 61. | Асосҳои феъл | 1 | |
| 62. | Кор бо матни мусоҳиба (марҳалаи дарк, баҳодиҳӣ, тағйирдиҳӣ) | 3 | |
| 63. | Замонҳои феъл. Замони гузаштаи феъл | 1 | |
| 64. | Замони ҳозираи феъл | 1 | |
| 65. | Диктанти санҷишӣ | 1 | |
| 66. | Замони ояндаи феъл | 1 | |
| 67. | Феълҳои мустақил ва ёридиҳанда | 1 | |
| 68. | Феълҳои мутлақ ва давомдор | 1 | |
| 69. | Тарзҳои монда ва гузарандаи феъл | 1 | |
| 70. | Кор бо матни латифа | 2 | |
| 71. | Сохти феъл. Феълҳои сода | 1 | |
| 72. | Феълҳои сохта | 1 | |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 73. | Феълҳои таркибии феълӣ | 1 | |
| 74. | Феълҳои таркибии номӣ | 1 | |
| 75. | Сиғаҳои феъл. Сиғаи хабарӣ | 1 | |
| 76. | Сиғаи амрӣ | 1 | |
| 77. | Сиғаи эҳтимолӣ | 1 | |
| 78. | Сиғаи шартӣ –хоҳишмандӣ | 1 | |
| 79. | Таҳлили сарфии феъл | 1 | |
| 80. | Ҷамъбаст ва арзёбии боби «Феъл». Кори лоиҳавӣ | 1 | |
| 81. | Диктанти санҷишӣ | 1 | |
| 82. | Кор бо матни эълон (марҳалаи тағйирдиҳӣ ва таҳия) | 2 | |
| **IX** | **ТАКРОРИ СОЛОНА** | **3** | |

**1.ЗАБОН ВА СУХАН - 2 соат**

**Салоҳиятҳо:**

- ба вазифаи забон дар ҷамъият сарфаҳм рафтан;
- мавқеи забонро дар ҳаёти ҷомеа дар сатҳи дониши гирифташуда шарҳ додан;
- рисолати забони давлатӣ, забони модариро дарк кардан.

**Мақсадҳои дарс. Хонанда бояд**:

- ба фарқи забон аз сухан сарфаҳм равад;
- дар бораи нақши забон дар ҳаёти инсон фикрашро баён намояд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

Ба воситаи саволҳо диққати хонандагонро ба машғулият ҷалб намуда, дониши онҳоро арзёбӣ намоед.

**Супориш**. Аз хонандагон пурсед, ки онҳо дар ҷое бо мушкилоти надонистани забон дучор шудаанд. 2. Пурсед, ки кӣ чанд забон медонанд, оё забондонии онҳо дар ҷое ба кор омадааст. Шудааст, ки боре навиштаҷотеро ба забони модарии худашон нафаҳмида бошанд. Ҷавобҳои хонандагонро шунавед. Шунидани 3-4 ҷавоб ба ин саволҳо кифоя аст. Онҳоро хулоса кунед.

**Супориш**. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки:

1. Матни «Забон ва нутқ»-ро аз китоби дарсӣ мустақилона хонанд, фикр кунанд, ки ду шахси забони ҳамдигарро намедониста бо кадом воситаҳо метавонанд бо ҳам мубодилаи фикр бинамоянд?
2. Аз ҳар гурӯҳи дунафара танҳо як фикр шунавед, то ки намояндагони ҳамаи гурӯҳҳои дунафара ё ақаллан аксарияти гурӯҳҳо имконияти баёни фикрашонро дошта бошанд. Муҳим ин аст, ки хонандагон фикрашонро озодона баён намоянд, қобилияти баёни андешаашонро пурқувват кунанд.
3.Пас аз шунидани ҷавоби хонандагон худатон ҷавобҳоро пурра созед: *Забон воситаи алоқа ва робитаи одамон аст. Дар дунё байни мавҷудоти зинда робита ба вуҷуд омада метавонад. Одамон тавассути суратҳо, аломатҳои роҳ, навиштаҷот, нақшаҳо, ҳатто рангҳо, ашёи зинда бо ҳам робита барқарор мекунанд, аммо ҳеҷ кадоми онҳо ҷойи забонро гирифта наметавонанд...*

**Супориш**. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матни «Ситоиши забон»-ро хонанд (саҳ.3-4 аз китоби дарсӣ). Хулосаҳои худро дар шакли хаттӣ кӯтоҳакак – дар се-панҷ ҷумла нависанд. Дар навиштаҳояшон ба чунин саволҳо ҷавоб бошад: 1. Оё имкон дорад, ки забон ҳам аз байн равад? Чаро? 2.Забон ба мавҷудияти миллат чӣ муносибат дорад?

5.Ҷамъбасти дарс. Шунидани иншоҳо – интихобан.

6.Баҳогузорӣ.

7. Супориши вазифаи хонагӣ: аз китоби дарсӣ саҳ.6. «Савол ва супоришҳо». Таассуроти худро аз таътили тобистона шифоҳӣ (дар синф) ва хаттӣ (дар хона) баён кунед.

## 2.КАЛИМА. ҲИССАҲОИ НУТҚ (ТАКРОРИ ДАРСҲОИ СИНФИ 1-4)

**Салоҳиятҳо:**

- ҷудо кардани калима ба ҳиҷоҳо;
- шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима;
- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- оид ба ҳиссаҳои нутқ маълумот дода тавонанд;
- ҳиссаҳои нутқро аз ҳамдигар фарқ карда тавонанд;
- аз матн ҳиссаҳои нутқро муайян намуда, вазифаҳои ҳиссаҳои нутқро шарҳ диҳанд;
- натиҷаи худ ва дигаронро хулосабарорӣ карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** 1.Таассуроти худро аз таътили тобистона шифоҳӣ (дар синф) ва хаттӣ (дар хона) баён кардан. 2.Ба воситаи саволҳо омӯзгор диққати хонандагонро ба машғулият ҷалб намуда, дониши онҳоро арзёбӣ менамояд. **Савол**:

- Дар забони тоҷикӣ чанд ҳиссаи нутқ ҳаст?
- Онҳо аз ҳам чӣ фарқ доранд?
- Чаро исм ва феъл ҳиссаҳои аз ҳама асосии нутқ ба шумор меравeнд?

Пас аз шунидани ҷавоби хонандагон, омӯзгор ҷавобҳоро пурра месозад.

**Супориш**: Кори инфиродӣ. Омӯзгор пас аз арзёбии ҷавобҳои хонандагон супориш медиҳад.

*Супориш*:

- Нақшаро дар дафтарон кашед;
- Аз китоби дарсӣ машқи №5-ро хонед;
- Аз дохили матн калимаҳоеро, ки ба саволҳои «кӣ?» ва «чӣ?» ҷавоб мешаванд, ҷудо намуда, дар сутунҳои ҷадвал нависед.

*Ҷадвал*:

| **Кӣ?, киҳо?** | **Чӣ?, чиҳо?** |
| --- | --- |
| | |
| | |

**Супориш:** Кори дунафара:

- Ба гурӯҳҳои дунафара ҷудо шавед;
- Ҷадвали худро бо рафиқатон муқоиса намоед;
- Ба ҷадвал тағйироту иловаҳо ворид намоед (агар зарур шуморидед);

**Супориш**: Кори инфиродӣ, дунафара ва гурӯҳӣ.

*Супориш*:

- Аз китоби дарсӣ машқи № 10-ро мустақилона хонед;
- Ҷадвалро ба дафтаратон кашед;
- Аз дохили матн феълҳоро аз рӯйи шахсу шумора ва замон муайян намуда, дар ҷадвал ҷой диҳед;
- Ба гурӯҳи дунафара муттаҳид шуда, кори худро ба рафиқатон нишон диҳед;
- Ба ҷадвал иловаю тағйиротҳо ворид намоед;
- Ба гурӯҳҳои хурд ҷудо шуда, ҷадвалҳои худро муаррифӣ намуда, ҷадвали умумӣ омода намоед;
- Ҷадвали гурӯҳи худро ба аҳли синф муаррифӣ намоед.

*Ҷадвал*:

| Феъл | Шахсу шумора | Замони феъл |
|---|---|---|
| | | |
| | | |

1) Вазифаи хонагӣ:

**Ба хонандагон супориш диҳед, ки**:

- Дар мавзӯи «Тоҷикистони азизи ман» матни хурд нависанд;
- Дар зери ҳиссаҳои нутқе, ки ба саволҳои «кӣ?, киҳо?, чӣ?, чиҳо?» ҷавоб мешаванд, як хатти рост, ба зери калимаҳое, ки ба саволҳои «чӣ кор кард?, чӣ кор мекунад?» ҷавоб мешаванд, ду хатти рост кашанд;
- Умумияту фарқи ин ҳиссаҳои нутқро шарҳ диҳанд.

## 2. ИБОРА ВА ҶУМЛА - 2 СОАТ

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;
- шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода;
- шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- ибора ва ҷумлаҳоро аз матн ҷудо карда тавонанд;
- воситаи алоқаро дар ибора нишон дода тавонанд;
- фарқи ибора ва ҷумларо шарҳ дода тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Баёни мавзӯи нав:** Ангезиши зеҳн. Омӯзгор тавассути саволҳои пешниҳодгардида фикру андешаҳои хонандагонро шунида, дар тахтаи синф менависад. Барои ба саволҳо ҷавоб гардонидан ба хонандагон 1 ё 2 дақиқа вақт диҳед.

**Савол**: Кори инфиродӣ ва дунафара:

- Нутқи инсон ба воситаи чӣ ифода меёбад?
- Чаро нутқи инсонро ба калимаҳо, ибораву ҷумлаҳо ҷудо мекунанд?
- Оё танҳо бо калима фикрро баён кардан мумкин аст?
- Чӣ зарурат ҳаст, ки мо дар суҳбат ҷумлаҳоро истифода барем?

**Супориш**:

- Бо машқ шинос шавед;
- Калимаҳоро ҷо ба ҷо гузошта, ҷумла созед;
- Ҷумлаҳои худро ба рафиқатон хонед ва фикру мулоҳизаҳои ӯро шунавед;
- Ба ҷумлаҳои худ тағйироту иловаҳо ворид намоед.

*Матн*:

а) тобистона, мо, расид, охир ба таътил;
б) гулдаста, рӯзи, тақдим, матни, сентябр, кардам, омӯзгор, якуми, ба;
в) беҳтарин, моҳи, Тоҷикистон, аст, апрел, баҳори;
г) баҳорӣ, вазидани, аст, фораму, бодҳои, бадан, роҳати;
д) ва, ноябрро, моҳҳои, октябр, мегирад, тирамоҳ, дар бар, сентябр;
е) андак-андак, дарозтар, кӯтоҳ, мешаванд, ва, аз, рӯзҳо, ин, ҳисоб, шабҳо;
ж) дар, сафедча, тирамоҳ, Осмон, мегардад.

**Муаррифии иҷрои супоришҳо.** Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки бо навбат дар тахтаи синф ҷумлаҳоро нависанд. Кӯшиш намудан лозим аст, ки бо хонандагон бештар дар атрофи ғалатҳо суҳбат намуд.

**Кори фронталӣ.** Омӯзгор пас аз таҳлили ҷумла ва ғалатҳои содиршуда ба аҳли синф саволҳои дар зер омадаро пешниҳод менамояд:

**Савол**:

- Гӯед, ки ибораҳо то чӣ андоза барои ифодаи фикр мувофиқ ҳастанд?
- Фарқи асосии онҳо аз ҷумла ва калима дар чист?
- Ибораҳои ҷумлаи шумо ба воситаи кадом ҳиссаҳои нутқ ё ҳиссаи калима сохта шудаанд?
- Ибора чист? Он аз кадом қисмҳо иборат аст? Ҷумла чӣ?

*Супориш*:

- Бо матни шеър шинос шавед;
- Дар зери ибораҳо як хатти рост кашед;
- Шеърро азёд кунед.

Вазифаи хонагӣ: Машқи 17.

## 3.ОВОШИНОСӢ. ДАСТГОҲИ ГУФТОР ВА ВАЗИФАҲОИ ОН.

**Салоҳияти забонӣ:**

- инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфҳо.

**Салоҳияти иртиботӣ:**

- тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ.

**Мақсадҳо**: Хонандагон бояд

- узвҳои овозсозро фарқ кунанд;
- вазифаи узвҳои овозсозро дар талаффузи овозҳои ҷудогона донанд;

- овозҳои садонокро аз ҳамсадо фарқ кунанд.
**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, замима, матнҳо.
**Равиши дарс**:
**1.Ташкили дарс:**
- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.
**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 24. Навиштани тезгӯякҳо, калимаҳои ишорашударо ба ҳиҷоҳо ва ҳиҷоҳоро ба овозҳо ҷудо кардан.
**3.Баёни мавзӯи нав:** Дар тахтаи синф тезгӯякро нависед:
*Як мушт писта ба бист мушт писта.*

**Супориш**. Аз чанд нафар хонанда хоҳиш кунед, ки онҳоро хонанд. Пурсед, ки дар хондани тезгӯяк чӣ мушкил буд. Талаффузи кадом овозҳо баёни тезгӯякҳоро душвор мегардонанд. (Ҷавобҳои хонандагон бо ёрии омӯзгор: садонокҳои у ва и, ҳамсадоҳои б, м, п). Бо ин роҳ хонандагонро ба мақсадгузорӣ ҷалб кунед: аз онҳо пурсед, ки ин овозҳо бо ёрии кадом узвҳои инсон талаффуз мешаванд (ҷавобҳои хонандагон: лабҳо, забон). Биёед, муайян мекунем, ки дар талаффузи овозҳо кадом узвҳо иштирок мекардаанд.

**Супориш**. Кор дар гурӯҳҳои хурд: Гурӯҳи 1: Аз китоби дарсӣ ба машқи 30 таваҷҷуҳ кунед. Аз порчаи шеърӣ овозҳоеро ҷудо кунед, ки дар талаффузашон забон бештар фаъол аст. Муайян кунед, ки дар талаффузи фонемаҳо кадом қисмати забон иштирок мекунад.
Гурӯҳи 2. Аз китоби дарсӣ ба машқи 31 таваҷҷуҳ кунед. Овозҳоеро ҷудо кунед, ки дар талаффузашон лабҳо иштирок мекунанд. Муайян кунед, ки дар талаффузи овозҳое, ки лабҳо иштирок мекунанд, боз кадом узвҳо фаъоланд.
Гурӯҳи 3. Шарти машқи 32-ро аз китоби дарсӣ иҷро кунед.
Гурӯҳи 4. Машқи №33-ро хонед ва супоришҳои онро иҷро намоед. Узвҳоеро номбар кунед, ки дар талаффузи овозҳо иштирок мекунанд. номи онҳоро бо тартиби алифбо ҷо ба ҷо гузоред.
**Супориш**. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷойҳои худро ишғол кунанд. Дар тахта ҷумлаҳои нопурраи зеринро навишта аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба ҷойи нуқтаҳо калимаҳои заруриро гузошта, қоидаро пурра кунанд:

1. *Узвҳое, ки дар ……….. ……….. иштирок мекунанд, дастгоҳи гуфтор ном доранд.*
2. *Овозҳое, ки ………… …………. ………… ҷараёни ҳаво ба монеа дучор …………. овозҳои ………… ном доранд.*
3. *Овозҳое, ки ………… …………. ………… ҷараёни ҳаво ба монеа дучор …………. овозҳои ………… ном доранд.*
4. *Қисмати илми забоншиносӣ, ки ..............................-ро меомӯзад, ....................... ном дорад.*

Мустаҳкамкунии мавзӯъ. Иҷрои шарти машқи №34.
**4.Ҷамъбаст ва баҳогузорӣ.**
**5.Супориши вазифаи хонагӣ.** Машқи 35. (Шарти машқ дар китоби дарсӣ оварда шудааст).

## 4. АЛИФБО. ФАРҚИ ОВОЗҲОИ САДОНОК ВА ҲАМСАДО. ҲАМСАДОҲОИ ҶАРАНГДОР ВА БЕҶАРАНГ

**Салоҳияти забонӣ:**

- инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфҳо.

**Салоҳияти иртиботӣ:**

- тағйирдиҳӣ ва таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ.

**Мақсадҳо**: Хонандагон бояд:

- ➢ чистон, тезгӯяк ва мақолро аз ҳам фарқ карда тавонанд;
- ➢ матни чистон, тезгӯяк, мақолро шарҳ дода тавонанд;
- ➢ овозҳои садонокро аз ҳамсадо фарқ кунанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, замима, матнҳо.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Иҷрои шарти машқи 35

**3.Баёни мавзӯи нав:**

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дутоӣ чистон, дутоӣ мақол ва дутоӣ тезгӯяк ба хотир оварда, дар ҷадвали зерин онҳоро ҷо диҳанд ва аломатҳои онҳоро бо тартиби дар ҷадвал нишондодашуда нависанд (барои пайдо кардани ин жанрҳо аз китоби дарсӣ низ истифода бурдан мумкин аст). Аз рӯйи аломатҳои умумиашон онҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо карда дар дафтар нависанд. *(Хонандагон дар ҳар як хоначаи ҷадвал намунаҳои як жанрро навишта, аломатҳои умумии онҳоро қайд мекунанд, дар сутунчаи сеюм номи жанрро менависанд).*

| № | Матн | Аломат | Ном |
|---|---|---|---|
| 1 | 1...<br>2... | | |
| 2 | 1...<br>2... | | |
| 3 | 1...<br>2... | | |

**Супориш**: Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз рӯйи матнҳои чистонҳо калимаҳои асосиро (объекти чистон, ҷавоби чистон) ҷудо карда, овозҳои онҳоро ба ду гурӯҳи калонтарин ҷудо кунанд. Аломатҳои онҳо (яъне, ҳарф) -ро дар паҳлуяшон нависанд. Ҷадвали зеринро пешниҳод кунед. Пайдарпай бо саволгузорӣ аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҳар чӣ бештар аломатҳои овозҳоро муайян кунанд, аммо ҳаргиз намунаи тайёрро пешакӣ надиҳед. *Намунаи овозҳо (фонемаҳо), ки дар ҷадвал бо хатти мавҷнок оварда шудааст, танҳо барои омӯзгор аст, онро тайёр ба хонанда пешниҳод накунед, бигузор, хонандагон худашон ба хулоса оянд, ки овозҳо чӣ аломат доранд, аз ҳам бо чӣ фарқ мекунанд!*

| Овоз | Навъ | Бо ёрии кадом узв талаффуз мешавад? |
|---|---|---|
| *а* | *садонок* | *лабҳо беҳаракатанд, ғайрилабӣ* |
| *б* | *ҳамсадо* | *Лабҳо иштирок мекунанд (лабӣ), ҷаранг дорад (ҷарангдор, садопардаҳо иштирок мекунанд)* |
| *п* | *ҳамсадо* | *Лабҳо иштирок мекунанд, ҷаранг надорад (беҷаранг)* |

**Супориш**. *Баровардани қоида:* Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба ҷойи нуктаҳо калимаҳои заруриро гузошта, қоидаҳоро пурра созанд. (Мазмуни ин қоидаҳо дар китоби дарсӣ барои хонанда дода шудаанд):

*1.Овоз аз ҳарф бо он фарқ мекунад, ки ………………. …………. ………., аммо ҳарфро …………….. …….. ……………*

*2.Овозҳои ҳамсадо овозҳое мебошанд, ки дар талаффузи онҳо ҳавои аз шуш бароянда ……………. …………….*

*3.Овозҳои садонок овозҳое мебошанд, ки дар талаффузи онҳо ҳавои аз шуш бароянда ……………. …………….*

• Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки қоидаҳои баровардашударо бо қоидаи китоби дарсӣ муқоиса кунанд.

Кор дар гурӯҳҳо:

Гурӯҳи 1. Иҷрои машқи 37.

Гурӯҳи 2. Иҷрои машқи 38-39.

Гурӯҳи 3. Иҷрои машқи 40.

Гурӯҳи 4. Иҷрои машқи 41-42.

**4.Ҷамъбаст ва баҳогузорӣ.**

(Аз машқҳои китоб мувофиқи салоҳдид истифода бурда шавад).

**5.Супориши вазифаи хонагӣ:** 1. Иҷрои машқи 51. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба яке аз наздиконашон табрикнома навишта, миқдори ҳарф ва овозҳои калимаҳои як ҷумлаи онро муайян намоянд.

## 5.ҲАМСАДОҲОИ ҶАРАНГДОР ВА БЕҶАРАНГ

**Салоҳиятҳо:**

- донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо;
- пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- ➢ меъёри талаффузи адабии калимаҳоро риоя карда тавонанд;
- ➢ овозҳои алоҳидаи калимаро дуруст талаффуз карда тавонанд;
- ➢ имлои фонемаҳои ҳамсадоро дар нутқ риоя карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.
**Равиши дарс**:
**1.Ташкили дарс;**
- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 51. Ба яке аз наздиконатон табрикнома навишта, миқдори ҳарф ва овозҳои калимаҳои як ҷумлаи онро муайян намоед. Кори инфиродӣ ва дунафара. Омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад. Пас аз иҷрои супориш омӯзгор натиҷаи корро бо аҳли синф арзёбӣ менамояд.
**3.Баёни мавзӯи нав.**

*Супориш*:
Машқи **57**-и китоби дарсӣ:
- Матнро нависед. Ба зери ҳамсадоҳои ҷарангдор як хат ва ба зери ҳамсадоҳои беҷаранг ду хат кашед;
- Матни худро ба рафиқатон нишон диҳед;
- Ғалатҳои худро ислоҳ намоед.

Кори инфиродӣ.
*Супориш: аз хонандагон хоҳиш кунед, ки*
- матни машқи 52 -ро хонанд;
- ба саволҳои машқ хаттӣ ҷавоб нависанд;
- ҷавобҳоро ба ҳамагон муаррифӣ намоянд.

Мубоҳиса дар атрофи овозҳои ҳамсадо.
*Савол:*
- Дар забони тоҷикӣ чанд ҳамсадо ҳаст*?* Кадомҳо? (ҳамсадо 24-то, инҳо: б, п, м, в, ф, д, т, ҷ, ч, з, с, ж, ш, н, л, р, й, г, к, ғ, х, қ, ҳ, ъ.);
- Ҳамсадоҳо аз рӯйи иштироки садопардаҳо ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд? (аз рӯйи иштироки садо ва шавшув ба ду гурӯҳ: ҷарангноку беҷаранг);
- Ҳамсадоҳои ҷарангнок чандтоанд ва кадомҳоянд? (14-то, инҳо: б, в, г, ғ, д, ж, з, й, л, м, н, р, ҷ, ъ);
- Ҳамсадоҳои беҷаранг чӣ ? (10-то инҳо: п, т, к, қ, ч, с, ш, х, ҳ, ф).

Кори гурӯҳӣ:
**Гурӯҳи 1.** Иҷрои машқи №43.
**Гурӯҳи 2.** Иҷрои машқи №44-45
**Гурӯҳи 3.** Иҷрои машқи №46-47
**Гурӯҳи 4.** Иҷрои машқи 49-50

**4.Ҷамъбасти дарс, супориши вазифаи хонагӣ:** Машқи 55. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар хона машқи 55-ро нависанд ва ҳамсадоҳои ҷарангдор ва беҷарангро дар он муайян намоянд.

## 6. ЙОТБАРСАРҲО ВА ИМЛОИ ОНҲО
**Салоҳиятҳо**:
- донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо;
- пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:
- овозҳои йотбарсарро дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ҷудо карда тавонанд;
- ҷой ва мавқеи йотбарсарҳоро муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн
**Равиши дарс**:
**1.Ташкили дарс:**
- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Машқи 55.
**3.Баёни мавзӯи нав.** Кори инфиродӣ ва дунафара. Омӯзгор ҷадвали дар зер омадаро дар тахтаи синф мекашад ва ба хонандагон супориш медиҳад:
- Ҷадвалро дар дафтаратон кашед;
- Машқи 57. Ҷумлаҳоро хонед ва ба дафтаратон нависед;
- Калимаҳоеро, ки ба назари шумо дар таркибашон фонемаҳои дуовоза доранд, дар ҷадвал нависед (яъне кадом ҳарф ба фикри шумо, ду овоз дорад);
- Калимаву ҳарфҳоро дар ҷадвал ҷой диҳед;
- Ҷадвали худро бо рафиқатон муқоиса намоед;
- Ба ҷадвалатон тағйироту иловаҳо ворид намоед.

*Ҷадвал*:

| | **Калимаҳо** | **Ҳарфҳое, ки ду овозро ифода мекунанд** |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |

*Намуна:*

| | **Калимаҳо** | **Ҳарфҳое, ки ду овозро ифода мекунанд** |
|---|---|---|
| 1. | гӯё, сиёҳ | ё |
| 2. | бою, ботинию | ю |
| 3. | бояд, мегӯянд, тарбия, риоя | я |
| 4. | нест, санге, меҳмон | е |

**Кори дунафара ва гурӯҳӣ.** Омӯзгор гурӯҳи калимаҳоро дар тахтаи синф навишта, ба хонандагон дикта мекунад. Ва чунин супориш медиҳад:
- Ба калимаҳо зеҳн монед;
- Калимаҳоро тибқи талаффуз ва навишт дар ҷадвал ҷой диҳед;
- Кори худро ба рафиқатон нишон диҳед;
- Ба гурӯҳи хурд муттаҳид шуда, ҷадвали умумӣ омода намоед;
- Кори гурӯҳи худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

*Гурӯҳи калимаҳо*:
Оед, бароед, биёед, ёдгор, афзоиш, доим.

*Ҷадвал*:

| Талаффуз | Навишт |
|---|---|
| | |

*Намуна*:

| Дар талаффуз | Дар навишт |
|---|---|
| ойед<br>баройед<br>бийойед<br>йодгор<br>афзойиш<br>дойим | оед<br>бароед<br>биёед<br>ёдгор<br>афзоиш<br>доим |

**Хулосабарории омӯзгор.** Соли 1940 тоҷикон алифбои русиро қабул карданд, ки дар қатори дигар ҳарфҳо йотбарсарҳо ба алифбои тоҷикӣ дохил гардиданд. Сабаби асосии қабули йотбарсарҳо осон гардондани тарзи навишт аст.

**4.Вазифаи хонагӣ:** Бахшида ба рӯзи забони давлатӣ ба устодатон табрикнома нависед, дар зери йотбарсарҳо хат кашед.

## 7.ИМЛОИ САДОНОКҲОИ «У» ВА «Ӯ»

**Салоҳиятҳо**:

- инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти ҳарфи «у»-и кӯтоҳ ва дароз;

- донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ овозу ҳарфҳои «у» ва «ӯ»-ро шинохта тавонанд;
- аз рӯйи меъёрҳои муайяншуда калимаҳои "у" ва "ӯ"-дорро дарёфт карда тавонанд;
- шиносномаи "у" ва "ӯ"-ро такмил дода тавонистан.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс;**

- Риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Бахшида ба рӯзи забони давлатӣ ба устодатон табрикнома нависед, дар зери йотбарсарҳо хат кашед.

Саволҳо.

**3.Баёни мавзӯи нав.**

**Имлои шунавой.** Зарбулмасалу мақолҳоро (Машқи 59) омӯзгор бе риояи дурусти оҳанги онҳо қироат мекунад, хонандагон менависанд ва супоришҳои зеринро иҷро мекунанд:

- Ҷадвали дар зер омадаро ба дафтаратон кашед;
- Матнро гӯш карда, ба дафтаратон нависед;
- Машқи 59-ро аз китоби дарсӣ хонда, дар зери ғалатҳо як хатти рост кашед;
- Ғалатҳои ёфтаатонро дар нақша нависед;
- Имло ва талаффузи калимаҳои «у» ва «ӯ»-дорро шарҳ диҳед.

*Ҷадвал*:

| | ***Нодуруст*** | ***Дуруст*** |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |

**Кори инфиродӣ.**

*Супориш*:

- Аз калимаҳои ҷамъоварда дар нақша ворид карда, бо аломати + ишора кунед:

| **Т/р** | **Калима** | **Кӯтоҳу норавшан** | **Равшану кашидатар** |
|---|---|---|---|
| 1. | кӯтоҳ | | + |
| 2. | шуҳрат | + | |
| 3. | дӯст | | |
| 4. | нур | | |

**Кори гурӯҳӣ.**

*Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо кунед, супоришҳои дар ҷадвал бударо пешакӣ дар коғаз навишта ба гурӯҳҳо тақсим кунед ва супориши зеринро ба онҳо диҳед:*

- Ҷумлаҳоро хонед;
- Аз дохили ҷумлаҳо калимаҳои ҳарфҳои «у»-и кӯтоҳ ва дароз («ӯ») -дорро, ки байни
- онҳо фарқият ва умумият мушоҳида мешаванд, ёбед.

| | |
|---|---|
| **Гурӯҳи 1** | 1. Бо корд себро бур.<br>2. Салим бо бӯр дар тахтаи синф расми гурбаро кашид. |
| **Гурӯҳи 2** | 3. Мо дар боғ гул шинондем.<br>4. Ӯ гӯл барин гап мезад. |
| **Гурӯҳи 3** | 5. Нархи ин китоб 5 сӯм аст.<br>6. Суми аспро наъл карданд. |
| **Гурӯҳи 4** | 7. Заррина аз апааш 1 сол хурд аст.<br>8. Заррина себи сурхро хӯрд. |

Дар тахтаи синф ҷадвалро кашида аз гурӯҳҳо хоҳиш кунед, ки мувофиқи сутунҳои он супоришро иҷро кунанд:

| Калима | Фарқияти имло | Фарқияти мазмун |
|---|---|---|
| бур - бӯр | | |
| | | |

**Муаррифии кори гурӯҳҳо ва ҷамъбасти омӯзгор.**

**Кори дунафара.** Омӯзгор дар тахтаи синф калимаҳои зеринро менависад ва дар зери калимаҳо ҷадвали дар поён овардашударо мекашад. Аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки истифодаи дуруст ва нодурусти садоноки "ӯ"-ро дар ҷадвал гузоранд. Ин супоришро хонандагон дунафарӣ иҷро мекунанд:

Калимаҳо*: кӯҳ, дӯст, шӯъба, хомӯш, мӯҳтарам, ҳанӯз,ҷӯроб, рӯҳбахш, арӯс, кӯзагар, рӯз, рӯҳ, танӯр, айбҷӯӣ, мӯътабар, фирӯз, гесӯ,дилсӯз, лӯхтак, накӯкор, рӯҳафзо, чӯб, чӯҷа, нӯш, нӯҳ.*

| Т/р | Бамаврид аст | Нодуруст аст |
|---|---|---|
| | *рӯҳ* | *гесӯ* |
| 1 | | |
| 2 | | |
| 3. | | |

**Муаррифии корҳои хонандагон ва ҷамъбасти омӯзгор.**

Шарҳ барои омӯзгор: вобаста ба қобилияти синф, агар супоришҳо аз ҷониби хонандагон зудтар иҷро шаванд, дар асоси машқҳои китоби дарсӣ фаъолиятро идома додан мумкин аст. Дар сурати нисбатан сусттар иҷро шудани супоришҳо дар ин ҷо дарсро ҷамъбаст намудан мумкин аст.

**3.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**4.Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 64. Табрикномае нависед, ки дар калимаҳои он овозҳои *у* ва *ӯ* зиёд истифода шуда бошанд. Ба мисли *муборак, зодрӯз, туҳфа, обруамндӣ, рӯзгор, муаттар* ва ғ.

## 8. ИМЛОИ САДОНОКИ "И" ВА " Ӣ" (И-И ЗАДА)

**Салоҳиятҳо:**

- инъикоси нутқи шифоҳӣ ҳангоми мувофиқат накардани талаффуз ва навишти «-и»-и кӯтоҳ ва дароз (-ӣ);

- донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- мавҷудияти ду ҳарфро барои ифодаи овози «и» нишон дода тавонанд;
- шиносномаи имлои «и» ва «и»-и дароз таҳия карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 64. Табрикномае нависед, ки дар калимаҳои он овозҳои *у* ва *ӯ* зиёд истифода шуда бошанд. Ба мисли *муборак, зодрӯз, туҳфа, обрумандӣ, рӯзгор, муаттар* ва ғ.

Саволҳо.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Гузориши проблема: Мубоҳиса дар атрофи саволҳо:

*Савол*:

- Дар навишт ва талаффузи садоноки «и» бо кадом мушкилиҳо рӯ ба рӯ мешавем?
- Дар навишти садоноки «и» ва «ӣ» чӣ монеа мавҷуд аст?
- Дар имлои онҳо мо чиро намефаҳмем?

***Супориш***: Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки машқи 65-ро хонанд, калимаҳои “и” ва “ӣ”-доштаро дар ду сутун нависанд.

***Супориш***. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки нақшаи шиносномаи имлои “и” ва “ӣ”-ро дар дафтарашон кашанд. Ба матни навиштаашон такя карда, хусусиятҳои асосии имлои «и» ва «ӣ»-и дарозро дар шиноснома қайд намоянд:

*Шиноснома (Чӣ будани он аз ҷониби омӯзгор ба хонандагон фаҳмонда мешавад. Шиноснома ҷадвалест, ки дар он нишонаҳои асосӣ, характерноки унсури омӯхташаванда нишон дода мешавад. Шиноснома аломатҳои тағйирнаёбанда, доимии унсури омӯхташавандаро дар бар мегирад. Унсури омӯхташаванда дар дарси мазкур “и” ва “ӣ” мебошанд).*

| **Овоз ва ҳарф (унсур)** | **Аломат (савол)** | **Моҳияти аломат (ҷавоб)** |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |
| | | |

Шиноснома аз ҷониби хонандагон пур карда мешавад.

*Намунаи шиноснома (шиноснома барои хонандагон)*

| **Унсур** | **Аломат (савол), вазифаҳо** | **Моҳияти аломат (ҷавоб)** |
|---|---|---|
| Овоз ва ҳарфи «и» | И ва ӣ | садонок |
| | ҷой | И - аввал, мобайн, охир меояд<br>-ӣ – танҳо дар охири калима меояд |
| | ҳиҷоҷудокунӣ | аз сатр ба сатр гузаронидан, талаффуз кардан |
| | мазмун | барои фарқ кардани маънои калима |
| | алоқаманд кардани калимаҳо | -и ибора месозад<br>-ӣ калимаи нав месозад |

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5.Вазифаи хонагӣ:**

Аз нутқи аъзои оилаатон калимаҳои «и» ва «ӣ»-дорро ҷудо карда, ба дафтаратон нависед. Машқи **74**. **Ба ҷойи нуқтаҳо ҳарфҳои *и* ва *ӣ*-ро гузошта, матни табрикномаро нависед.**

## 9. ИМЛОИ ҲАРФҲОИ «Э» ВА «Е»

**Салоҳиятҳо:**

- Донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо;
- пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- дар матни шифоҳӣ ва хаттӣ садонокҳоро шиносанд ва фарқ кунанд;
- меъёри талаффузи садонокҳоро риоя кунанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

Пурсиши вазифаи хонагӣ. Машқи **74**. **Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои *и* ва *ӣ*-ро гузошта, матни табрикномаро нависед.**

**2.Баёни мавзӯи нав.**

Кори инфиродӣ ва дунафара. Омӯзгор калимаҳоро ба тариқи зайл дар тахта менависад:

*Калимаҳо*:

С_б, б_да, шанб_, с_, _зоҳ, _лак, _ҳтиёт, _ълон, _ҳсон, д_ҳқон, с_р, ш_р, _ҳтиром, м_ҳр, с_хр.

*Супориш*:

- Бо калимаҳо шинос шавед;
- Ба ҷойи нуқта овозҳои мувофиқи «э» ва ё «е»-ро гузоред;
- Кори худро ба рафиқи ҳампаҳлуятон нишон диҳед;
- Ғалатҳои худро ислоҳ намоед;
- Кори худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

Сипас, бо машқи 75 аз китоби дарсӣ муқоиса карда, якҷоя хулосабарорӣ менамоянд.

**Кори гурӯҳӣ.** Кор бо калимаҳои дар боло зикргардида. Омӯзгор ҷадвали дар зер омадаро дар тахтаи синф мекашад.

*Супориш*:

- Ҷадвалро ба дафтаратон кашед ва ба калимаҳо зеҳн монед;
- Ба саволҳои ҷадвал такя намуда, ба воситаи калимаҳо ҷавобҳои худро қайд намоед;
- Барои муаррифии коратон омода шавед.

*Ҷадвал*:

| | **Дар мобайн ва охири калима** | **Дар аввал ва дохили калима** | **Пас аз садонокҳо** | **Пас аз ҳамсадоҳо** |
|---|---|---|---|---|
| Ҷойи ҳарфи «э» дар калима | | | | |
| ҷойи ҳарфи «е» дар калима | | | | |
| Ҷойи ҳарфҳои «э» дар | | | | |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| калимаҳои иқтибосӣ | | | | |
| Ҷойи ҳарфҳои «е» дар калимаҳои иқтибосӣ | | | | |
| Ҷойи ҳарфи «е» дар забони тоҷикӣ | | | | |

*Намуна*:

| | **Дар аввали калима** | **Дар дохили калима** | **Дар охири калима** | **Пас аз садонокҳо** | **Пас аз ҳамсадоҳо** |
|---|---|---|---|---|---|
| ҷойи ҳарфи «э» дар калима | *элак, эзор эҳсон, эмин эшон, эълон эҷод, эзоҳ* | *беэҳтиёт боэътибор* | | | |
| ҷойи ҳарфи «е» дар калима | | *деҳа, беша* | *хонае дарахте моҳие доруе* | | |
| ҷойи ҳарфҳои «э» дар калимаҳои иқтибосӣ | | *аэродром аэропорт* | | | |
| ҷойи ҳарфи «е» дар калимаҳои иқтибосӣ | *Есенин* | *гигиена Есенин* | | | |
| ҷойи ҳарфи «е» дар калимаҳои тоҷикӣ | | | | *гигиена доруе хонае* | |

**Кори инфиродӣ.**

*Супориш*: Иҷрои шарти машқи **машқи 76**.

**Ҷамъбасти омӯзгор.** *Баровардани қоидаи имлои ҳарфҳои э ва е*. Омӯзгор ҷумлаҳоро дар тахта навишта, аз хонандагон пурра кардани онҳоро хоҳиш менамояд.

- Ҳарфи «э» дар __________ ва ҳарфи «е» дар ____________ ва ___________ калима меояд.
- Дар баъзе калимаҳои иқтибосӣ ҳарфҳои «э» ва «е» дар ___________ ва ___________ калима меоянд.
- Ҳарфи «е» дар забони тоҷикӣ пас аз ҳамсадоҳо _____ талаффуз карда мешавад.

**3.Вазифаи хонагӣ.** Бо истифода аз калимаҳои ***«эҳтиром, эҳсон, беназир, менамоем»*** табрикнома нависед.

## 10. ИМЛОИ ҲАРФИ «Ъ»

**Салоҳиятҳо**:

- инъикоси ҳарфи «ъ» (сакта) дар нутқи хаттӣ;
- донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо;
- пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- ➢ имлои ҳарфи «ъ» -ро шарҳ дода тавонанд;
- ➢ имлои ҳарфи «ъ» -ро дар нутқи хаттӣ риоя намоянд;
- ➢ мавқеи ҳамсадои «ъ» -ро дар калима шинохта тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълимӣ, матн

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**3.Вазифаи хонагӣ.** Бо истифода аз калимаҳои ***«эҳтиром, эҳсон, беназир, менамоем»*** табрикнома нависед.

**Саволҳо.**

**2.Баёни мавзӯи нав.** Диктанти шунавоӣ. Машқи 77. Қироати матни диктант аз ҷониби омӯзгор.

**Супориш** ба хонандагон:

- ➢ Диктанти навиштаи худро бо машқи 77 аз китоби дарсӣ муқоиса кунед;
- ➢ Зери ғалатҳои содиршуда як хатти рост кашед;
- ➢ Калимаҳои ғалатро ислоҳ намоед.

**Кори дунафара**. Иҷрои машқи 78.

**Супориш:**

- ➢ Натиҷаи кори худро бо ҳамсинфи дар паҳлуятон нишаста муқоиса намоед: Оё калимаҳои ҳарфи «ъ»-дошта аз калимаҳои навиштаи ҳамсинфатон фарқе дорад? Дар кадом калимаҳо? Агар ҳа, пас онро ба дафтаратон илова намоед.

**Кори инфиродӣ**. Иҷрои машқи 79.

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ

5.Вазифаи хонагӣ: *Машқи* **80.Ҷумлаҳоро нависед ва калимаҳоеро, ки ҳарфи ъ доранд, ба ҳиссаҳо ҷудо кунед.**

## 11.ҲОДИСАҲОИ ФОНЕТИКӢ. ИМЛОИ ҲАМСАДОҲОИ «Д», «Т», «Ҳ»

**Салоҳиятҳо**:

- донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ;
- инъикоси ҳамсадоҳои талаффузнашавандаи «д», «т», «ҳ» дар нутқи хаттӣ

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- ➢ талаффуз ва навишти ҳодисаҳои ҷойивазкунӣ, коҳиш, бадалшавии овозҳоро риоя кунанд;

- ба талаффузи ҳамсадоҳои «д», «т», «ҳ» аҳамият диҳанд;
- мушкилоти дар имлои «д», «т», «ҳ»-ро муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Машқи 80**. **Ҷумлаҳоро нависед ва калимаҳоеро, ки ҳарфи ъ доранд, ба ҳиссаҳо ҷудо кунед.**

Саволҳо.

3.Баёни мавзӯи нав. Кори инфиродӣ ва дунафара. Омӯзгор дар тахтаи синф ҷадвал ва ҷуфти калимаҳоро менависад ва чунин супориш медиҳад:

- Ҷадвалро ба дафтаратон кашед;
- Калимаҳоро вобаста ба талаффузашон ба дафтаратон нависед;
- Кори худро ба рафиқи ҳампаҳлуятон нишон диҳед;
- Ғалатҳои худро ислоҳ намоед;
- Ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

*Ҷуфти калимаҳо, ки аз ҷониби омӯзгор дар тахтаи синф навишта мешаванд*:

Қуфл - қулф, кифт-китф, сурфа- суфра, маҳсӣ - масҳӣ.

*Ҷадвал:*

| **Калимаҳое, ки осон талаффуз мешаванд** | **Калимаҳое, ки душвор талаффуз мешаванд** |
|---|---|
| | |

**Диктанти шунавоӣ.** Аз ҷониби омӯзгор ҷумлаҳои дар зер омада дикта карда мешаванд:

- Дастпонаи ҳоҳарам бисёр зебост.
- Самолёт баландтар парвоз кардан гирифт.
- Шамсия ба истгоҳ расид.
- Бародарам дар хондан маро дастгирӣ мекунад.

**Кори дунафара.**

**Супориш**:

- Ҷумлаҳои навиштаатонро ба рафиқи ҳампаҳлуятон нишон диҳед;
- Ғалатҳои худро ислоҳ намоед;
- Кори худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

Ҷамъбаст ва хулосаи омӯзгор: таваҷҷуҳ ба тарзи навишти калимаҳои дастпона, баландтар, истгоҳ.

**Супориш**: Диктанти шунавоӣ. Омӯзгор калимаҳои зеринро мехонад, хонандагон менависанд: *зардча, даҳ, баъдтар, Сафармоҳ, бистсола, деҳ, хиштгар, кордча.*

Муқоиса бо асли матн аз машқи 83.

*Супориш*:

- Калимаҳои навиштаатонро бо асли матн муқоиса намоед;
- Дар зери ғалатҳои содиршуда як хатти рост кашед;
- Ғалатҳоро аз матн ҷудо карда алоҳида дар ҷадвали зер нависед:

| Т/р | Нодуруст | Дуруст |
|---|---|---|
| | | |

Калимаҳои ҳар ду сутунро бо навбат хонед ва ба талаффузи онҳо диққат диҳед.
**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.** Омӯзгор мефаҳмонад, ки дар забон гоҳо калимаҳо дар талаффуз ва навишт аз ҳам фарқ мекунанд. Баъзе ҳамсадоҳо ба мисли д, т, ҳ дар мавқеъҳои ҷудогона талаффуз намешаванд, аммо мо бояд онҳоро шиносем ва имлояшонро риоя кунем.
**5.Вазифаи хонагӣ:** иҷрои машқи 85.

## 12. ИМЛОИ ҲАМСАДОҲОИ ШАДДА (ТАКРОР) ДАР КАЛИМА

**Салоҳиятҳо:**

- донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- калимаҳои ташдиддорро аз матн ҷудо карда тавонанд;
- фарқи калимаҳои ташдидорро аз дигар калимаҳо шарҳ дода тавонанд;
- дар нутқи хаттӣ имлои калимаҳои ташдиддорро риоя карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:
**1.Ташкили дарс:**
- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Ҷумлаҳоро навишта, решаи калимаҳои ишорашударо муайян ва фарқи талаффузро аз навишт шарҳ додан.
**3.Баёни мавзӯи нав.** Кори инфиродӣ ва дунафара. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки калимаҳоро аз машқи 86 нависанд, сипас:

- онҳоро гурӯҳбандӣ намуда, дар ҷадвал ҷой диҳанд;
- Кори худро ба рафиқи ҳамнишинашон нишон диҳанд;
- Ғалатҳои худро ислоҳ кунанд;

***Шарҳ барои омӯзгор:*** Ҷадвал дар тахтаи синф кашида мешавад. Омӯзгор таваҷҷуҳи хонандагонро ба он равона мекунад, ки дар кадом сутуни ҷадвал кадом навъи калимаҳо бояд ҷой дода шаванд.

*Ҷадвал*:

| Решаи калима ду ҳамсадо дорад | Решаи калима ду ҳамсадо надорад |
|---|---|
| | |

*Намуна*:

| Решаи калима ду ҳамсадо дорад | Решаи калима ду ҳамсадо надорад |
|---|---|
| аввал<br>бурро<br>албатта<br>аммо | ҳалли<br>зидди<br>ёддошт<br>кайҳоннавард |

1) Кори инфиродӣ. Омӯзгор дар тахтаи синф чанд калимаву ибораро менависад ва супориш медиҳад. Пас аз муаррифии кори хонандагон омӯзгор ба саволи «чиро ташдид меноманд?» такя намуда, маълумот медиҳад.

*Супориш*:
- Калимаву ибораҳоро ба дафтаратон нависед;
- Бо калимаву ибораҳо ҷумла нависед;
- Матни худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

*Калимаҳо*:

Муаллиф, табассум, омӯзгор, ғусса, аммо, аввал, албатта, қассоб, фанни забони тоҷикӣ, кори хаттӣ, бар зидди, арра, таваллуд, тилло, мураккаб, ҳалли масъала.

**4.Вазифаи хонагӣ.** Машқи 87.

**13.ҲИҶО ВА ХЕЛҲОИ ОН - 1 СОАТ**

**Салоҳиятҳо:**
- ҷудо кардани калима ба ҳиҷоҳо.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:
- ҷудо кардани воҳидҳои маъноӣ ба ҳиссаҳои оҳангдорро донанд;
- тарзи кӯчонидани калима аз як сатр ба сатри дигарро аз худ намоянд;
- қолабҳои ҳиҷои забони тоҷикиро дар нутқи хаттӣ истифода карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Вазифаи хонагӣ.** Машқи 87.

Мустаҳкамкунии вазифаи хонагӣ.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Кори инфиродӣ.

*Супориш*: Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз китоби дарсӣ машқи 93-ро хонанд ва интихобан 5 калимаро аз он бо нимтире ба ҳиҷо ҷудо карда нависанд.

Баъдан:
- Кори худро ба ҳамнишинашон нишон диҳанд;
- Ғалатҳоро ислоҳ намуда, калимаҳои хатошударо аз нав дар шакли дуруст нависанд.

**Муаррифӣ ва мубоҳиса** дар атрофи натиҷаи супориш. Ба воситаи савол омӯзгор хонандагонро бо хелҳои ҳиҷо ошно месозад.

*Савол*:

- Ҳиҷоҳо аз кадом овозҳо иборатанд?
- Ҳангоми ба ҳиссаҳо тақсим намудани калима, миқдори ҳиҷоҳо ба чӣ вобастагӣ дорад?
- Кадом ҳиҷоҳои калима бо садонок тамом шуданд? Чунин ҳиҷоҳоро чӣ меноманд?
- Кадом ҳиҷоҳои калима бо ҳамсадо тамом шуданд? Чунин ҳиҷоҳоро чӣ меноманд?

**Кори гурӯҳӣ.** Омӯзгор ҷадвали дар зер омадаро дар тахтаи синф мекашад ва ба хонандагон супориш медиҳад.

*Супориш*:

- Ҷадвалро ба дафтаратон кашед;
- Матни машқи 95-ро аз китоби дарсӣ хонед;
- Калимаҳои ишорашудаи матнро ба ҳиҷоҳои кушода ва баста гурӯҳбандӣ намоед;
- Кори гурӯҳро ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

*Ҷадвал*:

| **Ҳиҷои кушода** | **Ҳиҷои баста** |
|---|---|
| | |

*Намуна*:

| **Ҳиҷои кушода** | **Ҳиҷои баста** |
|---|---|
| бо-бо<br>хо-ла | сад-барг<br>мак-таб |

**Кори инфиродӣ**. Ташкил ва гузаронидани бозии «Се нафар». Омӯзгор дар тахтаи синф ҷадвали дар зер омадаро мекашад ва ба хонандагон супориш медиҳад.

**Супориш**:

- Ҷадвалро ба дафтаратон кашед;
- Калимаҳоеро ёбед, ки дуҳиҷодор, сеҳиҷодор ва чор ҳиҷодор бошанд;
- Беғалат калимаҳоро мувофиқи миқдори ҳиҷоҳо дар ҷадвал ҷой диҳед;
- Кори худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ**

**5.Вазифаи хонагӣ:**

1.Иҷрои машқи 96;

2.Аз рӯзномаҳои гуногун бурида овардани матни табрикнома (ҳар як хонанда бояд на камтар аз 3-то табрикнома оварад).

**14.КОР БО МАТНИ ТАБРИКНОМА. ШИНОХТАНИ МАТНИ ТАБРИКНОМА- 1 СОАТ (дарси 1)**

**Салоҳиятҳо:**

- дарки матни хаттӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- проблемаро муайян карда тавонанд;
- бо ғалатҳои матни табрикнома кор карда тавонанд;
- табрикномаҳоро гурӯҳбандӣ карда тавонанд;
- дар асоси унсури омӯхташаванда «шиноснома» таҳия карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, хазинаи матнҳои табрикнома

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Вазифаи хонагӣ:** Машқи 96.

Баёни мавзӯи нав.

1) **Кори инфиродӣ.**

**Супориш**: Омӯзгор ба хонандагон якчанд матнро аз хазина (дар бораи «хазина», «хазинаи мавод» дар замимаи ҳамин роҳнамо маълумот оварда шудааст) пешниҳод мекунад ва супориш медиҳад, ки навъи матнро муайян намоянд. Хонандагон бо матнҳо шинос шуда, мақсади матнро муайян мекунанд.

2) **Кори дунафара.**

**Супориш**. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки ҷадвали зеринро ба дафтарашон кашанд. Бо хазинаи табрикномаҳо шинос шуда (хонандагон дар гурӯҳи дунафара аз маводди ҳамроҳ овардаашон истифода мебаранд, дар сурати набудани маводди хонандагон омӯзгор аз хазинаи худаш тақсим мекунад), табрикномаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намоянд ва дар ҷадвал қайд кунанд. Онҳо аз ҳамдигар чӣ фарқ доранд? Аз рӯи кадом нишонаҳо ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст?

| 1 | 2 | 3 | 4 |
|---|---|---|---|
| | | | |
| | | | |
| | | | |

(Онҳо аз ҳамдигар аз ҷиҳати мавзӯъ (ба кадом муносибат), мақсад, дараҷаи эътимоднокӣ, сохтор, воситаи забонӣ, сифати чоп, ҳусни хат, ба кӣ нигаронида шудани табрикот (фардӣ ё хусусӣ) ороиш…фарқ карда метавонанд? Табрикнома аз ҷониби кӣ навишта мешавад?

*Супориши № 3. Ба гурӯҳи дунафараи дигар.*

Кори худро муаррифӣ намоед, фикру андешаи ҳамсинфони худро гӯш кунед ва ба ҷадвали худ иловаҳо ворид намуда, ҷадвали умумӣ омода намоед.

| 1 | 2 | 3 | 4 | 5 |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

*Супориши 4.*

- Ҷадвали кори гурӯҳи худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед;
- Андешаҳои ҷолиброқайд намоед;
- Муайян кардани хусусияти ҳар як гурӯҳи табрикнома.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

**3.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**4.Вазифаи хонагӣ.** Ҷамъоварии матни табрикномаҳо, муайян кардани хусусияти табрикномаҳо.

## 14.КОР БО МАТНИ ТАБРИКНОМА. ТАҲИЯИ ШИНОСНОМАИ ТАБРИКНОМА - 1 СОАТ (дарси 2)

**Салоҳиятҳо:**

- баҳодиҳӣ ба матни хаттӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- проблемаро муайян карда тавонанд;
- бо хазинаи мавод кор карда тавонанд;
- махсусияти гуногунии унсурҳои хазинаро муайян карда тавонанд;
- унсурҳои матнро гурӯҳбандӣ карда тавонанд;
- шиносномаи табрикномаро таҳия карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, матнҳо.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Ба хотир овардани машғулияти гузашта оид ба навъҳои гуногуни табрикнома

Дар дарси гузашта бо матни табрикномаҳои хазина шинос шуда, фарқияти табрикномаҳоро муайян карда, онҳоро аз рӯйи якчанд аломат гурӯҳбандӣ ва ё рақамгузорӣ кардем (аз рӯйи мавзӯъ, мақсад, ба кадом муносибат навишта шудани табрикнома, дараҷаи эътимоднокӣ, сохтор, воситаи забонӣ, ороиш, ҳусни хат…).

**Кор дар гурӯҳҳои хурд**

**Супориш**: бо хазинаи табрикномаҳо шинос шуда, аломатҳои асосии табрикномаҳоро муайян кунед.

- Табрикнома ба кадом муносибат навишта шудааст? (ба рӯзи ид, ҷашнвора, зодрӯз, хатми мактаб…);
- Орзую нияти табриккунанда бо забони шево ва хати хоно навишта шудааст;
- Суханони бозарофат, малеҳ, порчаҳои шеърӣ истифода шудааст;
- Калимаву ибораҳои ҷолиб, таъсирбахш дорад;
- Табрикнома бо маҳорати хуб ороиш ёфтааст.
- Табрикнома муроҷиат, адресат (табрикшаванда), таманно, адресант (табриккунанда) дорад.

Пас аз анҷоми қадами мазкур омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад, ки дар асоси аломатҳои асосии табрикнома «шиноснома»-и онро омода созанд.

*Дар ин маврид омӯзгор хонандагонро роҳнамоӣ мекунад, ки қисматҳои ҳатмии табрикномаро ба хотир оваранд, аммо ҳеҷ гоҳ ба онҳо намунаи тайёрро намедиҳад. Хонандагон бояд қисматҳои ҳатмии табрикномаро омода сохта, шартҳои зеринро ба назар бигиранд. Намуна*:

- Номи ҳуҷҷат;
- Мухотаб;
- Таманниёт (фикр мухтасар, ҳадаф аниқ, мавзӯи муайян);
- Адресат(табрикшаванда) ва адресант (табриккунанда);
- Қисмҳои бо якдигар алоқаманди матн;

*Қоидаҳои асосӣ:*

- Хатти хоно ва беғалат;
- Барои ба ҳадаф ноил гардидан истифода аз воситаҳои бадеии забонӣ;
- Ороиши ҷолиб.

**4.Вазифаи хонагӣ.**

*Супориш*:

- Такмил ва омода кардани «шиноснома»-и табрикнома;
- Аз матн ҷудо кардани калимаҳо ва таҳлили таркиби морфологии онҳо.

## 14. КОР БО МАТНИ ТАБРИКНОМА. БАҲОДИҲӢ БА МАТНИ ТАБРИКНОМА (дарси 3)

**Салоҳиятҳо**:

- баҳодиҳӣ ба матни хаттӣ.

**Мақсадҳои дарс**:

- ҷамъоварӣ ва фаъолият бо хазинаи мавод;
- муайян кардани махсусияти гуногунии унсурҳои хазина;
- эҷоди «шиноснома»-и унсури омӯхташаванда;
- коркарди қоида барои тартиби табрикнома;
- санҷидани қоида.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ ва идомаи мавзӯъ.** Ба хотир овардани машғулияти гузашта оид ба тартиб додани «шиноснома»-и табрикнома. Қисматҳои табрикномаро ёдовар мешавем:

- муроҷиат;
- таманниёт;
- табриккунанда.

1) Кори инфиродӣ.

*Супориши № 2.*

- Таҳияи матни табрикнома ва арзёбии матн дар асоси «шиноснома»;
- Муайян кардани қоидаҳои асосӣ барои таҳияи матни табрикнома.

Кор дар гурӯҳҳои хурд

*Супориши № 3.*

Таҳияи матни табрикнома ва санҷиши қоида («шиноснома») дар асоси хазинаи (бонкӣ) табрикнома.

Муаррифии кори гурӯҳ ва ворид намудани иловаҳои ба «шиноснома»-и табрикнома.

**3.Супориши вазифаи хонагӣ:** Таҳияи табрикнома дар мавзӯъҳои гуногун.

## 15.ТАКРОРИ БОБИ «ОВОШИНОСӢ (ФОНЕТИКА), ИМЛО ВА ТАЛАФФУЗ»

**Салоҳиятҳо:**

- донистани низоми фонетикии забони тоҷикӣ дар сатҳи ҷудо кардани фонемаҳои садонок, ҳамсадо, имлои онҳо, пойгоҳи талаффузи забони тоҷикӣ, сохти ҳиҷои тоҷикӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- дар асоси мисолҳо фонемаҳои забони тоҷикиро ҷудо карда тавонанд;
- аз рӯйи хусусиятҳои овозӣ фонемаҳоро гурӯҳбандӣ карда тавонанд;
- малакаҳои талаффузӣ ва имлоиро такмил бахшанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс.**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Таҳияи табрикнома дар мавзӯъҳои гуногун. Интихобан шунидани табрикномаи хонандагон ва муҳокимаи онҳо.

3.Баёни мавзӯи нав. Кор дар гурӯҳҳои хурд:

**Гурӯҳи 1**. Иҷрои шарти машқи 104;
**Гурӯҳи 2.** Иҷрои шарти машқи 105;
**Гурӯҳи 3.** Иҷрои шарти машқи 106;
**Гурӯҳи 4.** Иҷрои шарти машқи 107.
Омодагии ҳамаи гурӯҳҳо ба муаррифӣ.

**Супориш**: Талаффузи калимаҳои ҷуфт. Кори гурӯҳӣ. Омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд ҷудо намуда, ҷадвали дар зер омадаро дар тахтаи синф кашида, супориш медиҳад. Супоришро омӯзгор метавонад дар тахтаи синф нависад ё пешакӣ дар вароқи калони сафед (ватман) навишта, дар тахтаи синф овезон намояд.

*Супориш*:

- Ба гурӯҳҳои хурд ҷудо шавед;

- Ҷадвалро аз тахтаи синф ба дафтаратон кашед;
- Дар гурӯҳ муҳокима намуда, мазмуни калимаҳои ҷуфтро шарҳ диҳед;
- Кори гурӯҳи худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

*Ҷадвал*:

| **Калимаҳои ҷуфт** | **Калима** | **Шарҳ** | **Калима** | **Шарҳ** |
|---|---|---|---|---|
| зард-сард | зард - | | сард - | |
| нам-кам | | | | |
| васл-фасл | | | | |
| ҷой-чой | | | | |
| шир-шер | | | | |
| шод-шуд | | | | |
| дар- зар | | | | |
| гул-гӯл | | | | |
| хуб-хоб | | | | |

*Намуна*:

| **Калимаҳои ҷуфт** | **Калима** | **Шарҳ** | **Калима** | **Шарҳ** |
|---|---|---|---|---|
| зард-сард | зард | ранг | сард | хунук |
| нам-кам | | | | |
| васл-фасл | | | | |
| ҷой-чой | | | | |
| шир-шер | | | | |
| шод-шуд | | | | |
| дар- зар | | | | |
| гул-гӯл | | | | |
| хуб-хоб | | | | |

**Муаррифии кори гурӯҳҳои хурд**. Омӯзгор хонандагонро ба он равона месозад, ки ҳангоми иваз шудани овози калима мазмуни он тағйир меёбад. Барои мустаҳкамкунии донишҳои мавҷуда ва нав омӯзгор метавонад бозии «Сирри ҳарф» ё «Кӣ аз ҳама зиёд ҳарфу калима медонад?) (масалан: себ-осеб, сар-асар, сара, зар- озар, нор-анор) мегузаронад. Инчунин супориши иловагӣ дода метавонад.

*Супориш*:

- Дар талаффузи овозҳои б, п, в, м, н, т, ш, кадом узвҳои нутқ иштирок мекунанд?
- Барои овозҳои зерин ҷуфтҳои муносиб, калимаҳо пайдо кунед.

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5.Вазифаи хонагӣ:** кор аз рӯйи саволномаҳои китоби дарсӣ доир ба такрори қисмати овошиносӣ.

## 16.МАВЗӮИ БАҲСИ НАҲВ. ИБОРА

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;

- шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода;
- шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ибора ва ҷумларо фарқ карда тавонанд;
- воситаҳои алоқа дар ибораро шинохта ва ҷудо карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс.**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Кор аз рӯйи саволномаҳо оид ба такрори боби овошиносӣ.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Кори дунафара. Машқи 108. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки исмҳоро бо нишон додани ягон аломаташон нависанд.

**Супориш**:

- Баибораҳои ҳосилшуда диққат диҳанд;
- Аз ибораҳо истифода бурда ҷумла созанд;
- Ҷумлаҳои худро ба рафиқи ҳамнишинашон нишон диҳанд;
- Ғалатҳои худро ислоҳ намоянд;
- Ҷумлаҳои худро ба аҳли синф хонанд ва ё дар тахтаи синф нависанд.

Таҳияи шиноснома барои ибора. Ҷадвалро дар тахтаи синф кашед, бо ёрии хонандагон онро дар асоси чанд мисол пур кунед.

Намуна:

| Унсури омӯхташаванда (ибора) | Аломат | Моҳияти аломат |
|---|---|---|
| Китоб | Мустақилмаъно | Ҷузъи асосӣ, сухан дар бораи он меравад, мафҳумро ифода мекунад |
| -и | Бандаки изофӣ | Алоқаманд месозад |
| дарсӣ | Калимаи мустақилмаъно | Ба калимаи китоб тобеъ мешавад, хусусияти онро мефаҳмонад |

Аз мисолҳои дар шиноснома таҳлилшуда қоида бароварда мешавад. Омӯзгор ҷумлаҳои зеринро дар тахта менависад ва аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки онҳоро дар такя ба шиноснома пурра созанд:

*1.Ду калима ба ҳам алоқаманд шаванд, ............ номида мешаванд.*

*2.Дар ибора як калима ба калимаи дигар .............. мешавад.*

*3.Дар ибора будани ду калимаи ................... ҳатмист.*

*4.Дар ибора калимаҳо бо ёрии ........... ..........., .......... ......... ба ҳам алоқаманд мешаванд.*

Мустаҳкам кардани мавзӯи дарс. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки машқи 108-ро аз китоби дарсӣ иҷро намоянд. Пас аз иҷрои супориш хонандагон бо навбат натиҷаи кори худро муаррифӣ менамоянд.

Омӯзгор барои арзёбии дониши хонандагон чанд савол пешниҳод мекунад. Фикру андешаҳои хонандагон бо навбат шунида мешавад. Ба омӯзгор бештар лозим аст, ки хонандагони камфаъолро ба машғулият ҷалб намояд.

**Савол**:

- Инсон ба воситаи чӣ ақидаи худро иброз менамояд?
- Ибора аз ҷумла чӣ фарқ дорад? Мисол оваред.
- Оё як калима ҷумла шуда метавонад? Мисол оваред.

1) **Вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи 113.

## 17. ҶУМЛА. ҶУМЛАИ СОДА ВА НАВЪҲОИ ОН АЗ РӮЙИ ОҲАНГ

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;
- шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ҷумлаҳои содаро ҷудо карда тавонанд;
- дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ навъҳои иртиботии ҷумларо ҷудо карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс.**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Машқи 113.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Кори инфиродӣ ва дунафара. Омӯзгор дар тахтаи синф ҷадвали дар зер омадаро мекашад. Аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки китоби дарсиро кушода, ба машқи 116 зеҳн монда, супоришро иҷро намоянд.

*Супориш*:

- Машқи 116-ро аз  китоби дарсӣ ёбед;
- Инфиродӣ бодиққат хонед;
- Ҷадвали дар тахтаи синф бударо ба дафтаратон кашед;
- Тибқи мақсаду оҳанг ҷумлаҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намоед;
- Кори худро ба рафиқи ҳампаҳлуятон нишон диҳед;
- Ғалатҳои худро ислоҳ намоед.

*Ҷадвал*:

| **Ҷумлаи хабарӣ (хабар додан)** | **Ҷумлаи саволӣ (савол додан)** | **Ҷумлаи амрӣ (фармон додан)** | **Ҷумлаи хитобӣ (хитоб намудан)** |
|---|---|---|---|
| | | | |

Намуна:

| **Ҷумлаи хабарӣ (хабар додан)** | **Ҷумлаи саволӣ (савол додан)** | **Ҷумлаи амрӣ (фармон додан)** | **Ҷумлаи хитобӣ (хитоб намудан)** |
|---|---|---|---|
| Дар даромадгоҳи нақб одаму об | Чаро хомӯшед? | Ба хона рав | Эй рӯд, эй тифли нозпарвари ман! |

| | | | |
|---|---|---|---|
| гиребонгири якдигар буданд. | | | |

**Мубоҳиса ва муҳокимаи умумӣ**. Омӯзгор пас аз муаррифии кори хонандагон, мубоҳиса ташкил намуда, донишҳои онҳоро ба воситаи саволҳо мустаҳкам менамояд.
*Савол*:
- Инсон барои баён намудани марому мақсади худ кадом хелҳои ҷумларо истифода мебарад?
- Оё аломатҳои китобат дар байни марому мақсад ягон нақш бозида метавонанд? Кадом?
- Дар нутқи хаттӣ оҳанги ин ҷумлаҳо ба воситаи чӣ ишора меёбанд? Кадом? Мисол оваред.

**Кори гурӯҳӣ.** Омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд ҷудо намуда, супориш медиҳад.
*Супориш*:
- Ҷумлаҳоро бодиққат хонед;
- Хели ҷумлаҳоро муайян намоед ва шарҳ диҳед;
- Кори худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед;
- Ғалатҳои худро ислоҳ намоед.

**Гурӯҳи 1.** Машқи 117.
**Гурӯҳи 2**. Машқи 119.
**Гурӯҳи 3.** Машқи 125.
**Гурӯҳи 4.** Машқи 130.
Муаррифии кори гурӯҳҳо.
**Ҷамъбаст** ва хулосаи омӯзгор. Омӯзгор аз натиҷаи кори гурӯҳҳо дар бораи хелҳои ҷумла маълумотро пурратар месозад.

**3.Вазифаи хонагӣ:** Машқи 133.

## 18. АЪЗОИ ҶУМЛА. САРАЪЗОҲОИ ҶУМЛА

**Салоҳиятҳо:**
- шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзои ҷумла.
- шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:
- дар нутқи мураттаби шифоҳӣ ва хаттӣ мубтадо ва хабарро ҷудо карда тавонанд;
- тавассути саволгузорӣ соҳиби амал ва худи амали иҷрошавандаро ёфта тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:
**1.Ташкили дарс:**
- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Машқи 133.
**3.Баёни мавзӯи нав.** Кори инфиродӣ ва дунафара. Омӯзгор дар тахтаи синф ҷадвали дар зер омадаро мекашад ва аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки
- бо матни машқи 135 аз китоби дарсӣ шинос шаванд;
- ҷадвалро ба дафтаратон кашанд;

- калимаҳое, ки ба саволҳои сутунчаҳои ҷадвал ҷавоб мешаванд, дар ҷадвал қайд намоянд;
- кори худро ба рафиқашон нишон диҳанд, ғалатҳои худро ислоҳ намоянд;
- барои муаррифӣ омода шаванд.

*Ҷадвал*:

| Чӣ кор мекунад, чӣ мешавад? чӣ шуд? чӣ хел аст? кист? чист? (амал) | Кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо? (иҷрокунандаи амал) |
|---|---|
| | |

*Намуна*:

| Чӣ кор мекунад, чӣ мешавад? чӣ шуд? чӣ хел аст? кист? чист? (амал) | Кӣ? киҳо? чӣ? чиҳо? (иҷрокунандаи амал) |
|---|---|
| зиндагӣ мекунад<br>мегӯянд | бобо<br>мардум |

Муаррифии натиҷаи супориш. Омӯзгор бо навбат супоришро натиҷагирӣ намуда, бо ҳамроҳии хонандагон ғалатҳои содирнамударо ислоҳ мекунанд. Пас аз муаррифии супоришҳо аз ҷониби омӯзгор супориши навбатӣ пешниҳод мегардад.

**Мустаҳкамкунӣ.** Иҷрои машқи 136. Шарти машқ дар китоби дарсӣ оварда шудааст.

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**4.Вазифаи хонагӣ:** Машқи137.

## 19. АЪЗОИ ПАЙРАВИ ҶУМЛА

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзои ҷумла.
- шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- дар матни хаттӣ аъзои пайрави ҷумларо ҷудо карда тавонанд;
- тавассути саволгузорӣ сараъзои ҷумларо муайян карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.**

**Саволҳо.**

**3.Баёни мавзӯи нав.** Кори инфиродӣ ва дунафара. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки бо матни машқи 148 шинос шаванд. Пас аз гузаштани 2-3 дақиқа ба хонандагон супориши навбатӣ медиҳад.

**Супориш**: Машқи 152-ро аз китоби дарсӣ иҷро кунанд.

- Дар зери хабар ду хатти рост кашанд.
- Дар зери калимаҳое, ки ба саволҳои киро? чиро? аз кӣ? аз чӣ? ба кӣ? ба чӣ? ҷавоб мешаванд, хатти шикаста кашанд (-----------);

**Супориш**: Иҷрои машқи 154. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба ҷойи нуқтаҳо муайянкунандаҳои мувофиқ гузоранд.

- Гӯянд, ки онҳо бар эзоҳи кадом аъзои ҷумла омадаанд.
- Дар зери калимаҳое, ки ба саволҳои чӣ хел? кадом? чандум? ҷавоб мешаванд, хатти мавҷнок кашанд;

**Супориш**: Иҷрои машқи 156. Диктанти шунавоӣ.

- Баъди қироат матн ба бачаҳо пешниҳод гардад, онҳо дар муқоиса камбудиҳои худро меёбанд;

**Супориш**: Иҷрои машқи 157 аз китоби дарсӣ. Омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад, ки ҷумлаҳоро хонанд, ба калимаҳои ишорашуда савол гузоранд ва маънии онҳоро шарҳ диҳанд.

- Дар зери калимаҳое, ки ба саволҳои кай? аз кай? то кай? куҷо? ба куҷо? аз куҷо? чаро? бо кадом сабаб? чӣ тавр? чӣ тарз? чӣ қадар? ҷавоб мешаванд, хатти тире- нуқта (_ . _ . _ . _ ._) кашанд;

**Супориш**: кори дунафара. Иҷрои машқи 158. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба ҷойи саволҳо калимаҳои мувофиқро гузошта, ҷумла созанд. Хелҳои ҳолро муайян намуда савол гузоранд. Сипас, кори худро ба ҳамнишинашон нишон диҳанд; ғалатҳои худро ислоҳ намоянд; барои муаррифӣ омода шаванд.

**Муаррифӣ** ва мубоҳиса дар атрофи натиҷаи фаъолияти хонандагон.

**Супориш**: Кори инфиродӣ. Омӯзгор ба хонандагон супориши навбатиро медиҳад.

**Мустаҳкамкунӣ.** Машқи 159.

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5.Вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи 161.

## 20. ҶУМЛАҲОИ ХУЛЛАС ВА ТАФСИЛӢ, ҶУМЛАҲОИ СОДАИ ЯКТАРКИБА ВА ДУТАРКИБА

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;
- шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- дар нутқи хаттӣ ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба ҷудо карда тавонанд;
- дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркибаро кор фармуда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 161. Аз рӯйи нақшаҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Кори инфиродӣ. Омӯзгор дар тахтаи синф ҷадвали дар зер омадаро мекашад ва ба хонандагон супориш медиҳад.

*Супориш*:

- Бо супориши машқи 162 –и китоби дарсӣ шинос шавед;
- Дар сутуни якум ҷумлаҳоеро нависед, ки мубтадо надоранд, дар сутуни дуюм ҷумлаҳоеро нависед, ки мубтадо ва хабар доранд.

*Ҷадвал*:

| **Ҷумлаҳое, ки иҷрокунандаи амал (мубтадо) надоранд** | **Ҷумлаҳое, ки амал ва иҷрокунандаи амал (мубтадо) доранд** |
|---|---|
| | |

*Намуна*:

| **Ҷумлаҳое, ки иҷрокунандаи амал (мубтадо) надоранд** | **Ҷумлаҳое, ки амал ва иҷрокунандаи амал (мубтадо) доранд** |
|---|---|
| а) Аз ҷо бархостам. | б) Сояи дарозам ба сатҳи занҷирмонанди дарё мавҷ мезад. |

**Кори инфиродӣ.** Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ба машқи 163 таваҷҷуҳ кунанд, мувофиқи супориши машқ амалҳоро иҷро кунанд. Пас аз иҷрои супориш ва натиҷагирӣ аз ҷониби омӯзгор ба аҳли синф савол пешниҳод мешавад.

*Савол*: Гӯед, ки дар ифодаи маънӣ чӣ дигаргунӣ ба амал омад, онҳо аз ҳам чӣ фарқ доранд? Шунидани фикру андешаҳои хонандагон ва натиҷагирии мақсади дарс.

Иҷрои машқи 164.

- Машқи 170. Матнро ифоданок хонед. Аввал ҷумлаҳои мубтадо ва хабардоштаро ҷудо карда, ба дафтаратон нависед, баъд ҷумлаҳоеро, ки ё хабар ва ё мубтадо надоранд.
- Машқи 171. Хонед, ҷумлаҳои дутаркиба ва яктаркибаашро ёбед. Гӯед, ки кадом ҷумлаи яктаркиба мубтадо надораду кадомаш хабар.

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5.Вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи 172. Ҷумлаҳои дутаркибаро (гурӯҳи якум) ба яктаркиба ва ҷумлаҳои яктаркибаро (гурӯҳи дуюм) ба дутаркиба баргардонед.

## 21.ҶУМЛАҲОИ ЧИДААЪЗО ВА МАВҚЕИ ВЕРГУЛ ДАР ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;
- шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода;
- шинохтан ва ҷудо кардани аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои сода.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ аъзои чидаи ҷумларо фарқ карда тавонанд;

- ➢ дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ ҷумлаҳои чидааъзоро истифода карда тавонанд;
- ➢ аломатҳои китобиро дар ҷумлаҳои чидааъзо дуруст гузошта тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 172. Ҷумлаҳои дутаркибаро (гурӯҳи якум) ба яктаркиба ва ҷумлаҳои яктаркибаро (гурӯҳи дуюм) ба дутаркиба баргардонед.

**3.Баёни мавзӯи нав.**

Кори инфиродӣ.

**Супориш**:

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки машқи 166-ро хонда, ба калимаҳои ишорашуда савол гузоранд, аломатҳои китобатро дар байни калимаҳои ишорашуда шарҳ диҳанд ва гӯянд, ки аломатҳои китобат дар байни ин калимаҳо чӣ вазифаро иҷро кардаанд.

**Супориш**:

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки машқи 168-ро хонанд ва гӯянд, ки оё дар ҳама маврид ба ҷойи аломати вергул пайвандаки “ва” ё “-у” мондан мумкин аст? Агар не, чаро?

Дар ҷое, ки “ва”, “-у” мондан мумкин нест, аз мавриде, ки “ва”, “-у” мондан мумкин аст, чӣ фарқ доранд?

**Шарҳ барои омӯзгор**: *агар пайвандаки “ва” ё “–у” гузоштан мумкин бошад, онҳо аъзои чида шуда метавонанд, агар ин пайвандакҳоро гузоштан мумкин набошад, онҳо аъзои эзоҳӣ, туфайлӣ ё хулосакунандаанд, аммо хонандагони синфи 5 ҳанӯз инро намедонанд. Ба онҳо танҳо фаҳмондан лозим аст, ки агар пайвандакҳои “ва”, “-у”, “ё” гузоштан имкон дошта бошад, аъзои чида мешаванд.*

4.Супориши вазифаи хонагӣ. Машқи 169. Ашёи синфатонро бо овардани миқдор ва хусусиятҳояшон дар ҷумлаҳо тасвир намоед. Гӯед, ки бештар кадом аъзои ҷумла чида шудаанд ва чаро.

## 22.МУХОТАБ. ТАРЗИ ТАҲЛИЛИ ҶУМЛАИ СОДА

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва дар матн ҷудо карда тавонистани ибора, ҷумла, хелҳои ҷумла, аъзоҳои ҷумла;
- шинохтан ва ҷудо кардани хелҳои ҷумлаи сода;
- шинохтан ва ҷудо кардани аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои сода;
- ҷумлаи содаро таҳлили грамматикӣ карда тавонистан.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- ➢ мухотабро дар ҷумла ҷудо карда тавонанд;
- ➢ оҳанги талаффузро дар мухотаб риоя карда тавонанд;
- ➢ ҷумлаи содаро таҳлили грамматикӣ карда тавонанд;
- ➢ аломатҳои шартии аъзои ҷумларо донанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:
**1.Ташкили дарс:**
- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.
**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Машқи 169. Ашёи синфатонро бо овардани миқдор ва хусусиятҳояшон дар ҷумлаҳо тасвир намоед. Гӯед, ки бештар кадом аъзои ҷумла чида шудаанд ва чаро.
**3.Баёни мавзӯи нав.**
**Супориш**: Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ба **машқи 173** таваҷҷуҳ кунанд, онро хомӯшона хонанд. Пас аз шиносоии хонандагон бо матн интихобан аз ду-се нафар хоҳиш кунед, ки шеърро бурро хонанд. Дар баробари ин хонандагони дигарро таъкид намоед, ки ба хониши ҳамсинфонашон диққат диҳанд ва гӯш кунанд. Хонандагонро пурсед, ки кадоме аз ин се нафар шеърро дуруст ва фаҳмо қироат кард. Барои чӣ қироати яке аз дигаре фарқ кард, чаро хониши хонандаи 1 аз хонандаи 2 беҳтар буд? Дар қироати хонандаи 2 (3) чӣ норасоӣ буд?
**Шарҳ барои омӯзгор:** *Мақсад ин аст, ки хонандагон оҳанги талаффузи мухотабро омӯзанд, нақши аломатҳои китобии гузошташударо фаҳманд, донанд, ки мухотаб бо оҳанги махсус талаффуз карда мешавад.*

**Супориш**: *Аз як нафар хонанда хоҳиш кунед, ки назди тахта омада, аломатҳои китобатро дар мисраи "Ту модарӣ, ягонаӣ" шарҳ диҳад. Мисраъро қироат кунед, аммо аломатҳои китобатро бигузор хонанда худаш гузорад. Ба хонандагони дигар супориши дунафарӣ диҳед, ки машқи 174-ро хонда, мавқеи аломатҳои китобиро шарҳ диҳанд, мухотабро дар матн нишон диҳанд (ҳар як ҷумларо аз як ҷуфт пурсидан мумкин аст.).*
*Азбаски гузоштани аломатҳои китобат дар мисраи "Ту модарӣ, ягонаӣ" душвортар аст, пас аз анҷоми супориш аз рӯйи машқи 175 баъдан мисраи аввали суруди миллӣ таҳлил карда шавад.*

Ҳамин тариқ, ба таҳлили наҳвии ҷумлаи сода мегузарем ва аз мисоли дар тахта навишташуда омӯзгор мубтадо ва хабарро нишон дода, аломатҳои шартии онҳоро мегузорад.
1. _________ - мубтадо
2. ═══════ - хабар
2.〰〰〰- муайянкунанда
3._ _ _ _ _ _ - пуркунанда
4. _ ._._._._._._ - **ҳол**

**Супориш:** Кори гурӯҳӣ: Гурӯҳи 1. Аз китоби дарсӣ "Тарзи таҳлили ҷумлаи содаро хонда, шарҳ омода мекунад; Гурӯҳи 2. Аз китоби дарсӣ "намунаи таҳлил ва таҳлили шифоҳӣ"-ро хонда муаррифӣ мекунад; Гурӯҳи 3 шарти Машқи 175-ро иҷро мекунад ва муаррифӣ месозад; Гурӯҳи 4 шарти машқи 176-ро иҷро ва муаррифӣ мекунад.
**4.Ҷамъбаст ва арзёбии кори гурӯҳҳо.**
**5.Супориши вазифаи хонагӣ.** Навиштани хабари шунида аз телевизион ё радио, таҳлили пурраи як ҷумлаи он.

## 23.ҶУМЛАИ МУРАККАБ

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн, пайвандакҳо дар ҷуммлаҳои мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- дар нутқи хаттӣ ҷумлаҳои мураккабро ҷудо карда тавонанд;
- дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ ҷумлаи мураккабро истифода бурда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**Супориши вазифаи хонагӣ.** Навиштани хабари шунида аз телевизион ё радио, таҳлили пурраи як ҷумлаи он.

**2.Баёни мавзӯи нав:** Омӯзгор дар тахтаи синф чанд ҷумлаи мураккабро менависад ва ба аҳли синф савол медиҳад.

*Ҷумлаҳо*:

- Шамол торафт шиддат мекард ва рӯйи ҳаво аз ғубор тиратар мешуд.
- Дари кӯча ғижжос карда кушода шуда, садои помонии Пӯлод шунида шуд.
- Онҳо беист гап мезаданду мо гӯш мекардем.
- Чашми падару писар аз дар канда намешуд ва гӯши онҳо мунтазири шарфаи по буд.

**Савол**:

- Ҷумлаҳои мураккаб аз чанд ҷумлаи сода иборатанд?
- Ба кадом восита ҷумлаҳои сода ба ҳам пайваст шудаанд?
  Иҷрои машқҳои 178-179 (шифоҳӣ) ва 181 (хаттӣ).

**Кори инфиродӣ ва дунафара**. Омӯзгор ҷумлаҳои дар зер омадаро ба хонандагон дикта мекунад. Пас аз навиштани ҷумлаҳо ба хонандагон супориш медиҳад.

***Супориш***:

- Ҷумлаҳоро мустақилона хонед;
- Ҷадвалро бадафтаратон кашед;
- Ҷумлаҳои мураккабро тибқи миқдори ҷумлаҳои сода дар ҷадвал ҷой диҳед ва воситаи алоқаи ҷумлаҳои содаро дар ҷумлаҳои мураккаб қайд намоед;
- Кори худро ба рафиқатон нишон диҳед;
- Ғалатҳои худро ислоҳ намоед;
- Барои муаррифии коратон омода шавед.

*Ҷадвал*:

| **Ҷумлаи мураккабие, ки аз ду ҷумлаи сода иборат аст** | **Воситаи алоқа** | **Ҷумлаи мураккабе, ки зиёда аз ду ҷумлаи сода иборат аст** | **Воситаи алоқа** |
|---|---|---|---|
| | | | |

*Ҷумлаи мураккаб*:

- Рӯз равшан шуда буд, аммо дар гирду атроф касе наменамуд.
- Чой омад, дастархон паҳн гардид ва бар рӯйи дастархон нон ва лаълии чоршарбат гузошта шуд ва боз суҳбат давом кард.

- Дар ин вақт ронанда ба ҷояш омада нишаст ва мотор садои муқаррарӣ баровapда ба кор даромаду мо ҳам савор шудем.
- Ятим берун баромада истод ва баъд аз чанд дақиқа як посбон омада, ӯро гирифта ба сағирхона бурд.
- Тобистон рафту тирамоҳи пурнозу неъмат омад.
- Биёбони васеъ монанди шаби торик буд ва касе чизе дида наметавонист.
- Занг зада шуд, талабагон ба синф даромаданд.

**Мубоҳиса ва муҳокимаи умумӣ.** Омӯзгор ҳангоми муҳокима ба мавқеи пайвандакҳо дар ҷумлаи мураккаб низ аҳамият медиҳад. Дар бораи ҷумлаи мураккаби пайваст ва тобеъ маълумоти умумӣ медиҳад.

**3.Арзёбӣ**

**4.Вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи 182. Пайвандакҳои *«ва, вале, ки, вақте ки, агар»*- ро истифода бурда ҷумла созед.

## 24.МУКОЛАМА. АЛОМАТИ ТИРЕ ДАР МУКОЛАМА

**Салоҳиятҳо:**

- истифодаи интонатсия барои ифодаи аломатҳои китобат дар охири ҷумла.
- истифодаи задаи мантиқӣ ба калима ва ибораҳое, ки дар ҷумлаҳои мушаххас ҳамчун ахбори нав (рема) ҳисоб меёбанд.

**Мақсадҳои дарс:**

- шинохтан ва ҷудо кардани муколама дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ;
- истифодаи муколама дар нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ;
- аломатҳои китобат дар муколама

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 182. Пайвандакҳои *«ва, вале, ки, вақте ки, агар»*-ро истифода бурда ҷумла созед.

1) Баёни мавзӯи нав. иҷрои машқҳои 185, 187,188, 189,190, 191 (шифоҳӣ), 186 (хаттӣ) - Кори дунафара. Омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳои дунафара тақсим намуда, супориш медиҳад:
   - Дар гурӯҳ муҳокима намуда, аз рӯйхат як самти суҳбатро интихоб намоянд;
   - Дар такя ба самти интихобшуда мавзӯъро муайян намуда, байни худ суҳбат намоянд;
   - Матни худро (суҳбат) ба дафтарашон нависанд;
   - Матни навиштаашонро ба ҳамдигар нишон диҳанд;
   - Ғалатҳои худро ислоҳ намоянд ва ба муаррифӣ омода шаванд.

*Самтҳо барои суҳбат*:

- Дар бозор (муколама байни савдогар ва харидор);
- Дар автобус (муколама байни талаба ва мӯйсафед);
- Дар хона (муколама байни писар ва падар);
- Дар мактаб (муколама байни директор ва омӯзгор);

- Дар хона (муколама байни духтар ва модар);
- Дар ҳавлии назди хона (муколама байни ҳамсоя ва ҳамсоя).

**Муаррифии муколамаҳо**и омодашуда аз ҷониби хонандагон. Омӯзгор бо аҳли синф баромади гурӯҳҳои дунафараро мушоҳида намуда, хонандагонро ба муҳокимаронӣ ҷалб мекунад.

Пас аз муаррифии натиҷаҳои гурӯҳҳои дунафара омӯзгор мухтасар ба хонандагон «Муколама чист?» шарҳ медиҳад ва хоҳиш менамояд, ки китоби дарсиро кушода, бо машқи 192-и «Муколама» шинос шаванд. (Гуфтугӯи ду ва чанд ҳамсуҳбатро муколама меноманд. Дар муколама сухани ҳар як шахс аз сархат ба аломати тире ва ҳарфи калон сар мешавад).

**Мубоҳиса ва муҳокимаи умумӣ.** Омӯзгор ба хонандагон чанд савол пешниҳод менамояд.

*Савол*:

- Дар кадом мавзӯъҳо байни ду ва зиёда одамон муколама гузаронидан мумкин аст?
- Дар муколама сухани ҳар як гӯянда чӣ тавр оғоз ёфтааст?
- Дар муколама кадом аломатҳои китобат нақши муҳим мебозанд? Мисол оваред.

**3.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**4.Супориши вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи 192. Ба матн тақлид карда, муколама тартиб диҳед.

- Аз рӯзномаву маҷаллаҳо 4 муколама интихоб намоед;
- Муколамаҳоро ба дафтаратон нависед;
- Барои муаррифии кори худ омодагӣ бинед.

## 25.НАМУНАИ ТАҲЛИЛИ НАҲВӢ

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва ҷудо кардани ҷумлаҳои мураккаб дар матн;
- пайвандакҳо дар ҷумлаҳои мураккаб, хелҳои ҷумлаҳои мураккаб;
- аломатҳои китобат дар ҷумлаҳои мураккаб.

**Мақсадҳои дарс:**

- шиносоӣ бо қоидаҳои таҳлили ҷумлаи мураккаб;
- ҷудо кардани ҷузъҳои ҷумлаи мураккаб.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 192. Ба матн тақлид карда, муколама тартиб диҳед.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Иҷрои машқи 183, 184, 194, 195,196,197,199.200 (шифоҳӣ), 193 (хаттӣ). Кори инфиродӣ. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз хазина яктоӣ матни хабарро интихоб намуда, аз он ҷумлаҳои мураккабро нависанд.

Таҳияи қоидаҳои таҳлили ҷумлаи мураккаб:

- Муайян кардани сарҳади ҷумлаҳои сода дар таркиби ҷумлаи мураккаб;

- Муайян кардани воситаи алоқа дар ҷумлаи мураккаб;
- Бо аломатҳо ишора кардани ҷумлаҳои таркиби ҷумлаи мураккаб.

**Кори мустақилона**. Иҷрои машқҳои 184.
**3.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**
**4.Вазифаи хонагӣ:** Аз рӯйи нақша ҷумла тартиб додан (машқи 199). Ба хонандагон супориш диҳед, ки:
- Аз рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ 5 ҷумлаи мураккаб интихоб намоянд;
- Ҷумлаҳоро ба дафтар нависанд;
- Ҷумлаҳоро таҳлили шифоҳӣ ва хаттӣ намоянд.

## 26. КОР БО МАТНИ ЭЪЛОН (Дарси 1)

**Салоҳиятҳо:**
- дарки матни хаттӣ

**Мақсадҳои дарс**:
- матни эълонро дарк карда тавонанд;
- навъҳои эълонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда тавонанд;
- эълонҳоро аз ҳамдигар фарқ карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:
**1.Ташкили дарс:**
- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Аз рӯйи нақша ҷумла тартиб додан (машқи 199)
**3.Баёни мавзӯи нав.**
**Кори инфиродӣ**. Кор бо хазинаи мавод (аз ҷониби омӯзгор хазинаи мавод ба хонандагон пешниҳод карда мешавад):

**Супориш**. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки:
- Бо хазинаи эълонҳо шинос шуда, эълонҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намоянд ва ҷадвалро дар дафтар кашанд ва қайд кунанд.

| Рақами эълонҳо | Хусусияти эълон (мазмуни эълон) |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |

1) Кори дунафара.

**Супориш**:
- Кори худро бо ҳамнишинашон муқоиса намоянд.
- Агар дар таснифоти ҳамнишинашон дигаргуние вуҷуд дошта бошад, дар ҷадвали умумӣ ворид созанд.

| рақами эълонҳо | хусусияти эълон (мазмуни эълон) |
|---|---|
| | |
| | |

| | |
|---|---|
| | |

**Кор дар гурӯҳҳои хурд.**

***Супориш***: Хонандагон

- Ҷадвали кори гурӯҳҳи худро муаррифӣ намоянд;
- Андешаҳои ҷолиброқайд намоянд;
- Ҳангоми муқоиса оё ягон савол пайдо шуд? Саволи пайдошударо нависанд.

**3.Вазифаи хонагӣ:**

- Ҷамъоварии навъҳои гуногуни эълон;
- Аз матни эълонҳо ҷумлаҳои мураккабро ҷудо карда, воситаи алоқаро дар онҳо муайян намудан.

**ТАҲИЯИ ШИНОСНОМАИ ЭЪЛОН (Дарси 2)**

**Салоҳиятҳо**:

- кор бо матни эълон.

**Мақсадҳои дарс**:

- навъҳои эълонро ҷудо кунанд;
- шиносномаи эълонро таҳия намоянд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

- Ҷамъоварии навъҳои гуногуни эълон;
- Аз матни эълонҳо ҷумлаҳои мураккабро ҷудо кунед, воситаи алоқаро дар онҳо муайян намоед.

**2.Баёни мавзӯи нав:** Кори инфиродӣ.

**Супориш**

- Ба хотир овардани машғулияти гузашта оид ба дарки матни эълон;
- Бо хазинаи эълонҳо шинос шуда, аломатҳои асосии эълонҳоро муайян намудан, ҷадвалро дар дафтар кашидан.

| Рақами эълонҳо | Аломатҳои асосии эълонҳо |
|---|---|
| | |
| | |
| | |
| | |

Дар тахтаи синф нақшаро мекашанд. Ҳар як хонанда баромада, ба он таснифоти худро илова мекунад. Эълонҳои хазинаро аз рӯйи кадом нишонаҳо тасниф карданд? Масалан, аз рӯйи мавзӯъ (фурӯши мошин, хона, телефонии мобилӣ…)

1) Кор дар гурӯҳҳои хурд.

**Супориш**. Дар асоси аломатҳои асосии эълон омода намудани «шиноснома» (паспорт)-и эълон.

Савол:

- Кадом нишона аҳамиятнок аст?
- Кадоме аз ин аломатҳо барои ба мақсад расидан мувофиқтар аст?

Масалан, аз рӯйи аломати фурӯш, аз рӯйи дизайн (тарҳ), шрифт (андоза ва шаклҳои ҳарф, хусусияти таблиғотӣ). Ин дарс дар асоси саволҳо, андешаҳои дарси гузашта оид ба таснифот ё гурӯҳбандии эълонҳо сурат мегирад.

2) Кор дар гурӯҳҳои хурд.

**Супориш**.

- ➢ Такмил ва пур кардани «шиноснома»-и эълон.
- ➢ Муаррифии «шиноснома»-и эълони гурӯҳ.

*Намунаи «Шиносномаи эълон»*:

- Номи ҳуҷҷат;
- Мухотаб;
- Мақсади асосӣ;
- Дараҷаи эътимоднокӣ;
- Муҳлат, вақт, замон ва макон;
- Созмондиҳандаи чорабинӣ ( мақсаду мазмун);
- Паҳнкунандаи эълон;

**3.Супориши вазифаи хонагӣ.** Ҷамъоварии эълон, тартиб додани «шиноснома»-и эълон бо истифода аз мухотаб.

**КОР БО МАТНИ ЭЪЛОН. БАҲОДИҲӢ БА МАТНИ ЭЪЛОН (дарси 3)**

**Салоҳиятҳо:**

- баҳодиҳӣ ба матни эълон.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- ➢ робита ва қонуниятҳо байни унсурҳои омӯхташавандаро муайян кунанд:
- ➢ дар асоси «шиноснома» ва қонуниятҳои ошкоршуда қоида таҳия намоянд;
- ➢ қадамҳо (стратегия)-ро мураттаб намояд;
- ➢ бо мақсади санҷидани қоида супоришҳо иҷро карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Ҷамъоварии эълон, тартиб додани «шиноснома»-и эълон бо истифода аз мухотаб.

Мубоҳиса ва муҳокимаи умумӣ. Ба хотир овардани машғулияти гузашта оид ба тартиб додани «шиноснома»-и эълон. Қисматҳои табрикномаро ёдовар мешавем: муроҷиат; руйдод; созмондиҳандаи иқдом ё чорабинӣ;

1) Кори инфиродӣ.

**Супориш**.

- ➢ Таҳияи матни эълон ва арзёбии матн дар асоси «шиноснома»;
- ➢ Муайян кардани қоидаҳои асосӣ барои таҳияи матни эълон.

Намунаи эълон

2) Кори дунафара.

**Супориш**.

- Таҳияи матни эълон ва санҷиши қоида («шиноснома») дар асоси хазинаи (бонкӣ) эълон;
- Муаррифии кори гурӯҳ ва ворид намудани иловаҳои ба «шиноснома»-и эълон

**3.Вазифаи хонагӣ.** Ҷамъ овардани матнҳо ба жанри эълон бо истифода аз ҷумлаҳои чидааъзо.

**27. МАЪНОИ АСЛӢ ВА МАҶОЗИИ КАЛИМА**

**Салоҳиятҳо**:

- донистан ва ҷудо кардани маънои аслӣ ва маҷозии калима.
- донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: синоним, антоним ва омонимҳо.
- навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва таъбирҳо, калимаҳои соҳавӣ, шевагӣ, кор бо луғатҳо.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- аз матн маънои аслӣ ва маҷозии калимаро муайян карда тавонанд;
- бо луғатҳо кор карда тавонанд;
- навъҳои зарурии вожаҳоро аз луғатҳо пайдо карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, матн, хазинаи эълонҳо.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Ҷамъ овардани матнҳо ба жанри эълон бо истифода аз ҷумлаҳои чидааъзо.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Иҷрои машқи 201, 202, 203. Кори инфиродӣ. Омӯзгор ба хонандагон супориш медиҳад:

**Супориш**:

- Машқи 204-ро аз китоби дарсӣ хонед;
- Ибораҳои ҳар ду сутунро муқоиса намоед;
- Дар кадом сутун калимаҳо ба маънои воқеӣ омадаанд? Ақидаи худро шарҳ диҳед;
- Ба ибораҳои сутуни дувум ҷумла нависед;
- Ҷумлаҳои худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

**Муаррифии** кори инфиродии хонандагон ва арзёбии натиҷаи он.

**Кори гурӯҳӣ**. Омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд тақсим намуда, супориш медиҳад. (Иҷрои машқҳои 205,207,208,209)

**Супориш**:

- Ҷадвалро аз тахтаи синф ба дафтаратон кашед;
- Машқи 206-ро аз  китоби дарсӣ хонед;
- Дар ҷадвал аввал ҷумлаҳоеро нависед, ки дар он калимаву ибораҳо ба маънии ҳақиқии худ наомада бошанд, дувум дар зери калимаву ибораҳо як хатти рост кашида, мазмуни онро шарҳ диҳед;
- Кори худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед;
- Ғалатҳои худро ислоҳ намоед.

*Ҷадвал*:

| Ҷумла | Калимаву ибора | шШарҳ |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

*Намуна*:

| Ҷумла | Калимаву ибора | Шарҳ |
|---|---|---|
| Исмат дар байни рафиқо-ни худ аз ҳама *пухтатар* аст | *пухтатар* | доно, таҷрибдор, боақл, |
| | | |
| | | |
| | | |

1) Омӯзгор мухтасар оид ба маънои аслӣ ва маҷозии калимаҳо маълумот медиҳад. Аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки қоидаҳои зеринро пурра созанд:

• *Ба маънои воқеӣ истифода шудани калима маънои ........ ном дорад.* Масалан: хонаи калон, китоби хуб, чормағзи пуч.

• *Ба маънои ғайриаслӣ истеъмол шудани калима маънои .............. ном дорад.* Масалан: сухани ширин, бахти сафед, гапи хунук, одами хом ва ғайра.

**Шарҳи омӯзгор**: Шоирону нависандагон барои бадеият, фасоҳату салосат, барои дилчасп баромадани воситаҳои тасвирӣ аз маънои маҷозии калима васеъ истифода мекунанд:

*Масалан*:

**Маънои аслӣ:** Вай гимназияро бо медали тилло хатм кард.

**Маънои маҷозӣ:** Тоҷикистон макони «тиллои сафед» аст. Офтоб шуоъҳои тиллоии худро ба ҳар тараф паҳн мекунад.

Маҷоз- калимаи арабӣ буда, маънояш «зидди ҳақиқат» мебошад: бели оҳанин - интизоми оҳанин, лаҷоми асп- лаҷоми суҳбат.

**3.Вазифаи хонагӣ:**

Иҷрои машқҳои 208 ва 209.

## 28.КАЛИМАҲОИ ЯКМАЪНО ВА СЕРМАЪНО

**Салоҳиятҳо**:

- донистан ва ҷудо кардани маънои аслӣ ва маҷозии калима.
- навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва таъбирҳо, калимаҳои соҳавӣ, шевагӣ, кор бо луғатҳо.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- аз матн маънои аслӣ ва маҷозии калимаро муайян карда тавонанд;
- калимаҳои маъмул ва истилоҳҳоро аз ҳам фарқ карда тавонанд;
- навъҳои зарурии вожаҳоро аз луғатҳо пайдо карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, матн, хазинаи эълонҳо

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Аз рӯзномаву маҷаллаҳо ва китобҳои бадеӣ калимаву ибораҳои аслӣ ва маҷозиро интихоб намоед;

- Калимаву ибораҳоро ба дафтаратон нависед;
- Барои муаррифии кори худ омодагӣ бинед.

*Супориши иловагӣ*: Иҷрои машқҳои 208 ва 209.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Ангезиши зеҳн: омӯзгор калимаҳои зеринро дар тахта менависад ва аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки мавриди истифодаи онҳоро гӯянд:

Исм, хона, дарё, ҳавосанҷ, радио, гул.

Хулосаҳои якҷоя: пас калимаҳое мавҷуданд, ки танҳо дар як соҳа истифода мешаванд, як маъно доранд ва калимаҳое ҳастанд, дар мавридҳои гуногун истифода мешаванд ва сермаъноянд.

Супориш: кори гурӯҳӣ: Гурӯҳи 1. Машқи 210. Шарти машқро хонда супоришро аз рӯйи он иҷро мекунад; Гурӯҳи 2. шарти машқи 211-ро иҷро мекунад; Гурӯҳи 3 шарти машқи 212-ро иҷро мекунад; Гурӯҳи 4 шарти машқи 213-ро иҷро мекунад.

**Таъкид**! *Ба гурӯҳҳо вақт диҳед. Назорат кунед, ки хонандагон дар иҷрои супориш фаъол бошанд, дар кори гурӯҳӣ ҳама иштирок кунанд, баромадкунандагонро доимо иваз кунед, як нафар эҳсоси лидерӣ накунад, ин гуна имконият барои ҳама фароҳам оварда шавад.*

*Пас аз анҷоми вақт барои муаррифии ҳар як гурӯҳ вақт ҷудо кунед. Муаррифии ҳар як гурӯҳро муҳокима намоед.*

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5.Супориши вазифаи хонагӣ.** Навиштани 3 ҷумла, ки калимаҳои якмаъно (истилоҳи математика, ҳуқуқ аз китоби “Математика”-и синфи 5 ва “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) дошта бошанд.

## 29. МУРОДИФ (СИНОНИМ), ЗИДМАЪНО (АНТОНИМ), ҲАМГУНА (ОМОНИМ)

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: синоним, антоним ва омонимҳо.
- навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва таъбирҳо, калимаҳои соҳавӣ, шевагӣ,
- кор бо луғатҳо.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- дар матн калимаҳои наздикмаъно, муқобилмаъно ва навишташон якхеларо ҷудо карда тавонанд;
- бо калимаҳои наздикмаъно, муқобилмаъно ва навишташон якхела ҷумла навишта тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Навиштани 3 ҷумла, ки калимаҳои якмаъно (истилоҳи математика, ҳуқуқ аз китоби “Математика”-и синфи 5 ва “Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) дошта бошанд.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Кори инфиродӣ ва дунафара. Омӯзгор дар тахтаи синф чанд калимаҳоро менависад ва ба хонандагон супориш медиҳад. (Иҷрои машқи 216).

**Супориш:**

- Калимаву ҷадвали дар тахтаи синф бударо ба дафтаратон нависед;
- Ба гурӯҳи дунафара муттаҳид шуда, калимаҳоро тибқи сутунчаҳои ҷадвал ба гурӯҳҳо ҷудо намоед;
- Ғалатҳои худро ислоҳ намоед;
- Кори гурӯҳи худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

*Калимаҳо:*

Торик, пир, хунук, васеъ, хуррам, талх, содиқ, хабар, борик, гарм, ҷавон, баланд, ширин, равшан, шод, шамол, шаб, мужда, танг, бовафо, рӯз, хурсанд, бод, пайғом, паст, ғафс.

*Ҷадвал:*

| **Калимаҳои гуногуншакли маънояшон якхела ва ё ба ҳам наздик (синоним)** | **Калимаҳои муқобилмаъно (антоним)** |
|---|---|
| | |

*Намуна:*

| **Калимаҳои гуногуншакли маънояшон якхела ва ё ба ҳам наздик (синоним)** | **Калимаҳои муқобилмаъно (антоним)** |
|---|---|
| хуррам – шод - хурсанд<br>содиқ – бовафо<br>хабар – пайғом – мужда<br>шамол - бод | торик – равшан<br>пир- ҷавон<br>хунук – гарм,<br>васеъ – танг<br>талх – ширин<br>рӯз – шаб<br>баланд – паст<br>ғафс - борик |

Муаррифии кори гурӯҳҳои дунафара ва арзёбии натиҷаи супориш. Омӯзгор оид ба натиҷаи иҷрои супориш бо аҳли синф мубоҳиса ва муҳокимаи умумӣ мегузаронад.

Матни омӯзгор. Омӯзгор мухтасар оид ба синоним, антоним ва омоним ба хонандагон маълумот медиҳад.

Кори гурӯҳӣ. Омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд ҷудо намуда, супориш медиҳад. (иҷрои машқҳои 215,217,218,219- 228)

Муаррифии натиҷаи иҷрои машқҳо ва муҳокимаи умумӣ.

**4.Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқҳои 229.

## § 41. ЛУҒАТҲОИ ТАФСИРӢ ВА ДУЗАБОНА

**Салоҳиятҳо**:

- донистан ва ҷудо кардани маънои аслӣ ва маҷозии калима;
- донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: синоним, антоним ва омонимҳо;
- навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва таъбирҳо, калимаҳои соҳавӣ, шевагӣ, кор бо луғатҳо.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- навъҳои луғатҳоро шинохта тавонанд;
- аз луғатҳо навъҳои зарурии вожаҳоро пайдо карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс.**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқҳои 229. Бо истифода аз калимаҳои додашуда ҷумлаҳо тартиб додан.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Мубоҳиса ва муҳокимаи умумӣ. Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш менамояд, ки ба саволҳои зерин ҷавоб гӯянд:

*Савол:*

- Синоним чист? Мисол оред;
- Антоним чист? Мисол оред;
- Омоним чист? Мисол оред.

1) Матни омӯзгор.

Луғатҳои тафсирӣ ва дузабона. Илми луғатнигорӣ лексикография (аз калимаи юнонии lexikos- калима, луғат ва ghrafo- менависам) пайдо шудааст. Луғатҳои мавҷудаи ҳар як миллат сарвати бебаҳои онро ташкил мекунад, зеро онҳо сарчашмаи муҳими забономӯзию сухандонианд. Луғатҳо гуногун мебошанд: луғати этимологӣ, луғати шева, луғати имло, луғати осори адибон, луғати калимасозӣ, луғати ҳамгунаҳо, муродифҳо, мутазодҳо. Луғати дузабона маънои калимаву ибораҳои як забонро ба забони дигар шарҳ медиҳад. Луғати «Фарҳанги забони тоҷикӣ», «Луғати форс»-и Асадии Тусӣ, «Ғиёс-ул-луғот» луғатҳои тафсирӣ мебошанд.

**Кори инфиродӣ ва дунафарӣ**. Омӯзгор аз китобхонаи мактаб фарҳангу луғатҳои дастрасро оварда, ба хонандагон тақсим мекунад ва супориш медиҳад, ки моддаҳои луғавиро ёфта маънои онҳоро аз луғат шарҳ диҳанд.

**4.Супориши вазифаи хонагӣ.** Аз рӯйи ашёҳое, ки дар хона ва мактаб бо онҳо кор мекунед, фарҳанги тафсирӣ тартиб диҳед.

## § 45. НАМУНАИ ТАҲЛИЛИ ЛУҒАВӢ - 1 СОАТ

**Салоҳиятҳо**:

- донистан ва ҷудо кардани ҳодисаҳои маъноӣ: синоним, антоним ва омонимҳо;
- навъҳои калима аз рӯйи маъно, калима ва таъбирҳо, калимаҳои соҳавӣ, шевагӣ, кор бо луғатҳо.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- ба маънии калима диққат диҳанд;

- мустаҳкамкунии дониш ва фаҳмиш оид ба сермаъноӣ, синонимия, зидмаъноӣ ва ҳамгунагӣ (омонимӣ).

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Аз рӯйи ашёе, ки дар хона ва мактаб бо онҳо кор мекунед, фарҳанги тафсирӣ тартиб диҳед.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Кор бо луғатҳо: «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ». Ҷ.1.

**Кор дар гурӯҳҳои хурд**.

Супориш ба гурӯҳи №1. Аз луғат калимаҳоеро пайдо кунед, ки беш аз се маънӣ дошта бошанд. Онҳоро ба дафтар нависед, маънояшонро шарҳ диҳед. Ба калимаҳои ёфтаатон синоним ва антоним ёбед.

Супориш ба гурӯҳи №2. Аз луғат калимаҳоеро пайдо кунед, ки антоним дошта бошанд. Маънии ҳар кадоми онҳоро шарҳ диҳед.

Супориш ба гурӯҳи №3. Аз луғат калимаҳои якмаъно – истилоҳҳоро пайдо кунед, маънии онҳоро шарҳ диҳед.

Супориши умумӣ барои ҳамаи гурӯҳҳо: натиҷаҳои кори худро дар коғази сафед кӯчонед, шарҳи маънои калимаҳоро нависед.

Муаррифии кори гурӯҳҳо дар назди тахтаи синф. Саволҳо ба намояндагони гурӯҳҳо.

**3.Ҷамъбаст ва арзёбӣ:** савол ба намояндагони гурӯҳҳо аз натиҷаи кори гурӯҳҳои дигар.

**4.Супориши вазифаи хонагӣ.** Аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» навиштани 5 калимаи сермаъно:

## 31. ТАКРОРИ БОБИ “КАЛИМА”

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима.
- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- калима ҳамчун воҳиди забониро шинохта тавонанд;
- ба маънои аслӣ ва маҷозии калимасарфаҳм рафта тавонанд;
- аз матн решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калимаро ҷудо карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» навиштани 5 калимаи сермаъно.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Кор дар гурӯҳҳои хурд.

- Супориш ба гурӯҳи №1. Иҷрои машқи 230. Матнро хонед, калимаҳои сермаъноро ҷудо карда ба дафтар нависед.
- Супориш ба гурӯҳи №2. Иҷрои машқи 231. Матнро хонед, муродифҳоро ҷудо кунед.
- Супориш ба гурӯҳи №3. Иҷрои машқи 232. Матнро хонед, калимаҳои якмаъно – истилоҳҳоро ба дафтар нависед.
- Супориши умумӣ барои ҳамаи гурӯҳҳо: натиҷаҳои кори худро дар коғази сафед кӯчонед, шарҳи маънои калимаҳоро нависед.

**Муаррифии кори гурӯҳҳо:** дар назди тахтаи синф. Саволҳо ба намояндагони гурӯҳҳо.

**3.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.** Савол ба намояндагони гурӯҳҳо аз натиҷаи кори гурӯҳҳои дигар.

**4.Супориши вазифаи хонагӣ.** Аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» навиштани 5 калимаи сермаъно.

## 32.КОР БО МАТНИ ХАБАР

**Салоҳиятҳо:**

- дарки матни шифоҳӣ.
- таҳияи матнҳои шифоҳӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- махсусиятҳои матнҳои шифоҳии хабариро шарҳ дода тавонанд;
- мазмун ва моҳияти матнҳои хабариро шарҳ дода тавонанд;
- хабарҳоро аз рӯйи мазмун гурӯҳбандӣ карда тавонанд;
- намуди шиносномаи хабарро таҳия карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Аз «Фарҳанги забони тоҷикӣ» навиштани 5 калимаи сермаъно.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Кори инфиродӣ.

*Супориш*:

- 5 дақиқа барои фикр кардан;
- Кадом ҳодисаи хотирмонеро ба ёд оварда метавонед, ки аз назари шумо барои дигарон ҳам аҳамият дорад?
- Лаҳзаи асосии он воқеаро дар дафтаратон мухтасар қайд кунед.

**Саволи омӯзгор**:

- Кӣ воқеаи дидагии худро нақл мекунад? (Нақли се нафар шунида мешавад).

**Кор дар гурӯҳҳо.**

*Савол*:

- Аз нигоҳи Шумо, кадом хабар шавқовар буд? Чаро?
- Кадом хабар ба фикри Шумо, ҷолиб набуд? Барои чӣ? Баён нофаҳмо буд ё мақсад? Ё хабар барои Шумо чандон зарур набуд?
- Аз рӯйи мазмун хабарҳоро ба гурӯҳҳо ҷудо намоед (машқҳои 201, 232, 248). Матн, хабари фарҳангӣ, сиёсӣ, варзишӣ, овоза ва ғ. (омӯзгор бояд дар хотир дошта бошад, ки дар ҷудо кардани хабарҳо аслан хонандагон бояд ташаббускор

бошанд, танҳо барои ворид шудан ба мавзӯъ номбар кардани яке аз навъҳои хабар кифоя аст).

1) Аз китоби дарсӣ ба машқҳои 201, 232, 248 таваҷҷуҳ кунед, маълумоти муҳимтарин аз онҳо ҷудо карда шавад (шояд номи мавзӯъ, маҳалли воқеа, замон, сабаб, мақсад ва иштирокдорони он).




2) Акнун мебинем, ки дар нақлҳои шунидаамон мақсади асосӣ чӣ тавр ифода ёфтааст. Ҷадвали зеринро дар дафтаратон кашед. Ба саволҳо ҷавоб навишта, шиносномаи хабарро таҳия намоед.

| | |
|---|---|
| *кӣ? чӣ?* | |
| *чӣ кор кард?*<br>*чӣ шуд?* | |
| *кай?* | |

**Вазифаи хонагӣ.** Аз рӯйи саволҳои «Чӣ?», «Кай?», «Дар куҷо?»… хабаре нависед.

## КОР БО МАТНИ ХАБАР. БАҲОДИҲӢ БА МАТНИ ХАБАР (Дарси 2)

**Салоҳиятҳо**:

- баҳодиҳӣ ба матни шифоҳӣ.
- тағйир додани матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- ➢ дар асоси унсури омӯхташаванда «шиноснома»-и хабарро таҳия карда тавонанд;
- ➢ робитаи мантиқӣ дар хабар ва меъёрҳои таҳияи онро муайян карда тавонанд;
- ➢ дар асоси «шиноснома» ва меъёрҳои муайяншуда қоида таҳия карда тавонанд;
- ➢ бо назардошти мазмуни қоида супоришро иҷро карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Идомаи мавзӯи гузашта.** Кори инфиродӣ.

*Супориш аз рӯйи вазифаи хонагӣ*:

- ➢ Хабарҳоеро, ки дар хона ҷамъ овардед, ба чанд навъ ҷудо кардед?
- ➢ Оё хабаре пайдо шуд, ки навъи онро мо дирӯз зикр накардем?

(Ҳамаи хабарҳое, ки хонандагон ҷамъ овардаанд, дар хазинаи худашон нигоҳ дошта мешаванд).

1) Кор дар гурӯҳҳо. Гурӯҳҳо бо хабарҳои хазина ошно мешаванд. Ҳар кадом хусусиятҳои хабарро муайян карда, дар сутуни худ менависанд.

| **навъ №** | **варзишӣ** | **фарҳангӣ** | **сиёсӣ** |
|---|---|---|---|
| 1. | Воқеа дар Душанбе рӯй додааст | | |
| 2. | Воқеа дар моҳи март рӯй додааст | | |
| 3. | Ба ифтихори Наврӯз | | |
| 4. | Мактаббачагон иштирок кардаанд | | |
| 5. | Аҳамияти умумиҷамъиятӣ дорад | | |
| 6. | | | |

**Кори гурӯҳӣ**. Кор бо шиноснома. Оё аз рӯйи хусусиятҳои муайяншуда мумкин аст, ки ба шиноснома дигаргунӣ ворид созем? Барои муқоисаи хусусиятҳо ва шиносномае, ки дарси гузашта таҳия кардем, ба шумо 5 дақиқа вақт дода мешавад. Гурӯҳҳо шиносномаҳои такмилдодаи худро муаррифӣ мекунанд. Дигаргуниҳои назаррас якҷоя дар синф илова карда мешаванд.

**3.Супориши вазифаи хонагӣ.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки қоидаи хабарро дар дафтарҳо дар хона нависанд ва доир ба мавзӯи дилхоҳ як хабар нависанд.

## 33.РЕШАИ КАЛИМА. ПЕШВАНД ВА ПАСВАНД

**Салоҳиятҳо:**

- интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаҳое, ки баъзан чун пешванд ва баъзан чун ҳиссаҳои дигари нутқ истифода мешаванд;
- шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима;
- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- ➢ дар хат ҷудо кардани решаи калимаро донанд;
- ➢ шинохтан ва ҷудо кардани калимаҳои ҳамрешаро фаҳманд;
- ➢ бо пешванд ва пасвандҳо калимаҳои нав сохта тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Қоидаи хабарро дар дафтарҳо дар хона нависед ва доир ба мавзӯи дилхоҳ як хабар нависед.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Кори инфиродӣ. Омӯзгор ба аҳли синф супориш медиҳад, ки машқи 233-ро аз китоби дарсӣ иҷро намоянд.

Омӯзгор мухтасар оид ба мавзӯъ маълумот медиҳад.

*Матни омӯзгор.*

Реша ҳиссаи калимаест, ки маънои асосӣ дорад. Он дигар ба ҳиссаҳои маънодор тақсим намешавад. Решаро бо аломати камонак ишора мекунанд. Боғбон, коргар, нодон. Калимаҳое, ки қолабҳои сохта ё мураккаб дошта, аз як реша сохта шудаанд, калимаҳои ҳамреша номида мешаванд. Коргар, ҳамкор, бекорӣ…

**Супориш.** Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки

- калимаҳоро бодиққат хонанд;
- калимаҳои ҳар ду сутунро муқоиса намоянд;
- бо кадом ҳиссаи маъноӣ калимаҳои сутуни дуюм аз якум фарқ мекунанд муайян кунанд ва дар зери ҳиссаҳои маъноӣ хат кашанд.

*Калимаҳо*:

| | |
|---|---|
| трактор | тракторчӣ |
| қалам | қаламдон |
| аъло | аълочӣ |
| ёрдам | ёрдамчӣ |
| боғ | боғбон |
| даст | даста |

**Муаррифии корҳои хонандагон.**

**Супориш**: Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки

- калимаҳоро бодиққат хонанд;
- дар зери решаи калимаҳо хат кашанд;
- имлои калимаҳои ишорашударо шарҳ диҳанд.

*Калимаҳо*:

Ҳамгап, боақл, рӯзона, ҳамдарс, бемаза, беақл, осиёбон, ҳамкасб, ёдгор, ҳамном, кӯзача, ҳамранг, номаълум, ҳамроҳ, такягоҳ, ҳамсинф, наългар, ношинос, ҳамфикр, бомаза.

**Муаррифии кори гурӯҳҳо**.

*Матни омӯзгор*:

Ҳиссаи калима, ки пас аз реша омада, маънои онро тағйир медиҳад, пасванд номида мешавад. Дар забони тоҷикӣ чунин пешвандҳо мавҷуданд: -чӣ, -ӣ (-гӣ), -иш, -зор, -а, -она (-гона), -нок ва ғ. Бо чунин пешвандҳо номҳои касбу кор, асбобу анҷом, макон, аломати предмет ифода карда мешавад. Масалан: сӯзанӣ, дарахтзор, даста, рафиқона, дугона, саводнок.

Ҳиссаи калимае, ки пеш аз реша ё асосан феъл омада, маъно ё шакли онро тағйир медиҳад, пешванд номида мешавад. Дар забони тоҷикӣ чунин пешвандҳо ҳастанд:

ҳам-, бо-, ба-, бе-, но-, бар-, дар- ва ғ. Масалан: ҳамкор, одами босавод, писараки бамаъни, фазои бепоён, одами ношинос, аз синф баромадан, ба синф даромадан.

3.Ҷамъбаст ва арзёбӣ. Машқҳои 234-235, 236, 237, 238,239,240

**4.Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 241. Аз калимаҳои зер калимаҳои ҳамреша созед.

## 34.АСОС ВА БАНДАК. БАНДАКИ ИЗОФӢ, БАНДАКҶОНИШИНҲО

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима;
- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- таркиби морфологии калимаро муайян карда тавонанд;
- таркиби морфологии калимаро дар матн ҷудо карда тавонанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи 241. Аз калимаҳои зер калимаҳои ҳамреша созед.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Кори инфиродӣ ва дунафара. Омӯзгор дар тахтаи синф дар ду сутун калимаҳоро менависад ва ба хонандагон супориш медиҳад.

*Супориш*:

- Калимаҳоро хонед ва ба дафтаратон нависед;
- Мисолҳои ҳарду сутунро муқоиса намоед;
- Аз сутуни дуюм дар зери ҳиссаи калимае, ки ду калимаҳоро алоқаманд намудааст, хат кашед;
- Кори худро ба рафиқатон нишон диҳед;
- Ғалатҳои худро ислоҳ ва ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

*Калимаҳо:*

| | |
|---|---|
| Бино, мактаб, либос, тоза, хобгоҳ, шумо | Бинои мактаб, либоси тоза, хобгоҳи шумо. |
| Мо, омадан. Онҳо, рафтан. | Мо омадем. Онҳо рафтанд. |
| Тамошо, осорхона, хонандагон, мактаб | Тамошои осорхона, хонандагони мактаб |
| Дарс, чорум, ҳамкасб, ман, касб, хуб | Дарси чорум, ҳамкасби ман, касби хуб. |

**Муаррифии** кори гурӯҳҳои дунафара ва натиҷагирӣ аз ҷониби омӯзгор. (Машқҳои 242-258)

Омӯзгор оид ба мавзӯъ, ба хонандагон маълумоти мухтасар медиҳад.

*Матни омӯзгор*:

Ҳиссаи пеш аз бандак омадаи калимаҳоро асос меноманд: китобам, хондам, гули сурх.

Бандакҳо чор хел мешаванд: бандаки изофӣ, бандакҷонишинҳо, бандаки феълӣ, бандакҳои хабарӣ.

Бандаки изофии «и» калимаҳоро ба ҳам алоқаманд намуда, ибораи изофӣ месозад: орзуи хондан, фардои дурахшон, хониши булбул.

**Кори гурӯҳӣ.** Омӯзгор хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд ҷудо намуда супориш медиҳад:

- Калимаҳоро хонед;
- Калимаҳоро бо бандаки изофӣ алоқаманд намуда, ба дафтаратон нависед;
- Аз калимаи тобеъкунанда ба тобеъшаванда савол гузоред;
- Кори гурӯҳи худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

*Калимаҳо*:

| | |
|---|---|
| Рӯй, ҳавлӣ<br>Мӯй, сиёҳ<br>Ҷӯй, калон<br>Бӯй, хуш | Мавзӯъ, нав<br>Манбаъ, об<br>Матоъ, зебо<br>Мисраъ, шеър |
| Қалъа, кухна<br>Барг, сабз,<br>Замин, корам<br>Писар, Ватан | Ҳодиса, аҷиб<br>Ҳавлӣ, барҳаво<br>Модар, меҳрубон<br>Хоҳар, азиз |

**Кори инфиродӣ ва дунафара**. Омӯзгор дар тахтаи синф чанд калимаву ибораро менависад ва ба хонандагон супориш медиҳад:

- Калимаву ибораҳоро хонед;
- Бо ин калимаву ибораҳо ҳикояи хурд тартиб диҳед;
- Матни худро ба рафиқатон нишон диҳед;
- Ғалатҳоро ислоҳ намоед ва кори худро ба ҳамагон муаррифӣ намоед.

**Супориш**. Ба бачаҳо супориш диҳед, ки мисолҳоро хонанд ва гӯянд, ки дар ин ҷо бандакҳо ба калима чӣ тобиш додаанд. (Нақша дар варақа).

| **Шахс** | **Шумора** | |
|---|---|---|
| | *танҳо* | *Ҷамъ* |
| 1-ум-гӯянда | падар –ам (-ям) | падар –амон (-ямон) |
| 2-юм-шунаванда | падар –ат (-ят) | падар –атон (-ятон) |
| 3-юм -ғоиб | падар –аш (-яш) | падар –ашон (-яшон) |

а) Пурсед, ки боз ба кадом калимаҳо чунин бандакҳоро илова карда метавонанд. Таваҷҷуҳи бачаҳоро ба калимаи асосӣ ҷалб намоед ва онҳоро водор намоед, ки кадом ҳиссаи нутқ будани онро шарҳ диҳанд.

б) Барои такмил додани дониши бачаҳо талаби машқи 289-ро ба хонандагон пешниҳод карда, барои иҷро диққати онҳоро ҷалб намоед.

*в)* Бачаҳоро водор кунед, ки мазмуни ифодаи «китобам»-ро боз чӣ тавр ифода карда метавонанд. Агар душворӣ кашанд, ёдовар шавед: *китобам-китоб аз ман ё китоби ман.*

г) Барои такмил додани дониши бачаҳо иҷрои машқи 290 –ро бо истифода аз мазмуни мазкур ба онҳо пешниҳод намоед.

5) Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс. Кор дар гурӯҳҳо:

а) Аз хонандагон хоҳиш намоед, ки ҷумлаҳои зеринро анҷом диҳанд ва қоидаҳои пайдошударо ба аҳли синф хонанд:

*-Бандакҷонишинҳо бештар ба _________ ҳамроҳ шуда, ба кадом шахс тааллуқ доштани предметро мефаҳмонанд;*

*-Баъзан онҳо бо ____________ ва ____________ низ меоянд. Мисол: худам, худат..., хонданаш, хонданатон...*

*-Онҳо ___________-ро мефаҳмонанд.*

4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.

5.Вазифаи хонагӣ. Иҷрои машқи 262. Ба бачаҳо навиштани тасрифи ду исмро бо бандакҷонишинҳо дар хона тавсия диҳед.

## 35. БАНДАКҲОИ ФЕЪЛӢ ВА ХАБАРӢ

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима;
- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- дар матн бандакҳои феъливу хабариро шинохта, аз ҳам фарқ карда тавонанд;
- истифодаи бамавриди бандакҳои феълӣ ва хабариро дар нутқи хаттӣ ва шифоҳӣ аз худ намоянд;
- инкишофи нутқи хаттиву шифоҳӣ, луғатдонӣ ва эҷодкорияшонро сайқал диҳанд;
- эҳсоси маърифатдӯстияшонро рушд бахшанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

- Риояи одоби мулоқот;
- Баҳисобгирии давомот;
- Аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- Ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи 262. Навиштани тасрифи ду исм бо бандакҷонишинҳо.

а) Хонандагон кори ҳамдигарро аз лиҳози иҷрои супориши грамматикӣ аз назар гузаронанд;

б) Ба малакаи якдигар ҷиҳати бандакҷонишинҳоро бо ҷонишинҳо иваз кардан баҳогузорӣ намоянд.

**Мустаҳкам кардани вазифаи хонагӣ:** Хонандагонро водор кунед, ки аз ҳамдигар пурсанд:

-Бандакҷонишинҳо асосан бо кадом ҳиссаҳои нутқ ҳамроҳ меоянд;

-Онҳо чӣ вазифа доранд?

-Дар нутқ бандакҷонишинҳоро кадом ҳиссаи нутқ иваз карда метавонад ва чӣ тавр?

-Соҳибиятро фаҳмондани бандакҷонишинҳо чӣ аҳамият дорад?

**3.Баёни мавзӯи нав:** Бандакҳои феълӣ ва хабарӣ (Машқҳои 263-269)
Хонандагонро ба қироати мисолҳо ҷалб карда, онҳоро водор кунед, ки шарҳ диҳанд: бандакҳоро чиро нишон медиҳанд.

| **Шахс** | **Шумора** | |
|---|---|---|
| | танҳо | ҷамъ |
| 1. | гуфтам | гуфтем |
| 2. | гуфтӣ | гуфтед |
| 3. | гуфт | гуфтанд |

Диққати хонандагонро ба пур кардани ин ҷумла ва дарки вазифаи бандакҳои феълӣ ҷалб намоед:

-*Бандакҳои феълӣ бо* _______________ *(чӣ?) ҳамроҳ шуда, ба* ________________ *(шахсу шумора ё…?) далолат мекунанд.*

-Акнун дар якҷоягӣ феъли «гуфтан» -ро дар замони ҳозира тасриф кунед. Барои ин таъкид намоед, ки аввал асоси замони ҳозираи ин феълро бояд муайян намуд.

| **Шахс** | **Шумора** | |
|---|---|---|
| | танҳо | ҷамъ |
| 1. | мегӯям | мегӯем |
| 2. | мегӯӣ | мегӯед |
| 3. | мегӯяд | мегӯянд |

Иҷрои машқҳои 294-297
Хонандагонро ба дарки амали ин ҷумлаҳо ва шакли ифодаи феълҳо водор намоед.

-Аз тамошои музей мо таассуроти зиёд *гирифтаем.*

-Маҳваш бо бародараш ба хонаи бобояш *мерафтааст.*

-Инҳо ҳамаашон *коргаранд.*

Гӯед, ки бандакҳоро муайян намоянд. Дар якҷоягӣ фарқи онҳоро аз бандакҳои феълӣ шарҳ диҳед ва ин ҷумларо барои шиносонидани вазифаи бандакҳои хабарӣ пурра гардонед:

• *Бандакҳои хабарӣ аз бандакҳои феълӣ бо он фарқ мекунанд, ки онҳо ба ғайр аз* _______________ *(омад, рафт), инчунин бо* _____ *(коргар),* _________ *(донотаранд),* _____________ *(шукуфтагиянд) омада, хабари ҷумларо ифода мекунанд ва* ________________________ *нишон медиҳанд.*

Ба бачаҳо фаҳмонед, ки мисолҳоро бодиққат хонанд ва аз худ кунанд:

| **Шахс** | **Шумора** | |
|---|---|---|
| | *танҳо* | *ҷамъ* |
| якум | коргарам<br>зӯртарам<br>хондагиям<br>хондаам | коргарем<br>зӯртарем<br>хондагием<br>хондаем |
| дуюм | коргарӣ<br>зӯртарӣ<br>хондагиӣ<br>хондаӣ | коргаред<br>зӯртаред<br>хондагиед<br>хондаед |
| сеюм | коргар аст | коргаранд |

| | | |
|---|---|---|
| | зӯртар аст<br>хондагист (аст)<br>хондааст | зӯртаранд<br>хондагиянд<br>хондаанд |

Аз хонандагон пурсед, ки дар имлои шахси сеюми шумораи танҳо чӣ фарққунанда аст; ҷумлаи зеринро бо дарки мазмуни боло пурра кунед:

-*Бандаки хабарии ____ ба ҷуз _____ аз дигар ҳиссаҳои нутқҷудо навишта мешавад:* ______ аст, __________ аст;

-*Дар шахси сеюми шумораи танҳо бандаки хабарии _____ дар шакли ихтисор меояд, чунончи: рафтагист.*

Иҷрои машқҳои 298-301.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.**

Акнун барои санҷиши донишҳои бадастоварда хонандагон ба ҳамдигар саволгузорӣ карда метавонанд. Саволҳоро як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар низ метавонанд пешкаш намоянд.

- Бандакҳои феълӣ чиро ифода мекунанд? Мисол оред.
- Бандакҳои феълӣ аз бандакҳои хабарӣ чӣ тавр фарқ мекунанд? Бо мисолҳо фаҳмонед.
- Феъл чист?

Супориши хонагӣ**.** Ба бачаҳо фаҳмонед, ки матни машқи 270-ро хонанд ва дар хона ягон латифае нависед ва бандакҳои хабарии онро ишора намоед.

## 36.КАЛИМАҲОИ СОДА, СОХТА ВА МУРАККАБ

**Салоҳиятҳо:**

- интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаю ибораҳое, ки  аз якчанд реша ва гурӯҳи калимаҳо ташкил ёфтаанд (интихоб байни калимаҳои мураккаб ва таркибӣ);
- шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима.

**Мақсадҳои дарс**. **Хонандагон бояд**

- таркиби калимаро дар матн ҷудо карда тавонанд; сохти калимаро муайян карда тавонанд; аз унсурҳои додашуда калима сохта тавонанд;
- инкишофи нутқи хаттиву шифоҳӣ ва эҷодкорияшонро сайқал диҳанд;
- малакаи калимасозӣ ва эҳсоси маърифатдӯстияшонро рушд бахшанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) Риояи одоби мулоқот;
б) Баҳисобгирии давомот;
в) Аз назар гузарондани ҳолати санитарии синф;
г) Ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Хондани матни машқи 270 ва навиштани латифа бо ишораи бандакҳои хабарӣ.

**3.Баёни мавзӯи нав:** Таҳлили таркиби калима. Сохти калима. Якҷо ва ҷудо навиштани калима. Машқи 271.

Диққати бачаҳоро ба муайян кардани таркиби ин калима равона созед: *томактабиям.* Чӣ ном доштани ҳиссаҳои калимаро аз онҳо пурсон шуда, дурустӣ ё нодурустии фикри онҳоро якҷоя баррасӣ намоед.

-*То*-пешванд, *мактаб*-реша, *ӣ*-пасванд, -*ям*-бандак, *томактабӣ* –асос.

Бо дарки мазмуни бадастомада хонандагонро водор намоед, дар нақша ҳиссаҳои калимаро ҷо дода, малакаи пурра ҳосил намоянд.

| Асос | | | Бандак |
|---|---|---|---|
| **Пешванд** | **Реша** | **Пасванд** | |
| Ҳам-<br>Бо-<br>Ҳам- | кор<br>ақл<br>сӯҳбат<br>омӯзгор | -ӣ<br>-ӣ<br>-<br>-а | -<br>-<br>-<br>-ам |

• Пур кардани матни ин ҷумларо ба хонандагон ҳавола кунед:

-*Таркиби калимаро* ________ *ва* _______, ________, _________ *ва* ______ *ташкил медиҳанд.*

Якҷоя ба сохти ин калимаҳо аҳамият диҳед ва дар қабати боло сохти калимаро нависед:

| | | | |
|---|---|---|---|
| даст<br>гул<br>синф ақл | даста<br>гулистон<br>ҳамсинф<br>боақл | тоҷикдухтар<br>чойхона<br>ватанпарвар<br>чашмкабуд | Шӯрои Олӣ<br>чусту чолок<br>омада буд<br>бисту панҷ |

Хонандагонро ба муайян кардани сохти калимаҳои боло ҷалб карда, гӯед, ки мустақилона ҷумлаҳои зеринро пурра намоянд:

- *Калимаҳои* ______ *аз рӯйи сохт як реша доранд:* об, замин;

-*Калимаҳои* ________ *ба ҳисссаҳои маънодор ҷудо намешаванд. Онҳо калимаҳои решагианд:* хона, модар, гул, мактаб, меҳр.

Барои малака ҳосил кардан иҷрои машқи 272-ро ба хонандагон ҳавола кунед.

-*Калимаҳои* __________ *ғайр аз реша дар таркиби худ* _________ *ё* ______ *доранд:* боақл, нодон, доно, хирадманд.

д) Барои малака ҳосил кардан иҷрои машқи 273-280-ро ба хонандагон ҳавола кунед.

Иҷрои машқи 278. Диққати хонандагонро ба ашёҳои дар расм буда ҷалб кунед ва гӯед, ки чӣ ном доштани онҳоро шарҳ диҳанд ва ба сохти ин калимаҳо аҳамият диҳанд: с*инфхона, сурнайнавоз, мактаббача.*

-Пурсед, ки чиро мушоҳида карданд. Барои такмили фикр пур кардани ин ҷумларо ба онҳо тавсия диҳед:

-*Дар забон калимаҳое ҳастанд, ки аз ду ва ё якчанд* ____ *сохта мешаванд. Онҳо ба ҳам* ________ *навишта мешаванд. Ин хел калимаҳоро калимаҳои мураккаб меноманд:* модаркалон, чордаҳ, гулдаста, хорпушт, пешқадам, қадбаланд, пешқадам.

Диққати бачаҳоро ба сохти калимаҳои сутуни охири нақшаи дар боло буда равона кунед. Онҳоро фаҳмонед, ки чунин ифодаҳо чанд калима доранд, вале аз ҳам ҷудо навишта мешаванд. *Ин калимаҳоро дар забон калимаҳои таркибӣ мегӯянд.*

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.** Дар ин қисмат диққати хонандагонро ба сохтани нақшаи боло ва 2-мисолӣ ёфтан ҷалб намоед. Баъди шарҳи мисолҳо бо саволҳо дониши онҳоро бисанҷед:

- Таркиби калимаро чӣ ташкил медиҳад?
- Асос ва бандакро шарҳ диҳед.
- Реша чист?, Пешванд чӣ гуна ҳиссаи калима аст? Пасванд чӣ?
- Калима аз рӯйи сохт чанд хел мешавад?
- Фарқи калимаҳои содаро аз калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ дар чӣ мебинед?

**5.Супориши хонагӣ.** Машқи 283. Бахшида ба фарорасии Наврӯз ба ягон шахси наздикатон табрикнома нависед ва аз калимаҳои сохта, мураккаб ва таркибӣ истифода баред.

## 37.ТАКРОРИ БОБИ “ТАРКИБИ КАЛИМА, КАЛИМАСОЗӢ ВА ИМЛО”

**КОРИ ЛОИҲАВӢ:** Омӯзгор аз китоби дарсӣ саволномаҳои тестиро дар оғози дарс баррасӣ ва муҳокима менамояд, тавассути саволҳо дониш, малака ва маҳорати онҳоро месанҷад. Сипас, ба хонандагон кори лоиҳавӣ месупорад. Ин кор характери гурӯҳӣ дорад. Хонандагон ба 3 гурӯҳи хурд вобаста ба фаслҳои лоиҳа ҷудо карда мешаванд. Кори лоиҳавӣ пас аз мустаҳкамкунии дониши хонандагон аз рӯйи фасли “Таркиби калима, калимасозӣ ва имло”  сурат мегирад. Мавзӯъ дар асоси муҳокима бо хонандагон интихоб карда мешавад. Дар ин маврид омӯзгор метавонад чунин мавзӯъ пешниҳод намуда, бо хонандагон онро муҳокима намояд ва зермавзӯъҳоро муайян намояд:
Мавзӯъ: “Сохтор ва таркиби луғавии рӯзномаи “ПАЙРАВ”

**Зермавзӯъ барои гурӯҳи 1:** “Калимаҳои аслан тоҷикӣ дар саҳифаҳои рӯзнома”
Супориш:
1.Бо шумораҳои соли 2016 рӯзнома аз китобхонаи мактаб шинос шавед;
2.Рӯйхати калимаҳои аслии сермаъноро, ки танҳо аз реша ва пасвандҳои –вор, -лох, -истон, -  иборатанд, ҷамъ оваред.
3.Аз китобхонаи мактаб “Фарҳанги забони тоҷикӣ”-ро истифода карда, маънои онҳоро шарҳ диҳед. Дар такя ба “Фарҳанг...” баромади калимаҳоро муайян кунед.

**Зермавзӯъ барои гурӯҳи 2.** “Маънои калима”.
1. Бо шумораҳои соли 2016-и рӯзнома аз китобхонаи мактаб шинос шавед;
2.Мақолаҳоеро, ки барои шарҳи маънои калимаҳо, истилоҳҳо бахшида шудаанд, ҷамъ оваред, онҳоро дар варақҳои алоҳида кӯчонида шарҳ омода созед.

**Зермавзӯъ барои гурӯҳи 3.**: “Истилоҳот ва калимаҳои якмаъно”.
1. Бо шумораҳои соли 2016 рӯзнома аз китобхонаи мактаб шинос шавед;
2. Калимаҳои якмаъно ва истилоҳоти соҳаҳои гуногунро ҷамъ оваред ва аз истифода бо фарҳангу луғатҳо маънои онҳоро шарҳ диҳед.

Шарҳ барои омӯзгор: хонандагонро роҳбаладӣ намоед, то вазифаҳоро байни худ тақсим кунанд. Барои иҷрои супориш муҳлат диҳед (шояд як, ду моҳ). Пас аз омода шудани кор бо онҳо масъалаи муаррифии корҳоро машварат кунед.
Корро ба тарзи дигар ҳам ташкил намудан мумкин аст, ки ба салоҳияти омӯзгор вобаста аст. Тарзи ташкили корҳои лоиҳавӣ дар замимаи роҳнамо низ оварда шудааст.

## 38. КОР БО МАТНИ ХАБАР. ОМОДА КАРДАНИ ХАБАР АЗ РӮЙИ ҚОИДАҲО

**Салоҳиятҳо:**

- тағйирдиҳии матнҳои хаттӣ ва шифоҳӣ;
- таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- иҷрои супориш бо истифодаи қоидаи таҳиягардида (ҳалли машқ бо назардошти мазмуни қоида);
- кор бо ҷамъоварии ғалат ва истифода бурдани қоида (дарёфти ғалатҳо дар асоси қоида);
- кор оид ба таҳлили ғалатҳо ва тағйир додани қоидаҳо (зимни таҳлили ғалатҳо дарёфти хусусияти дигари хабар);
- иҷрои супориш бо истифодаи қоидаи таҳиягардида (таҳияи хабар дар асоси қоида);

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Таҳлили супориши хонагӣ дар ҷадвал. Омӯзгор ҷадвалро дар тахтаи синф мекашад. Ба хонандагон супориш медиҳад, ки онро дар дафтар кашанд ва пур кунанд:

| Т/р | Ғалат | Талаботи қоида | Илова ба қоида |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |
| 4. | | | |

- Натиҷаҳои кор муаррифӣ карда мешаванд.

**Кор** дар гурӯҳҳои хурд. Таҳияи хабар аз рӯйи навъҳо (сиёсӣ, варзишӣ, овоза ва ғ.).
**Кори** инфиродӣ. Таҳияи хабар дар асоси қоидаи охир бо ифодаи “Мегӯянд, ки...”...
**Баррасии** кори хонандагон.

4.Супориши вазифаи хонагӣ. Дар хона аз рӯйи саволҳои “чӣ?”, “кай?”, “дар куҷо?”, “барои чӣ?” ягон хабар дар бораи озмуни мактабии “Хатти кӣ зебо?” нависед. Ба сохт ва таркиби калимаҳо аҳамият диҳед.

**КОР БО МАТНИ ХАБАР. ТАҲИЯИ МАТНИ ХАБАР**

**Салоҳиятҳо**:

- тағйирдиҳии матнҳои хаттӣ ва шифоҳӣ;
- таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд:**

- ичрои супориш бо истифодаи қоидаи таҳиягардида (ҳалли машқ бо назардошти мазмуни қоида);
- ичрои супориш барои аниқ кардани дурустии қоида (ҳалли машқ барои фаҳмидани дурустии мазмуни қоида);
- арзёбии натиҷаи ҳалли проблема ва муайян кардани вазифаи нави таълим (арзёбӣ ва натиҷагирии ҳалли мавзӯъ ва муайян кардани вазифаи нави таълим);

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Идомаи мавзӯъ аз рӯйи супориши вазифаи хонагӣ.** Кори дунафара. Таҳлили супориши хонагӣ. (Дар хона аз рӯйи саволҳои “Чӣ?”, “Кай?”, “Дар куҷо?”, “Барои чӣ?” ягон хабар дар бораи озмуни мактабии “Хати кӣ зебо?” нависед. Ба сохт ва таркиби калимаҳо аҳамият диҳед).

**Супориш**:

- Хонандагон навиштаҳои ҳамдигарро дар гурӯҳҳои дунафарӣ муқоиса карда, ғалатҳои худро ёфта ислоҳ менамоянд;
- Дар ҷадвал ғалатҳои асосиро қайд кунанд.
-

| Т/р | Ғалат | Талаботи қоида | Илова ба қоида |
|---|---|---|---|
| 1. | | | |
| 2. | | | |
| 3. | | | |
| 4. | | | |

Хабар нависанд ва якҷоя таҳлил кунанд, бо шиноснома, яъне қоидаҳои таҳия муқоиса намоянд.

**3.Супориши вазифаи хонагӣ.** Дар мавзӯи “Ҷашни Истиқлол” дар хона хабар нависанд (омӯзгор метавонад вобаста ба масъалаҳои муҳими ҳамон шабу рӯз супориш диҳад).

**39.МАЪЛУМОТИ УМУМӢ ДАР БОРАИ ҲИССАҲОИ НУТҚ**

**Салоҳиятҳо:**

-донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

- донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- ҳиссаҳои нутқро номбар карда тавонанд; ҳиссаҳои мустақилмаъноӣ нутқро аз ёридиҳанда фарқ намоянд; шарҳи мафҳуми калимаҳои «морфология»-ро аз худ

карда тавонанд; малакаи фарқ кардани ҳиссаҳои нутқ ва ҷудо кардани онҳоро ба гурӯҳҳо ҳосил намоянд;
- нутқ ва эҷодкорияшонро такмил бахшанд;
- маърифати худро ғанӣ гардонда, дар худшиносӣ қадами тоза гузоранд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкилии дарс:**

а) Риояи одоби мулоқот;
б) Баҳисобгирии давомот;
в) Аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
г) Ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Дар мавзӯи “Ҷашни Истиқлол” дар хона хабар нависед (омӯзгор метавонад вобаста ба масъалаҳои муҳими ҳамон шабу рӯз супориш диҳад).

а) Хонандагонро ба гурӯҳҳо ҷудо карда, онҳоро водор намоед, матни навиштаи ҳамдигарро таҳлил карда, ба кори ҳамдигар баҳогузорӣ намоянд;
б) Шарҳ диҳанд, ки то кадом андоза дар шинохти калимаҳо аз рӯйи сохт ва муайян кардани таркиби калима муваффақ гардидаанд.

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

а) Хонандагонро ба шарҳи аниқи моҳияти навиштани табрикнома ҷалб карда гӯед, ки худи онҳо то ин вақт киҳоро дар кадом ҷашнҳо табрик кардаанд.
б) Диққати хонандагонро ба муайян кардани сохт ва таркиби калима ҷалб намуда гӯед, ки фикри худро бо мисолҳо шарҳ диҳанд.

**3.Баёни мавзӯи нав:** Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ.

Диққати хонандагонро ба мазмуни ин калимаҳо ҷалб кунед ва бинед, ки ҳамаи онҳо ба савол ҷавоб мешаванд ё не: *Китоб, ба, ҳунарманд, барои, мӯйдароз, азбаски, панҷоҳ, хуш, навиштан, не, имрӯз,офарин.*

Ба бачаҳо супориш диҳед, калимаҳоро мувофиқан дар ду сутун ҷо диҳанд: *калимаҳое, ки ба савол ҷавоб мешаванд ва калимаҳое, ки ба савол ҷавоб намешаванд.*

| **Ба савол ҷавоб мешаванд** | **Ба савол ҷавоб намешаванд** |
| --- | --- |
| | |

Бо бачаҳо якҷоя ҷумларо пурра карда, қоида бароред:

*-Ҳамаи ин ______________-ро дар _________ ҳиссаҳои ______________ меноманд.*

Ба онҳо гӯед, ки дар хотир гиранд ва дар дафтарҳои қоидаашон ин маъниҳоро қайд кунанд:

- *Морфология аз калимаи юнонии морфе –**шакл** ва логос– **таълимот, илм** (яъне илм дар бораи шакли калимаҳо) гирифта шудааст.*

-*Морфология як қисми грамматика буда, шакл ва сохти калимаҳо, яъне ҳиссаҳои нутқро меомӯзад.*

д)Акнун хулосаашонро нависанд:

*-Ҳиссаҳои нутқ аз рӯйи маънои луғавӣ ва грамматикияшон ба ду гурӯҳ -мустақилмаъно ва ёридиҳанда ҷудо мешаванд:*

| Мустақилмаъно | Ёридиҳанда |
|---|---|
| **Исм**-номи предмету ҳодиса (чӣ? Хона, киҳо-одамон) | **Пешоянду пасоянд**- бе, ба, бо, то, аз, баъд аз… |
| **Сифат**-аломати предмет (чӣ хел?, чӣ гуна? - хонаи калон ) | **Пайвандак** –ва, -у, -ю, вале аммо, вақте ки, азбаски… |
| **Шумора**-миқдор ё тартиби предмет (чанд?, чандум? -ду хона, хонаи дуюм) | **Ҳиссача** –ана, бале, албатта, не… |
| **Ҷонишин**-ба ҷойи исму сифат ва шумора (ин, ҳамон, ин хел, ҳамин қадар) | **Нидо** – ҳой, урра… |
| **Феъл**-амал ва ҳолати предмет (чӣ кор кард?, чӣ шуд? -сохтан, омадан…) | |
| **Зарф-**аломати амал (кай?, чӣ тарз?, чаро? -дирӯз, якдилона) | |

Ба хонандагон гӯед, ки мазмуни нақшаи болоро ба таври қоида дар дафтарҳояшон навишта, онро аз худ кунанд:

-*Ҳиссаҳои мустақили нутқ (исм, сифат, шумора, ҷонишин, феъл, зарф) маънои луғавӣ ____________ (доранд ё не?) ва ба ин ё он савол ҷавоб* ___________ (мешаванд ё не?): модар, об, сафед, омад, панҷоҳ, ман…

-*Ҳиссаҳои ёридиҳанда (пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо) маънои луғавӣ __________ (доранд ё не?) ва ба ягон савол ҷавоб* ____________(мешаванд ё не?). *Онҳо муносибат ва алоқаи байни калимаю ҷумлаҳоро таъмин мекунанд.*

-*Ҳиссача ва нидо ҳиссиёту ҳаяҷонро ифода карда, ба ҷумла тобишҳои иродавӣ мебахшанд:* уфф, оҳ, эй, оре, албатта...

**Мустаҳкамкунӣ тавассути саволҳо**

- Аз хонандагон пурсед, ки чанд ҳиссаи нутқро дар забони тоҷикӣ номбар карда метавонанд; чаро ҳиссаи мустақили нутқ мегӯем? Ҳиссаҳои номустақили нутқ кадомҳоянд? Бо мисолҳо фаҳмонанд.

**4.Супориши вазифаи хонагӣ.** Аз рӯзномаи «Пайрав» матни хабареро нависед ва ба зери калимаҳои мустақилмаънои он хат кашед.

## 41. ИСМ ВА АЛОМАТҲОИ МОРФОЛОГИИ ОН

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;
- донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс**. **Хонандагон бояд**

- гуфта тавонанд, ки исм чиро мефаҳмонад ва ба кадом саволҳо ҷавоб мешавад; фарқи аломатҳои морфологии исмро аз дигар ҳиссаҳои нутқ гуфта тавонанд; шарҳи мафҳуми калимаи «исм»-ро аз худ карда тавонанд;
- нутқ ва эҷодкорияшонро такмил бахшанд;
- аз лиҳози ахлоқӣ рушд ёбанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) Риояи одоби мулоқот;
б) Баҳисобгирии давомот;
в) Аз назар гузарондани ҳолати санитарии синф;
г) Ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**4.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Маълумоти умумӣ дар бораи ҳиссаҳои нутқ. Фаҳмонед, ки аз машқи 307 калимаҳои маънои луғавӣ доштаро бо саволгузорӣ муайян намоянд (хаттӣ).

Дар гурӯҳҳои дунафара ба кори ҳамдигар шинос шаванд; хатои худро фаҳмида, онро ислоҳ намоянд;

Ба кори худ баҳогузорӣ намоянд.

Иҷрои машқҳои 284-286 (шифоҳӣ), 287 (хаттӣ).

**Мустаҳкамкунии мавзӯи гузашта.**

Бачаҳоро водор намоед ба ҳамдигар савол диҳанд, ба мисли:

- Дар забони тоҷикӣ чанд ҳиссаи нутқ ҳаст?
- Ҳиссаҳои нутқ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
- Чаро ҳиссаи номустақили нутқ мегӯянд?
- Аломатҳои асосии ҳиссаҳои мустақили нутқ кадомҳоянд?.

3.Баёни мавзӯи нав**:** Исм ва аломатҳои морфологии он.

Дар аввал диққати хонандагонро ба қироати ифоданоки байтҳои дар машқи 285 овардашуда ҷалб намоед. Онҳоро талқин кунед, ки мазмуни байтҳоро маънидод намоянд ва калимаҳоеро, ки ба саволҳои кӣ?, киҳо? ва чӣ?, чиҳо? ҷавоб мешаванд, дар ду сутун нависанд.

| **Кӣ?, киҳо?** | **Чӣ?, чиҳо?** |
|---|---|
| бародар | рӯз |

Ба хонандагон фаҳмонед, ки ҷумларо пурра карда, қоидаи исмро таҳия намоянд:

**-*Исм*** *ҳиссаи нутқест, ки* ________________________ *(чиро?) ифода карда, ба саволҳои* _________________ *(кадом саволҳо?) ҷавоб мешавад:* чӯб, даст, подабон, барқ, ақл, дониш, истироҳат, Душанбе, сухан, шиноварӣ, деҳқон.

Хонандагон дар хотир дошта бошанд, ки:

*-Исм бо аломатҳои морфологӣ (сарфӣ)-яш аз дигар ҳиссаҳои нутқ фарқ мекунад. Шумора (хона, хонаҳо), соҳибият (хонаам) ва номуайянӣ (хонае)аломатҳои морфологии исм мебошанд.*

- *Исм* калимаи арабӣ буда, маънояш *ном* аст.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи нав.**

Кор дар гурӯҳҳо. Ба бачаҳо навиштани машқи 287-ро тавсия диҳед. Гӯед, ки исмҳоро бо ҳарфи *и* ишора кунанд.

*Гурӯҳи 1:* Бидонед: бинотарин чашм он аст, ки дар роҳи хайр боз шавад.
-Муъмин касест, ки аз кори некаш хурсанд ва аз кори бадаш нороҳат шавад.
*Гурӯҳи 2:* Олимон дар миёни халқ аминони (амонатдори) Худоянд.
-Шифои нодонӣ пурсиш аст.
*Гурӯҳи 3:* Танҳоӣ аз ҳамнишини бад беҳтар аст; Беш аз се рӯз қаҳр ҷойиз нест.
*Гурӯҳи 4:* Аз дурӯғгӯӣ ҳамин бас, ки ҳар чӣ шунидӣ, нақл кунӣ.
Аз нодонӣ ҳамин бас, ки ҳар чӣ медонӣ, изҳор кунӣ.

***Аз «Панҷсад ҳадис»***

Тавассути саволҳо дониши хонандагонро мавриди санҷиш қарор диҳед:

- •Исм чӣ хел ҳиссаи нутқ аст?
- • Аломатҳои морфологии исм кадомҳоянд?
- •Маънои калимаи исм чӣ аст?

**4.Супориши хонагӣ.** Исм ва аломатҳои морфологии он. Иҷрои машқи 288. Гӯед, ки муродифҳои исмҳои додашударо ёбанд ва бо онҳо ҷумла тартиб диҳанд.
*Азм, шубҳа, хоксорӣ, доройӣ, деҳқон, офтоб, қувват, лашкар, дӯст, бошишгоҳ, одат.*

## 42.ШУМОРА ДАР ИСМ

**Салоҳиятҳо:**
- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;
- донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- ➢ донанд, ки шумора доштани исм чӣ маънӣ дорад; исм чанд шумора дорад;
- ➢ пасвандҳои шумораи ҷамъи исмҳоро шинохта тавонанд; дар навишт ва ифодаи шакли ҷамъи исмҳо ғалат накунанд;
- ➢ аз лиҳози нутқи хаттиву шифоҳӣ ва эҷодкорӣ такмил ёбанд;
- ➢ аз ҷиҳати ахлоқӣ рушд кунанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

1.Ташкили дарс:

а) Риояи одоби мулоқот;
б) Баҳисобгирии давомот;
в) Аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
г) Ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Исм ва аломатҳои морфологии он. Иҷрои машқи 288. Муродифҳои исмҳои додашударо ёфта, бо онҳо ҷумла тартиб додан. *Азм, шубҳа, хоксорӣ, доройӣ, деҳқон, офтоб, қувват, лашкар, дӯст, бошишгоҳ, одат.*

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

Хонандагонро водор кунед, ки хусусиятҳои исмро дар доираҳо ҷой намоянд;
Муайян кунед, ки аз уҳдаи иҷрои супориш ба дурустӣ баромадаанд ё не.




Тавассути савол ва супориш дониши ба дастовардаи хонандагонро бисанҷед:

- Исмро аз рӯйи кадом саволҳо шинохта метавонед?
- Исм чанд шумора дорад?
- Соҳибият доштани исмро шарҳ диҳед.
- Исми номуайянро чӣ тавр мешиносем?

**3.Баёни мавзӯи нав:** Шумора дар исм.

Иҷрои машқи 293. Ба хонандагон қироати матнро тавсия диҳед ва гӯед, ки муайян кунанд: кадом исмҳо бисёриро мефаҳмонанд, онҳо аз исмҳои танҳо чӣ фарқ доранд. *(Чӯпонону дарахтбурон, гиёҳчинону сайёҳон хабар меовrouted, ки рамаи оҳувон, рӯзҳо..)*

Аз ин ҷо хонандагон хулоса бароранд, ки:

- *Исм _____ (чанд?)шумора дорад: (кадомҳо?)_______ ва ______.*

- *Исм дар шакли танҳо _________ (чандто?)*-Аҳмад, одам, писар, гӯсфанд, дарахт, санг, чӯб, об, шамол ва ғайра.

- *дар шакли ҷамъ ______________ (чӣ қадар?) (хонаҳо, духтарон, оҳувон, бачагон, сангҳо) будани предмет ва ҳодисаю воқеаро мефаҳмонад.*

- *Исмҳо ба воситаи пасвандҳои зерин ҷамъбандӣ карда мешаванд:*

| | | |
|---|---|---|
| **-ҳо, -он** | пас аз ҳамсадоҳо | бачаҳо, китобҳо, тоҷикон, одамон, занон, мардон, меҳмонон |
| **-ён** | пас аз садонокҳои **и, о, ӯ** | моҳиён, колхозчиён, бобоён, донишҷӯён, Сомониён |
| **-вон** | пас аз садоноки **у** ва **ӯ** | оҳувон, бонувон, абрувон, зонувон |
| **-гон** | пас аз садоноки **а** | бачагон, хонандагон, аберагон |

**Кор дар гурӯҳҳо.** Ба хонандагон фаҳмонед, ки дар гурӯҳҳо бо воситаи яке аз пасвандҳо 5-калимаӣ тартиб диҳанд; нақшаи дар тахтабударо пур кунанд.

**• Бояд дар хотир гиранд:**

- *Исм бо шумораи миқдорӣ омада бошад, шакли ҷамъ намегирад: панҷ китоб, ҳазор хонанда… **(машқи 295-297).***

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.**

Иҷрои машқҳои 294. Муайян кунед, ки ба кадоме аз ин калимаҳо пасвандҳои «*-ҳо* ва *-он*»-ро ҳамроҳ кардан мумкин асту ба кадомашон не. Чаро?

Пурсед, ки: Ҷамъбандии исмҳо бо кадом роҳ ифода меёбад?

**4.Супориши вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи **298**. Гӯед, ки ба ҷойи нуқтаҳо пасвандҳои мувофиқ гузошта, матнро нависанд.

## 43.ИСМИ ХОС ВА ҶИНС

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс.Хонандагон бояд**:

- фарқи исмҳои хос ва ҷинсро муайян карда тавонанд; имлои исмҳои хос ва ҷинсро дар нутқи хаттӣ риоя намоянд;
- аз лиҳози нутқи шифоҳиву хаттӣ, луғатдонӣ ва эҷодкорӣ иникшоф ёбанд;
- аз лиҳози ахлоқӣ сифатҳои нек қабул намоянд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;

б) баҳисобгирии давомот;

в) аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;

г) ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

2.Пурсиши вазифаи хонагӣ. Шумора дар исм.

Иҷрои машқи **298**. Ба ҷойи нуқтаҳо пасвандҳои мувофиқ гузошта, матнро навиштан.

Гӯед, ки калимаҳои дар шакли ҷамъ омадаро номбар кунанд ва мавриди корбасти пасвандҳои онҳоро шарҳ диҳанд; луғатҳои матнро азёд карда, ба саволҳои зери матн ҷавоб диҳанд.

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

Аз хонандагон чанд шумора доштани исмро пурсед ва дониши онҳоро доир ба роҳҳои ҷамъбандии исмҳо санҷед;

Гӯед, ки ба имлои ин калимаҳо аҳамият дода, дуруст ё нодуруст будани онҳоро муайян намоянд: *Бачагон, оҳувон, китобиён, 5 китобҳо, сад хонандагон…*

**3.Баёни мавзӯи нав:** Исмҳои хос ва ҷинс.

а) Иҷрои машқи 299. Хонандагонро фаҳмонед, ки ҷумлаҳоро навишта, сабаби бо ҳарфи калон навиштани баъзе калимаҳои матнро шарҳ диҳанд.

1.Шаҳри Қаратоғ дар водии Ҳисор яке аз шаҳрҳои обод ва сернуфус ба шумор мерафт. 2. Омӯзгор ба мо супориш дод, ки повести «Одина» –ро хонда биёем. 3. Ман дар хиёбони ба номи Неъмат Қарабоев зиндагӣ мекунам. 4.Сотим Улуғзода дар деҳаи Варзики вилояти Сурхандарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба дунё омадааст. 5.Ман ба маҷаллаи «Чашма» обуна мешавам.

б)Барои фаҳмидани моҳияти мавзӯъ диққати хонандагон ба омӯзиши муқоисавии исмҳои хосу ҷинс ҷалб гардад:

| Исмҳои ҷинс | Исмҳои хос |
|---|---|
| - синониму антоним доранд *–рӯз-шаб;*<br>- якмаънову сермаъно мешаванд *-модар, сар;*<br>- ба маънои аслию маҷозӣ меоянд- *гул-гул* (маҳбуба);<br>- пешванду пасванд қабул мекунанд-*боақл, Тоҷикистон.* | - номи одамон- *Анӯшервон;*<br>- ному насаб *–Санам Раҳимова*;<br>- лақаб- *Қорӣ Ишкамба*;<br>- тахаллус- *Саъдии Шерозӣ*;<br>- шаҳру маҳал-*Душанбе, Навобод*;<br>-ҳайвонот- *Хайбар*;<br>- номҳои географӣ- *Рӯшон*;<br>- сайёраҳо *–Муштарӣ*<br>-инчунин, номҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, китобҳо, воқеаҳои бузурги таърихӣ, муссисаҳо. Исмҳои хос барои фарқ кардан аз предметҳои ҳамҷинс истифода бурда мешаванд. |

**Мустаҳкамкунии мавзӯи нав.** Кор дар гурӯҳҳо**.**

Иҷрои машқи 301. Исмҳои хоси ба ин гурӯҳҳо нисбатдодашударо нависед: а) номи маҳал; б) номи дарё, бахр, укёнус; в) номи сайёраҳо; г) номи кӯҳҳо; д) номи қитъаҳо.

Хонандагонро гӯед, ки барои такмили дониши худ кори ҳамдигарро аз назар гузаронанд ва камбудиҳои асосиро муайян намоянд.

Дониши ҳамдигарро тавассути саволҳо мавриди санҷиш қарор диҳанд:

-Исмҳои хос аз исмҳои ҷинс чӣ тавр фарқ мекунанд?

-Чаро исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд?

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5.Супориши вазифаи хонагӣ:** Исмҳои хос ва ҷинс. Иҷрои машқи 300. **Гӯед, ки и**смҳои хос ва ҷинсро муқоиса карда, фарқи онҳоро фаҳмонанд. Аз ҳарду сутун ду калимаиро интихоб карда ҷумла нависанд.

| | |
|---|---|
| Саодат, Бухоризода, | талаба, омӯзгор |
| Деҳлӣ, Фархор, Навобод | шахр, ноҳия, деҳа |
| Зарафшон, Боботоғ, Осиё | дарё, кӯҳ, қитъа |
| «Ҷавонони Тоҷикистон», «Одина» | рӯзнома, китоб |
| Рахш, Хайбар | асп, саг |

## 44. ҲАРФИ КАЛОН ВА НОХУНАК ДАР ИСМИ ХОС- 1 СОАТ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- риояи имлои исмҳои хосро ба инобат гиранд; мавриди истифодаи нохунакро дар исмҳои хос муайян карда тавонанд; ҳангоми имлои исмҳои хос ва нохунак бодиққат бошанд;
- нутқи хаттии худро бештар инкишоф дода тавонанд;
- дар рӯҳияи эҳтиром ба арзишҳои инсонӣ ва миллӣ ба камол расанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкилии дарс:**

а) Риояи одоби мулоқот;

б) Баҳисобгирии давомот;

в) Аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;

г) Ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Исмҳои хос ва ҷинс.

а)Иҷрои машқи 300. Исмҳои хос ва ҷинсро муқоиса карда, фарқи онҳоро фаҳмондан.

б)Хонандагонро водор намоед, ки худашон мавриди истифодаи ҳарфи калонро баён кунанд;

б)Ба тарзи навишт ва имлои ҳамдигар баҳогузорӣ намоянд.

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

а)5 дақиқа фикр карда, ҷумла навиштан ва дар онҳо истифода бурдани исмҳои хосро ба хонандагон тавсия диҳед;

б)Аз хонандагон фарқи исмҳои хосро аз исмҳои ҷинс пурсон шавед; гӯянд, ки чаро исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд?

**3.Баёни мавзӯи нав:** Ҳарфи калон ва нохунак дар исми хос.

а) Иҷрои машқи 302. Ба имлои исмҳои зер таваҷҷуҳ монед.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон, Ҷанги Бузурги Ватанӣ, «Ҷумҳурият», «Садои мардум», «Одина», «Мактаби кӯҳна», Осиёи Марказӣ, Қалъаи Лаби Об, Шаҳринав, Мавҷигул, Шаҳрисабз, Конибодом.

- Аз хонандагон пурсед, ки чӣ фарқиятро пай бурданд?

б) Ба хонандагон таъкид кунед, ки дар хотир гиранд:

*Исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд:*

- **Ному насаб, лақаб ва тахаллуси одамон:** Зулфия Атоӣ, Аҳмади Калла;
- **Номҳои географӣ:** Ҷумҳурии халқии Хитой, шаҳри Хуҷанд;
- **Ҳар калимаи номи мақомоти давлатӣ, мансабҳои олӣ, парчам ва нишони миллӣ:** Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Нишони миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- **Номи сулолаҳо ва воқеаҳои таърихӣ:** Сомониён, Ҷанги Бузурги Ватанӣ;
- **Номи асар ва маҷаллаву рӯзномаҳо бо ҳарфи калон ва дар нохунак навишта мешавад:** повести «Дар орзуи падар», филми «Рустам ва Сӯҳроб», рӯзномаи «Пайрав», барномаи «Офарин».

**Мустаҳкамкунии мавзӯи нав**. Кор дар гурӯҳҳо**. Машқи 303-304 (шифоҳӣ) 305 (хаттӣ)**

а) 5 дақиқа фикр карда, 3 ҷумлаи навиштан. Дар ҷумлаҳо истифода бурдани исмҳои хосе, ки дар дохили нохунак омада бошанд.

б) Пурсед, ки:

- Чаро исми хос мегӯянд ва чаро он бо ҳарфи калон навишта мешавад?

- Кадом исмҳои хосро дар нохунак менависанд?

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5.Супориши вазифаи хонагӣ:** Машқи 306. **Эълоне нависед ва талаботи пешниҳоди матни онро бо тартиб риоя намоед:** Аз матн исмҳои хосро ёфта навиштан ва мазмуни онҳоро шарҳ додан.

## 45. ИСМҲОИ ШАХС ВА ҒАЙРИШАХС

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- исмҳои шахсро аз ғайришахс фарқ кунанд; аз матн муродифҳои исмҳои шахсу ғайришахсро ҷудо карда, ҷумла сохта тавонанд; шеърро ифоданок хонда, фарқи исмҳои шахс ва ғайришахсро маънидод намоянд;
- нутқ, тафаккур, забон ва эҷодкорияшонро такмил дода тавонанд:
- хештаншинос ба камол расанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) Риояи одоби мулоқот;

б) Баҳисобгирии давомот;

в) Аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;

г) Ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Машқи **306.** Эълоне нависед ва талаботи пешниҳоди матни онро бо тартиб риоя намоед: Аз матн исмҳои хосро ёфта навиштан ва мазмуни онҳоро шарҳ додан.

Кор дар гурӯҳҳои дунафара. Хонандагонро водор намоед**,** кори ҳамдигарро аз назар гузаронда, хатои худро муайян кунанд; *оё аз уҳдаи эълоннависӣ баромадаанд?*

Бинанд, ки исмҳои хосро ба дурустӣ истифода бурдаанд ё не.

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта** тавассути саволҳо:

• Чӣ гуна матнро хабар мегӯянд?

•Фарқи исмҳои хосро аз исмҳои ҷинс номбар кунед.

**3.Баёни мавзӯи нав:** Исмҳои шахс ва ғайришахс. Машқи **307.** Матнро хонед. Дар сутуни аввал исмҳоеро, ки ба саволи кӣ?, киҳо? ва дар сутуни дуюм исмҳоеро, ки ба саволҳои чӣ?, чиҳо? ҷавоб мешаванд, нависед.

Иҷрои машқи 308. Ба хонандагон фаҳмонед, ки матнро хонда, калимаҳоро мувофиқи саволҳо дар сутунҳо нависанд. Гӯянд, ки аз рӯйи кадом аломатҳо онҳо аз ҳам фарқ мекунанд:

| Кӣ? киҳо? | Чӣ? чиҳо? |
|---|---|
| | |
| | |
| | |

Бо якҷоягӣ ҷумлаҳоро пурра карда, қоида созед:

*-Исмҳои шахс ба саволҳои* ___________________ *(кадом саволҳо?)ҷавоб шуда, танҳо ба* _______________ *(киҳо? ё чиҳо?) хосанд.*

*-Исми ғайришахс ба саволҳои*_________________ *(киҳо? ё чиҳо?) ҷавоб шуда,* __________________ *(чиро дигарро мефаҳмонад?).*

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.**

Иҷрои машқи 309. Гӯед, ки муродифҳои исмҳои шахсу ғайришахсро пайдо карда, бо онҳо ҷумла созанд: *Духтур, завол, сарчашма, қадр, даво, аср, қаър, устод.*

**5.Ҷамъбаст ва супориши хонагӣ:** Исмҳои шахс ва ғайришахс. Иҷрои машқи 310. Шеърро хонда, фарқи исмҳои шахс ва ғайришахсро маънидод кунанд. Шеърро аз ёд карда, дар мавзӯи эҳтироми падару модар бо номи «Қарзи фарзандӣ» дар хона иншо нависанд.

## 46. ИСМҲОИ МОДДӢ ВА МАЪНӢ, КУЛ ВА ҶУЗЪ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- аз матн исмҳои моддӣ ва маъниро ҷудо карда тавонанд; бо исмҳои моддӣ ва маънӣ ҷумла тартиб медиҳанд; фарқи онҳоро аз ҳамдигар шарҳ дода тавонанд;
- бо ин восита тафаккур ва нутқи худро рушд бахшанд;
- ахлоқи мукаммали инсониро аз худ намоянд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;

б) баҳисобгирии давомот;

в) аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;

г) ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:**Исмҳои шахс ва ғайришахс.

а) Иҷрои машқи 310. Шеърро хонда, фарқи исмҳои шахс ва ғайришахсро маънидод кардан. Шеърро аз ёд карда, дар мавзӯи эҳтироми падару модар бо номи «Қарзи фарзандӣ» дар хона иншо навиштан.

• хонандагонро гӯед, иншои якдигарро хонда таҳлил кунанд;

•ба қобилияти ҳамдигар дар мавриди дарки исмҳои шахс ва ғайришахс баҳогузорӣ намоянд.

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта тавассути саволҳо:**

- Аз хонандагон пурсед, ки фарқи исмҳои шахс аз исмҳои ғайришахсро ба пуррагӣ дарк кардаанд ё не; мисолҳо оваранд.

**3.**Баёни мавзӯи нав: Исмҳои моддӣ ва маънӣ, кул ва ҷузъ.

Иҷрои машқи 311. Хонандагонро водор намоед, ки матнро хонда, исмҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кунанд:

-исмҳое, ки ба чашм дида мешаванад, вазн доранд;

- исмҳое, ки дида намешаванд, бо ақл дарк карда мешаванд.

| Мебинем | Тасаввур ё дарк мекунем |
|---|---|
| | |
| | |
| | |

Дар робита ифодаи зеринро такмил дода, қоида таҳия намоянд:

- *Исмҳое, ки номи* ________________ *(чиро?) ифода мекунанд, мо онҳоро бо ёрии идроки биноӣ, шунавоӣ, ламс (ломиса), бӯй ва маза дарк мекунем, исмҳои* ________ *ном доранд:* гандум, гул, қанд, шир, санг, об, омӯзгор.
- *Исмҳои маънӣ исмҳоеанд, ки мавҷудияти онҳоро танҳо бо* ________ *(чӣ?)дарк мекунем, мафҳуму маъниҳои сифату хислат, амалу ҳолатро ифода мекунанд:* зиндагӣ, бахт, ғаму ғусса, орзу, осоиш, адлу инсоф, ирода.

***Машқҳои 311-313***

**Иҷрои машқи 314**. Фаҳмонед, ки бо истифода аз намуна, аз исмҳои моддии зерин исмҳои маънӣ созанд. Намуна: *дӯст –дӯстӣ.*

Бародар, пахтакор, кирмакпарвар, коргар, мард, оҳангар, забондон, забоншинос, мардикор, раммол, ҳаммол.

**Иҷрои машқи 315.** Хонандагонро водор кунед, ки исмҳои ҳарду сутунро муқоиса карда, ба ҳамдигар чӣ гуна муносибат доштани онҳоро шарҳ диҳанд.

1.**Инсон** мард, зан, писар, духтар, пиразан,
2.**Ғалладона** гандум, ҷав, шолӣ, нахӯд, лӯбиё, арзан…
3.**Пойафзол** мӯза, калӯш (кафш), маҳсӣ, туфлӣ, мӯккӣ…
4.**Паранда** мусича, кабӯтар, гунҷишк, кабк…

Бо шарҳи мазмуни боло ҷумларо такмил дода, қоида таҳия намоянд:

-*Исмҳое, ки номи умумии ашёи ҳамҷинсро мефаҳмонанд, исми* _____ *ном доранд:* карам, бодиринг, сабзӣ, шалғам- сабзавот;

-*Исмҳое, ки номи яке аз ашёи ҳамҷинсро мефаҳмонад, исми* ______ *ном дорад:* Гул- *садбарг, лола, бойчечак, бунафша…;* асбобҳои хониш: *китоб, дафтар, қалам, ҷадвал, ҷузвдон.*

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс тавассути саволҳо.**

-Аз бачаҳо пурсед, ки кадом исмҳоро исмҳои моддӣ мегӯянд; Исмҳои маънӣ чӣ гуна исмҳоянд? Исмҳои кулро бо мисолҳо фаҳмонед. Исмҳои ҷузъ чӣ хел исмҳоянд?

**5.Ҷамъбаст ва супориши вазифаи хонагӣ.** Машқи 317. Ба забонхати боло (машқи 316) пайравӣ карда, дар мавзӯи дилхоҳатон забонхат нависед, дар он аз исмҳои моддӣ, маънӣ, кул ва ҷузъ истифода баред.

## 47.СОХТИ ИСМ. ИСМҲОИ СОДА ВА СОХТА

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- ҳиссаҳои мустақилмаъноi нутқро дар матн шинохта, ба чанд навъ ҷудо шудани исмҳоро аз рӯйи сохт номбар карда, бо мисолҳо фаҳмонда тавонанд;
- дар калимасозӣ малака ҳосил карда, бо ин восита таркиби луғавии худро ғанӣ гардонанд;

➢ ҳушманд ба камол расанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;

б)баҳисобгирии давомот;

в) аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;

г)ҷалби диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Супориши вазифаи хонагӣ**.** Машқи 317. Ба забонхати боло (машқи 317) пайравӣ карда, дар мавзӯи дилхоҳатон забонхат нависед, дар он аз исмҳои моддӣ, маънӣ, кул ва ҷузъ истифода баред.

Ҷадвали зеринро дар тахта кашида, аз хонандагон хоҳиш кунед, ки категорияҳои дахлдорро аз матни забонхаташон дар ҷадвал ҷой диҳанд:

| Исм | Шахс ё ғайришахс | Моддӣ ё маънӣ | Кулл ё ҷузъ | Хос ё ҷинс | Муайян ё номуайян | Танҳо ё ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| модар | шахс | моддӣ | ҷузъ | ҷинс | муайян | танҳо |
| | | | | | | |

***Мустаҳкам кардани мавзӯъҳои гузашта.***

•Мумкин аст саволҳо ба гурӯҳҳо алоҳида-алоҳида пешниҳод гашта, ҷавоби онҳо аз рӯйи бозии «Кӣ зудтар?» шунида ва баҳогузорӣ гардад:

1.Кадом калимаҳоро исм мегӯянд?

2.Аломатҳои морфологии исм кадомҳоянд?

3.Чӣ тавр шарҳ медиҳед: шахс ва ғайришахс?

4.Исмҳои моддӣ аз исмҳои маънӣ чӣ фарқ доранд? Кул аз ҷузъ чӣ?

5.Фарқи исмҳои хосро аз ҷинс шарҳ диҳед.

6.Муайян ва номуайян будани исм чӣ маънӣ дорад? Танҳо ва ҷамъ будан чӣ?

**3.Баёни мавзӯи нав:** Сохти исм.

Иҷрои машқи 318. Калимаҳои зерро ба ҳиссаҳои маънодор ҷудо намоед ва сохти онҳоро муайян кунед.

Даста, гӯша, мола, нола, сабза, сиёҳӣ, сӯзанак, бандак, харак, бодбон, хӯрок, пӯшок, олуча, дастгоҳ, корхона, гулоб, гулдаста, дутор, Чоркӯҳ, Чорбед, гармсел, Душанбе, китобдор, хоҳархонд.

Хонандагонро водор намоед, ки ба хотир оранд: *Калима аз рӯйи сохт чанд хел мешавад?*

Ба бачаҳо гӯед, ки мисолҳоро хонанд, ба онҳо савол гузоранд ва ба кадом ҳиссаи нутқ тааллуқ доштан онҳоро шарҳ диҳанд: *одам, нодон, ҷавондухтар, нангу номус.*

**Бигзор, худи бачаҳо қоидаро таҳия кунанд:**

-*Исмҳо аз рӯйи сохт ______, _______, __________ ва __________ мешаванд.*

д) “Зуд ва бехато”. Кор дар гурӯҳҳо. Ба бачаҳо дастур диҳед, то нақшаи зеринро аз рӯйи қоидаи боло пур кунанд. (5 дақиқа вақт дода мешавад).

| Т/р | Сода | Сохта | Мураккаб | Таркибӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | | | | |

Кори ҳамдигарро байни гурӯҳҳо баррасӣ намоянд. Намунаи кори беҳтарин дар тахтаи синф навишта шавад.

*Исмҳое, ки танҳо аз як ______ иборатанд, исмҳои _______ ном доранд:* китоб, хона, гул, дарахт, падар...

**Мустаҳкам кардани мавзӯи дарс.** Машқи 319-321. Шарти машқҳо дар китоби дарсӣ оварда шудаанд.

Ба хонандагон супориш диҳед, 5 исми сода ёбанд. Дар «Рӯзномаи дубахша» шарҳи калимаҳояшонро нависанд.

| Т/р | Исми сода | Аломатҳои морфологӣ |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |
| 5. | | |

Аз онҳо пурсед, ки:

- •Исм аз рӯйи сохт чанд хел мешавад?
- • Чӣ хел исмҳоро исмҳои сода меноманд?

**5.Супориши хонагӣ.** Сохти исм. Хабари шунидаашонро навишта, исмҳои онро аз рӯйи сохт муайян кунанд.

## 48.ИСМҲОИ СОХТА. ПЕШВАНД ВА ПАСВАНДҲОИ ИСМСОЗ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

- донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс.Хонандагон бояд:**

- ➢ исмҳои сохтаро дар матн шинохта тавонанд; дар сохтани исмҳои сохта малака ҳосил кунанд; имлои пасвандҳои исмсозро донанд ва риоя кунанд;
- ➢ ба ин васила нутқ, тафаккур ва луғатдонии худро тавсеа диҳанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;

б) баҳисобгирии давомот;

в) аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;

г) ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Сохти исм. Хабари шунидаашонро навишта, исмҳои онро аз рӯйи сохт муайян кунанд.

Нақли беҳтаринро дар лавҳаи синф навишта, зери исмҳои содаи он хат кашидан.

Гӯед, ки ба нутқи хаттиву шифоҳии ҳамдигар аҳамият диҳанд ва ғалатгирӣ кунанд;

Аломатҳои морфологии исмҳои содаи ёфтаашонро шарҳ диҳанд.

**Мустаҳкам кардани мавзӯъҳои гузашта тавассути саволҳо:**

Аз хонандагон пурсед, ки дар бораи хабар чӣ медонанд. Оё он ҳамеша воқеият дорад? Он кай ва дар куҷо навишта мешавад? Хабари шифоҳиро аз киҳо мешунавем?

Исмҳо аз рӯйи сохт чанд хел мешаванд? Чӣ хел исмро исми сода мегӯянд?

**3.Баёни мавзӯи нав:** Исмҳои сохта. Пешванд ва пасвандҳои исмсоз

Исмҳои бо пасванду пешвандҳо сохташударо бо калимаҳои сода муқоиса намуда, аз ҷиҳати маъно фарқи онҳоро гӯед.

| Реша | Пасванд | Исм | Пешванд | Реша | Исм |
|---|---|---|---|---|---|
| боғ | -бон | боғбон | ҳам- | сӯҳбат | ҳамсӯҳбат |
| кор | -гар | коргар | ҳам- | сол | ҳамсол |
| сиёҳ | -ӣ | сиёҳӣ | ҳам- | нишин | ҳамнишин |

Бигзор, хонандагон дар пурра гардонидани ин ҷумла саҳм гиранд:

-*Исмҳои сохта аз* _______________ *(калимаҳои решагӣ –кор) ва* _______________ *(асосҳои феъл -нишин) бо ёрии* ______________________ *(пешванду пасвандҳо) сохта мешаванд:* мисгар, ҳамнишин...

Ба онҳо таъкид намоед, ки исм фақат як пешванди калимасоз дорад: ҳам-.

-Дониста бошанд, ки ин пешванд ба исмҳо ва асосҳои феъл ҳамроҳ шуда, бештар исми шахс месозад: ҳамнишин, ҳамсоя, ҳамдард, ҳамроҳ, ҳамзабон, ҳамреша.

**Машқҳои 322-329**

**Иҷрои машқи** 337. Фаҳмонед, ки ҷумлаҳоро хонанд ва нависанд. Гӯянд, ки исмҳои ишоратшуда чӣ хел сохта шудаанд.

Бо пасвандҳои зерин калима сохтанро дар сутунҳои алоҳида ба хонандагон тавсия диҳед. Гӯед, ки бо илова кардани ин пасвандҳо калимаҳо чӣ гуна тобиши маъноӣ гирифтаанд, муайян кунанд. Дар сутуни холӣ чӣ гуна исм сохтани пасвандҳоро нависанд: *исми шахс, предмет, исми маънӣ, исми макон, хурдиву навозиш.*

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| -чӣ | -гар | -гор | -бон | |
| -а | -ак | -ок | -ча | |
| -иш | -ӣ | -гарӣ | | |
| -гоҳ | -зор | -истон | | |

Акнун аз рӯйи нақша нависанд, ки:

-*Пасвандҳои калимасози исм аз рӯйи маъною вазифа ба ___ гурӯҳ ҷудо мешаванд:*

→ *Пасвандҳое, ки исми _____ месозанд: дарбон…*

→ *Пасвандҳое, ки исми ________ месозанд: остинча…*

→ *Пасвандҳое, ки исми _________ месозанд: одамгарӣ…*

→ *Пасвандҳое, ки исми _________ месозанд: гулзор…*

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.** Кор дар гурӯҳҳо (тавассути нақша).

*Гурӯҳи 1.* Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бо истифода аз қоидаи боло машқи 331-ро дар нақша иҷро намоянд. Чашма, бародарӣ, навозиш, теға, тароша, подабон, одамгарӣ, поя,

обкашак, ҳастӣ, некӣ, айнак, зодгоҳ, тундӣ, бемористон, танҳоӣ, супориш, намоиш, шамъдон, нондон, баромадгоҳ, пӯстак, нестӣ, зебоӣ.

| т/р | исми шахс | предмет | исми маънӣ | исми макон | хурдиву навозиш |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Ҳисобчӣ | гулдон | ҳастӣ | чарогоҳ | пӯстак |
| | | | | | |
| | | | | | |

**Гурӯҳи 2.** Иҷрои машқи 328
**Гурӯҳи 3.** Иҷрои машқи 330
**Гурӯҳи 4.** Иҷрои машқи 332
**Гурӯҳи 5.** Иҷрои машқи 333
**Баррасии кори хонандагон.**

•Барои такмили дониши хонандагон саволҳо пешниҳод намоед:
•Чӣ хел исмҳоро исмҳои сохта мегӯянд?
•Исм чанд пешванди исмсоз дорад?
•Кадом пасвандҳои исмсозро номбар карда метавонед?

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**
**5.Супориши вазифаи хонагӣ:** Машқи 334. Барои ҷалби хонандагон ба иштироки фаъолона дар озмуни «Дастони моҳир» эълоне тартиб диҳед, ки дар он пасвандҳои исмсоз истифода шуда бошанд.

## 49. ИСМҲОИ МУРАККАБ

**Салоҳиятҳо:**
- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;
- донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- исмҳои мураккабро дар матн шинохта тавонанд; воситаи сохта шудани исмҳои мураккабро шарҳ диҳанд; имлои исмҳои мураккабро дар нутқи хаттӣ риоя кунанд; бо исмҳои мураккаб ҷумла созанд;
- нутқи шифоҳию хаттии равон ҳосил карда, эҷодкорияшонро тавассути калимасозӣ сайқал бахшанд;
- бо овардани мисолҳо паҳлуҳои ахлоқии худро такмил диҳанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**
**1.Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;
б)баҳисобгирии давомот;
в)аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
г)ҷалби диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Машқи 334. Ҷамъоварии эълонҳо вобаста ба талаботи таҳияи эълон вобаста ба мавзӯъҳои гуногун. Дар матн истифода бурдани исмҳои сохта.

• Баррасии кори хонандагон.

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта тавассути саволҳо:**

• Пурсед, ки кадом вақт эълонро истифода мебаранд?

• Пасвандҳое, ки ба калима тобиши хурдиву навозиш медиҳанд, кадомҳоянд?

**3.Баёни мавзӯи нав.** Исмҳои мураккаб.

**Супориш**: Иҷрои машқи 353. Ба хонандагон гӯед, ки исмҳоро бодиққат хонда, ба сохти онҳо диққат диҳанд: *Гулдаста, зардолу, модаркалон, саркор, дорбоз, пойандоз, ҷорӯб, оҳанрабо, саргузашт, писархонд, сартарош, панҷшанбе, садбарг, ҷамъомад, коргар, ситорашинос.*

Пурсед, ки онҳо дар муқоиса бо калимаҳои сода ва сохта чиро пай бурданд.

Бо пурра гардонидани ин ҷумла қоида таҳия намоянд:

-*Исми мураккаб аз* ___ *ва ё зиёда* ______ *сохта мешавад:* сад-барг (садбарг), гул-даста (гулдаста), сарфармондеҳ (сар+фармон+деҳ).

-*Ҷузъҳои исмҳои мураккаб* _________ *(якҷо ё ҷудо?) навишта мешаванд.*

**Супориш**: Иҷрои машқи 335. Фаҳмонед, ки матнро хонда, исмҳои мураккабро ёфта, ба дафтарашон нависанд ва аз кадом ҳиссаҳои нутқ сохта шудани онҳоро муайян кунанд. *Намуна: барф (исм)+боз(феъл)+ӣ(пасванд).*

Пурсед, ки:

• *Шумо кадом фаслро меписандед? Чаро?*

• *Барфбозӣ..., боз чӣ?, чанасаворӣ, боз чӣ?*

• **Таъкид кунед, ки дар хотир доранд:** *Исмҳои мураккаб аз калимаҳои алоҳида ва ибораву таркибҳо сохта мешаванд.*

| Т/р | Калима+калима (баъзан бо пешванд ё пасванд) | Аз ибора | Аз таркиб | Аз феълҳои таркибӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Пахта+чин+ӣ | Модари+ арӯс | Рӯйи+ дарича | Аз нав сохтан-азнавсозӣ |
| 2. | Сар+тарош+хона | Шарики+ дарс | Марди +кор | Ба нақша гирифтан - банақшагирӣ |
| 3. | Дав+о+дав | Гули +бодом | Тиру+камон | Омаду+рафт |

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.** Машқҳои 336-338

а) Бозӣ: «Кӣ зудтар ва бештар?». Чун мисолҳои боло мисолҳо ёфтан.

Пурсед, ки:

- Чӣ хел исмро исми мураккаб меноманд?
- Исмҳои мураккаб чӣ хел сохта мешаванд?

**4.Супориши вазифаи хонагӣ:** Исмҳои мураккаб. Иҷрои машқи 339. Ба бачаҳо гӯед, ки хабаре аз чорабиниҳои мактабӣ навишта, дар он аз калимаҳои мураккаб истифода баранд.

## 50. ИСМҲОИ ТАРКИБӢ ВА ИМЛОИ ОНҲО

**Салоҳиятҳо:**

- интихоби якҷоя ва ҷудо навиштани калимаю ибораҳое, ки аз якчанд реша ва гурӯҳи калимаҳо ташкил ёфтаанд (интихоб байни калимаҳои мураккаб ва таркибӣ);
- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- ➢ исмҳои таркибиро дар матн муайян карда тавонанд; имлои исмҳои таркибиро шарҳ диҳанд; дар нутқи хаттӣ имлои исмҳои таркибиро риоя намоянд;
- ➢ бо ин восита малакаи калимасозиро дар худ такмил дода, таркиби луғавии худро бой гардонанд;
- ➢ ҳисси худшиносӣ ва ватанпарвариро дар худ бештар гардонанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;

б) баҳисобгирии давомот;

в) аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;

г) ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Исмҳои мураккаб. Иҷрои машқи 339. Хабаре аз чорабиниҳои мактабӣ навишта, дар он аз калимаҳои мураккаб истифода бурдан.

• Баррасии кори хонандагон.

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта тавассути саволҳо:**

• Исмҳои мураккаб чӣ тавр сохта мешаванд?

• Имлои исмҳои мураккаб чӣ гуна аст?

**3.Баёни мавзӯи нав:** Исмҳои таркибӣ ва имлои онҳо.

**Супориш**: Иҷрои машқи 340. Ба хонандагон тавсия диҳед, ки ба сохти исмҳои зер диққат дода гӯянд, ки онҳо аз исмҳои сохта ва мураккаб чӣ фарқ доранд.

*Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тахти Ҷамшед, Қалъаи лаби об, гули тоҷи хурӯс, ангури ҷавз, гули сияҳгӯш, Исёни Муқаннаъ, Дараи Ниҳон.*

б)Бо пурра гардонидани ҷумлаи мазкур қоида таҳия карданро аз хонандагон тақозо кунед:

**-** *Исмҳое, ки аз ду ё якчанд* ___________ *таркиб ёфта, як мафҳумро ифода мекунанд,* _________________ *ном доранд:* Ҷумҳурии халқии Хитой, барги зуф, Созмони Милали Муттаҳид, гули тоҷи хурӯс;

-*Ҷузъҳои исмҳои таркибӣ* _________ *(якҷо ё ҷудо?)навишта мешаванд.*

в) Кори мустақилона: Исмҳои таркибие нависед, ки номи мактабҳои олӣ, номи ташкилот, идораҳои шаҳр, ҳодисаҳои таърихӣ, номи давлат, ҷумҳурӣ, муқаддасоти давлатро ифода намоянд.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс тавассути саволҳо:**

- ➢ Кадом исмҳои таркибӣ бо ҳарфи калон навишта мешаванд?
- ➢ Номи чанд рӯзномаю маҷаллаеро нависед, ки аз рӯйи сохт таркибӣ бошанд.
- ➢ Кадом шоирони халқии Тоҷикистонро медонед?

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5.Супориши вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи 342. Ба номи директори мактаб аризае нависед ва аз ӯ дархосте кунед. Дар он аз исмҳои таркибӣ истифода баред.

## 51.ИХТИСОРАҲО

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;
- донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- мақсади истифодаи ихтисораҳоро донанд;
- исмҳои таркибии хусусиятҳои ихтисорашавӣ доштаро фарқ кунанд;
- аз исмҳои таркибӣ ихтсора сохта тавонанд

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Иҷрои машқи **342.**

**3.Баёни мавзӯи нав.** Ангезиши зеҳн (проблемагузорӣ): Чӣ кор кунем, ҳангоми навиштани исмҳои таркибӣ сарфакорӣ кунем, вақт ва коғаз камтар сарф шавад? Оё мумкин аст, ки аз исмҳои таркибӣ танҳо як калимаашро нависем? Тавассути таҳлили мисолҳои вазифаи хонагӣ омӯзгор проблемагузориро аз кӯтоҳ навиштани исмҳои таркибӣ оғоз мекунад. Фарқ миёни мустаҳкамкунии мавзӯи гузашта ва мавзӯи нав ба ҳам алоқаманд сурат мегирад.

Андешаҳои хонандагон шунида мешавад. Омӯзгор ҷамъбаст карда хонандагонро ба тарзи навишти ихтисораҳо шинос мекунад, дар сурати пешниҳоди дуруст аз ҷониби хонандагон, фикри онҳоро тақвият медиҳад ва таъкид мекунад, ки дар забон чунин гурӯҳи калимаҳо мавҷуданд, ки ихтисораҳо ном доранд.

**Кори инфиродӣ.** Иҷрои шарти Машқи 343. Исмҳоро бодиққат хонда, шакли кӯтоҳи калимаҳои ишорашударо нависед. *Намуна: ҶТ -Ҷумҳурии Тоҷикистон.*

**Кори инфиродӣ**. Иҷрои шарти Машқи 344. Шакли пурраи ихтисораҳои зерро нависед: ДМТ, СММ, ИМА, ШКД, 40 кг, ш.Душанбе…

Кори инфиродӣ. Ичрои шарти Машқи 345. Аризае нависед, ки дар он ихтисораҳо истифода шуда бошанд.

**4.Супориши вазифаи хонагӣ.** Аз нашрияҳои соҳавӣ 5 ҷумлае нависед, ки ихтисора дошта бошанд.

## 52.НАМУНАИ ТАҲЛИЛИ МОРФОЛОГИИ ИСМ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ;

- донистан ва дар матн ҷудо кардани ҳиссаҳои номустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- аломатҳои шартии таҳлили сарфиро донанд;
- таркиби исмҳоро ҷудо карда тавонанд;
- сохти исм ва хелҳои исмро шиносанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Аз нашрияҳои соҳавӣ 5 ҷумлае нависед, ки ихтисора дошта бошанд.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Ангезиши зеҳн. Саволи омӯзгор: Ба фикри шумо, таҳлили сарфии исм барои чӣ лозим аст? Мо аз он дар куҷо истифода мебарем, чаро мо бояд онро донем? Шунидани ҷавобҳои хонандагон.

Ҷамъбасти омӯзгор: Бале, мақсади асосӣ аз таҳлили морфологии исм, мустаҳкамкунии донишҳои мо дар бораи сохт ва хелҳои исм аст, мо тавассути донистани хелҳои исм, маъниҳои калимаҳоро мефаҳмем, мавриди истеъмоли онҳоро меомӯзем.

**Супориш**: Кори инфиродӣ: омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки ҷумлаи зеринро тахти қироати ӯ нависанд. Дар ин маврид таъкид мегардад, ки ҳама китобҳои дарсии худро пӯшида нигоҳ доранд. Ҷумла калима ба калима таҳлил карда мешавад. Як нафар хонанда назди тахта ҳозир мешавад ва таҳлил оғоз карда мешавад:

***Ҳиндуҳо** ҳар **рӯз** то **соатҳо**и дувоздаҳ дар **ҳуҷраҳояшо**н менишастанд, ғайр аз он **рӯзе**, ки **амир** ба **сарбозон**и худ шоҳона медод.*

**Ҳиндуҳо**– исми шахс, моддӣ, ҷинс, ба вазифаи мубтадо омадааст. Исми ҷамъ буда, аз калимаи решагии ҳинду (номи қавм) ва пасванди шаклсози «-ҳо» сохта шудааст.

**Рӯз** – исми ифодакунандаи замон, ғайришахс, маънӣ, ҷинс, сода (решагӣ), ба вазифаи ҳоли замон омадааст.

**Соатҳо** – исми замон, ченаки вақт, ғайришахс, маънӣ, ҷинс, ҷамъ. Ин калима аз ҳиссаҳои маънодори «соат» ва пасванди «-ҳо» сохта шуда, бо пешоянди «**то**» ба вазифаи ҳоли замон омадааст.

**Ҳуҷраҳояшон**– исми макон, ғайришахс, моддӣ, ҷинс, ҷамъ. Ин калима аз ҳиссаҳои маънодори «*ҳуҷра -ҳо - шон*» иборат аст: *ҳуҷра* - **реша**, -*ҳо* – пасванд**и шаклсоз**, -*шон (яшон)* – **бандакҷонишини** шахси сеюми ҷамъ. Бо пешоянди аслии **дар** ба вазифаи *ҳоли макон* омадааст. Бо калимаҳои «*хона, кулба, истиқоматгоҳ, манзил, ошён*» хусусияти *ҳаммаъноӣ* дорад, аммо аз ҷиҳати истеъмол фарқ мекунад.

**Рӯзе** – чун калимаи боло, ин ҷо **исми номуайян** аст (воситаи номуайянӣ -е).

**Амир** – исми шахс, ҷинс, моддӣ, танҳо, муайян, сода, ба вазифаи мубтадо омадааст.

**Сарбозон** – исми шахс, ҷинс, моддӣ, ҷамъ, муайян, исми мураккаб, ки аз исми «**сар**» ва асоси замони ҳозираи феъли **бохтан** (боз), -*он* пасванди ҷамъсоз сохта шудааст. Бо пешоянди **аз** ба вазифаи пуркунанда омадааст.

**Шоҳона** – исми ғайришахс, ҷинс, моддӣ, сохта (аз исми шоҳ ва пасванди «-она»), ҷузъи номии хабари таркибии номӣ шуда омадааст.
**Медод** – феъли ёридиҳанда, замони гузаштаи ҳикоягӣ, сиғаи хабарӣ, аз рӯйи шакл сохта аст: аз *асоси замони гузашта* бо иловаи пешванди «*ме*-» таркиб ёфтааст, шахси сеюми шумораи танҳо, ҷузъи ёвари хабари таркибии номӣ.
**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**
**5.Супориши вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки боби "Исм"-ро пурра такрор кунанд. Аз китобҳои бадеӣ 3 ҷумла нависед, ба зери исмҳои он хат кашед. Як ҷумларо таҳлили морфологӣ кунед.

## 53.ТАКРОРИ БОБИ "ИСМ"

**Салоҳиятҳо:**
- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**
- аломатҳои морфологии исмро шарҳ дода тавонанд; сохти исмҳоро муайян карда, бо пасвандҳои исмсоз калима сохта тавонанд; имлои исмҳоро сарфаҳм раванд;
- ҳамеша дар пайи ташаккули нутқу тафаккур, луғатдонӣ ва эҷодкорӣ бошанд;
- худшиносию ватанпарвариро дар худ бештар талқин намоянд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**
**1.Ташкили дарс:**
- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- ҷалби диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Такрори боби "Исм". Аз китобҳои бадеӣ 3 ҷумла нависед, ба зери исмҳои он хат кашед. Як ҷумларо таҳлили морфологӣ кунед.
Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:

Ҷумлаҳоро бо истифода аз калимаҳои зерин пурра кунед: *ватанпарвар, табиатшиносӣ, Китобхонаи миллӣ, «Рустам ва Суҳроб», «Саманди андеша», Тоҷикистон, Истиқлолияти миллӣ, мактаббачагон, чойхона.* (Ҳар гурӯҳ якҷумлаӣ- 2 дақиқа).

• Барои дарёфти асари устод Айнӣ ба ____________________ даромадам.
• Акрам фанни _______________-ро меписандад.
• Дар Исфара хизматрасонӣ дар ______________ дар сатҳи баланд аст.
• Тамошои намоиши ______________________ меҳри инсонро ба Ватан зиёда мегардонад.

б) Баррасии кори якдигар бо роҳи таҳлили калимаҳо ва саволҳои умумӣ.
**3.Баёни мавзӯи нав:** Такрори исм.

**Кор дар гурӯҳҳо:**

*Гурӯҳи 1:* Иҷрои машқи 346. Гӯед, ки исмҳои ин матнро ба шахсу ғайришахс ва хосу ҷинс ҷудо кунанд.

*Гурӯҳи 2:* Аз мавзӯи Такрори боби “Исм” ба қисмати савол ва супоришҳо диққат диҳед, ба саволҳои 1,2,3 ҷавоби хаттӣ омода созед.

*Гурӯҳи 3:* Аз мавзӯи Такрори боби “Исм” ба қисмати савол ва супоришҳо диққат диҳед, ба саволҳои 4,5,6 ҷавоби хаттӣ омода созед.

*Гурӯҳи 4:* Иҷрои шарти машқи 346

**Муаррифии кори гурӯҳҳо.**

**Мустаҳкамкуни**и боби «Исм» тавассути саволномаҳои тестӣ ва саволҳо:

1. Исмро таъриф кунед ва аломатҳои морфологии онро гӯед.
2. Исмҳои шахс аз исмҳои ғайришахс чӣ фарқ доранд?
3. Мавридҳои истеъмоли пасвандҳои ҷамъбандии **–ҳо, -он (-ён, -вон, -гон)** –ро бо мисолҳо фаҳмонда диҳед.
4. Номуайянии исм бо кадом роҳҳо ифода меёбад?
5. Фарқи исмҳои хосро аз исмҳои ҷинс шарҳ диҳед.
6. Роҳҳои калимасозии исмро номбар кунед.
7. Пешванд ва пасвандҳои исмсозро номбар кунед.
8. Имлои исмҳои мураккаб ва таркибиро шарҳ диҳед.

5.Супориши хонагӣ. Иҷрои **348.** Забонхате нависед, ки дар он талаботи зерин ба назар гирифта шуда бошад:

1.Номи санад.

2.Ному насаб, вазифа ё маҳалли зисти муаллифи забонхат.

3.Маблағи пул ё номи чизи гирифташуда.

4.Санаи таҳияи забонхат.

5.Имзои муаллифи забонхат.

• Исмҳои як ҷумлаи онро таҳлили морфологӣ кунед.

• Гӯед, ки ихтисораҳоро дар забонхат истифода мебаранд.

## 54.ДИКТАНТИ САНҶИШӢ

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима;

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- ➢ малака ва маҳорати худро оид ба имлои калимаҳо, аз ҷумла, исмҳо мустаҳкам гардонанд;
- ➢ ҷиҳати интиқоли нутқи шифоҳӣ ба нутқи хаттӣ малака ҳосил намоянд;
- ➢ ҳисси зебоипарастии худро инкишоф диҳанд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) Риояи одоби мулоқот;

б) Баҳисобгирии давомот;

в) Аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;

г) Ҷалби диққати хонандагон ба дарс.

**2.Диктанти санҷишӣ.** Қироати матн ва ҷалби диққати хонандагон барои навиштани матн.

**Ободӣ аз озодӣ**

Бахшида ба 25-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Деваштич озмунҳои «Маҳаллаи обод» ва «Оилаи намунавӣ» ҷамъбаст гардиданд. Ҳар як иштирокчии озмун кӯшиш ба харҷ дод, ки бо истифода аз тамоми урфу анъанаҳои беназири миллӣ, роҳандозии тарбияи насли наврас дар рӯҳияи хештаншиносиву ватандӯстӣ дар озмуни мазкур сарбаландона ширкат варзида, намунаи ибрат барои дигарон бошад.

Дар озмуни «Оилаи намунавӣ» оилаи Фаррух Нуруллоев сарбаландӣ ба даст оварда, шарафи яке аз хонаводаҳои беҳтарину номиро дар ноҳия ҳимоят намуд.
Дар озмуни «Маҳаллаи обод» маҳаллаи Гулбоғи ҷамоати шаҳраки Ғончӣ ҳамчун маҳаллаи обод баҳогузорӣ гардид.

Инчунин дар чорабинии мазкур дар муассисаи томактабии рақами 3-и маҳаллаи Гулбоғ маросими ифтитоҳи толори баргузории чорабиниҳо доир шуд, ки ин боз як дастоварди тарбиятгирандагон ва сокинони маҳалла мебошад. Барномаи рангини фарҳангию адабӣ аз ҷониби кӯдакон ба ҳусни чорабинӣ шукӯҳи бештар зам кард.

**Савол ва супориш:**

а) Калидро ба бачаҳо диҳед ва гӯед, ки навиштаашонро бо калид муқоиса намуда, ғалатҳояшонро шарҳ диҳанд.

б)Дар зери исмҳои мураккаб ва таркибӣ хат кашанд. Гӯянд, ки чаро баъзе исмҳо дар нохунак омадаанд.

в)Пурсед, ки матни боло ба кадом жанр тааллуқ дорад?

**3.Супориши хонагӣ.** Аз рӯзнома, маҷалла ё асарҳои бадеӣ матне ёфта нависанд, ки он исмҳои мураккаб ва таркибӣ дошта бошад. Метавонанд аз нақша истифода баранд.

| Т/р | Исмҳои мураккаб | Исмҳои таркибӣ |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |

## 55.КОР БО МАТНИ ЗАБОНХАТ (2 соат)

**Салоҳиятҳо:**

- дарки матни хаттӣ, баҳодиҳӣ ба матни хаттӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- робита ва қонуниятҳои байни унсурҳои омӯхташавандаро муайян карда тавонанд;
- шиносномаи забонхатро таҳия намоянд;
- дар асоси шиносномаи жанри омӯхташаванда қоида таҳия карда тавонанд;
- бо мақсади санҷидани қоида супоришҳо иҷро кунанд;
- бо истифода аз қоидаи таҳиягардида супориш иҷро кунанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:
**1.Ташкили дарс:**
- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

Пурсиши вазифаи хонагӣ. Аз рӯзнома, маҷалла ё асарҳои бадеӣ матне ёфта нависанд, ки он исмҳои мураккаб ва таркибӣ дошта бошад. Метавонанд аз нақша истифода баранд.

| Т/р | Исмҳои мураккаб | Исмҳои таркибӣ |
|---|---|---|
| 1. | | |
| 2. | | |
| 3. | | |
| 4. | | |

**2.Баёни мавзӯи нав.** Ангезиши зеҳн (проблемагузорӣ): Омӯзгор ба хонандагон таъкид мекунад, ки имрӯз барои гузаштани дарси забон аз китобхонаи мактаб бастаи рӯзномаи «Пайрав» ва «Анбоз»-ро барои истифодаи муваққатӣ овардан лозим аст, аммо мудири китобхона мегӯяд, ки барои амонат ва орият бояд мо забонхат нависем, ки рӯзномаҳоро пас аз истифода надарронда, хат накашида то охири ҳафта бармегардонем. Мо медонем, ки забонхатро чӣ тарз навиштан лозим аст? Биёед, ҳама яктоӣ забонхат менависем ва аз мудири китобхона хоҳиш мекунем, ки рӯзномаҳоро ба орият ба мо диҳад. Ҳар нафар мустақилона кор мекунад.

**Шарҳ барои омӯзгор**: *Хонандагонро саросема намекунем, аммо назорат мекунем, ки ҳама кор кунанд, пешакӣ қоидаи махсус барои навиштан намедиҳем, намуна намедиҳем, аз китоб истифода кардан мумкин нест, ҳама бояд китобҳоро пӯшида нигоҳ доранд. Аз хонандагон хоҳиш мекунем, ки чӣ хеле ки метавонанд, ба номи мудири китобхона забонхат нависанд ва бовар кунонанд, ки рӯзномаҳоро беосеб бармегардонанд. Барои ин кор шояд 7-10 дақиқа вақт сарф шавад.*

**Муаррифӣ**. Сипас, аз чанд нафар хоҳиш мекунем, ки забонхатҳояшонро хонанд ва дигарон таваҷҷуҳ кунанд, норасоӣ ва муваффақияти забонхатҳоро гӯянд. Муҳокима намоянд. Соати аввали дарсро дар ин ҷо ҷамъбаст кардан мумкин аст.

**3.Супориш ба хона:** Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз номи падар ё модар, бародарашон дар бораи кафолати тоза нигоҳ доштани китобҳои дарсии фарзандашон забонхат биёранд.
**Шарҳ барои омӯзгор:** Азбаски намунаи забонхат дар китоби дарсӣ мавҷуд аст, китобҳои дарсиро аз дасти хонандагон бигиред, дар синф нигоҳ доред. Аммо ҳеҷ гоҳ нагӯед, ки то забонхат наоранд, китобро барнамегардонед. Ин метавонад боиси нофаҳмӣ аз ҷониби волидон шавад. Таъкид кунед, ки китобро танҳо бо мақсади рӯйбардор накардан аз китоб гирифта мондаед.

**Соати дуюм**.
**Равиши дарс**:
**1.Ташкили дарс:**
- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.**

Шунидани забонхатҳои овардаи хонандагон. Беҳтараш, забонхатҳоро ҷамъ кунед, хонандагонро ба гурӯҳҳои хурд ҷудо карда, ба ҳар як гурӯҳ баробар забонхатҳоро тақсим кунед. Хонандагон фарқ ва хусусиятҳои онҳоро баррасӣ кунанд, сохти забонхат, қисматҳояшро таҳлил кунанд.

**Муаррифии** кори гурӯҳҳо.

Муҳокима ва ҷамъбасти кори гурӯҳҳо.

Кор дар гурӯҳҳои хурд: Таҳияи шиносномаи забонхат. Таҳияи қисматҳои ҳатмии забонхат ҳамчун ҳуҷҷат. Гурӯҳҳо шартҳои навиштани забонхатро бояд муайян кунанд.

Муаррифии кори гурӯҳҳо. Ҷамъбасти омӯзгор оид ба шиноснома (сохтор)-и забонхат. Сипас, китобҳои дарсии "Забони тоҷикӣ"-ро ба хонандагон баргардонед ва хоҳиш кунед, ки бо забонхатҳо аз машқи **316** шинос шаванд.

**3.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

Машқи 317. Ба забонхати боло пайравӣ карда, дар мавзӯи дилхоҳатон забонхат нависед, дар он аз исмҳои моддӣ, маънӣ, кул ва ҷузъ истифода баред.

**4.Супориши вазифаи хонагӣ:** Ҷамъоварии матни эълон.

## 56. КОР БО МАТНИ ЭЪЛОН

**Салоҳиятҳо:**

1. Тағйир додани матни хаттӣ ва шифоҳӣ.

**Мақсадҳои дарс.**

- муайян кардани робита ва қонуниятҳо байни унсурҳои омӯхташаванда;
- таҳияи қоида дар асоси «шиноснома»;
- иҷрои супориш бо мақсади санҷидани қоида;
- иҷрои супориш бо истифодаи қоидаи таҳиягардида;

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Баёни мавзӯи нав.** Дар асоси «шиноснома»-и дар машқи 306 додашуда қадамҳои пайдарпайро барои навиштани чунин эълон таҳия намоед.

Кор дар гурӯҳҳои хурд. Машқи 305. Матни эълони зеринро хонед ва нависед, ба имлои исмҳо диққат диҳед.

1) Супориши машқи 310. Дар хона барои баргузории вохӯрӣ бо шоирон эълоне нависед.

**Супориш:**

- Натиҷаҳои кори худро бо гурӯҳҳои дунафараи дигар, ки оид ба ҳамин навъ эълон кор мекунанд, муқоиса менамоед;

2) Кор дар гурӯҳҳои хурд.

**Супориш:**

- Муаррифии матни эълони гурӯҳҳо ва баҳодиҳӣ ба эълонҳо аз рӯйи «шиноснома».
- Тахрир кардани матни эълон дар асоси қоида.
- Интихоби намунаи беҳтарин қоида:
- Ном;

- Ҷойи баргузории чорабинӣ;
- Мазмуни чорабинӣ;
- Ташкилкунандагони чорабинӣ;
- **Эълон кай ва барои чӣ истифода бурда мешавад?**
- A) Барои ҷалби одамон ба ягон чорабинӣ;
- B) Барои ба даст овардани эҳтиёҷот;
- C) Барои тасдиқи ягон ҳолат;
- D) Барои хушҳол гардондан ваислоҳи камбудиҳо.

.......

4.Супориши вазифаи хонагӣ.Ҷамъоварии эълонҳо вобаста ба талаботи таҳияи эълон вобаста ба мавзӯъҳои гуногун. Дар матн истифода бурдани исмҳои сохта.

**КОР БО МАТНИ ЭЪЛОН**

**Салоҳиятҳо:**

- тағйир додани матнҳои хаттӣ

**Мақсадҳои дарс.**

- иҷрои супориш бо истифодаи қоидаи таҳиягардида;
- кор бо ҷамъоварии ғалат ва истифода бурдани қоида.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Ҷамъоварии эълонҳо вобаста ба талаботи таҳияи эълон вобаста ба мавзӯъҳои гуногун. Дар матн истифода бурдани исмҳои сохта.

**3.Баёни мавзӯи нав. Супориш**. Дар асоси «шиноснома»-и навъи додашуда қадамҳои пайдарпайро барои навиштани чунин эълон таҳия намоед.

Шиносномаи эълон

- Ном;
- Ҷойи баргузории чорабинӣ;
- Мазмуни чорабинӣ;
- Ташкилкунандагони чорабинӣ;

**Супориш**. Дар гурӯҳи дунафара: Натиҷаҳои кори худро бо гурӯҳҳои дунафараи дигар, ки оид ба ҳамин навъ эълон кор мекунанд, муқоиса менамоед;

**Супориш**.

А) Муаррифии матни эълони гурӯҳҳо ва баҳодиҳӣ ба эълонҳо аз рӯйи «шиноснома».

Б) Таҳрир кардани матни эълон дар асоси қоида.

В) Интихоби намунаи беҳтарин қоида:

1. Ном;
2. Ҷойи баргузории чорабинӣ;
3. Мазмуни чорабинӣ;
4. Ташкилкунандагони чорабинӣ;

**4.Вазифаи хонагӣ.** Ҷамъоварии эълонҳо вобаста ба талаботи таҳияи эълон.

## 57.ФЕЪЛ ВА АЛОМАТҲОИ САРФИИ ОН

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**:

- тавассути савол феълро аз матн муайян карда тавонанд; аҳамияти феълро дар нутқ дарк карда тавонанд; аломатҳои морфологии феълро номбар намоянд;
- таркиби луғавии худро бо роҳи муайян кардани ҳиссаи нутқи дигар бой гардонда, нутқи шифоҳию хаттии худро такмил диҳанд;
- дар иҷрои амалҳои ахлоқӣ бештар мутаваҷҷеҳ бошанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- ҷалби диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Таҳияи матни эълон. 5 исмро аз матн гирифта, аломатҳои сарфии онро дар нақша шарҳ додан.

- **Баррасии кори хонандагон**.

Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта тавассути таҳлили як мисол**:**

а)Гӯед, ки ҳар кадом мустақилона як исмро гирифта, таҳлили морфологӣ кунанд;

б)Пурсед, ки:

-Эълон чӣ гуна жанр аст?

-Аломатҳои морфологии исмро номбар кунанд.

Муайян кунед, ки дар эълони навиштаатон кадом калима ба саволҳои «Чӣ кор кард?, Чӣ кор мекунад?» ҷавоб мешавад.

**3.Баёни мавзӯи нав:** Феъл ва аломатҳои морфологии он.

**Супориш**: Машқи 349. Матнро хонед. Ба калимаҳои ишорашуда савол гузоред. Гӯед, ки онҳо чиро ифода мекунанд.

**Супориш**: Иҷрои машқи 350. Ба хонандагон гӯед, ки ҷойи нуқтаҳо амалҳои мувофиқро гузошта, онҳоро нависанд. *Намуна: Китобро мехонанд.*

Ҷавобҳои хонандагонро шунавед.

**Хонандагонро водор кунед, ки ҷумлаҳоро пурра намоянд:**

-*Феъл* __________ (*амал) ва* ___________ *(ҳолат) –и предметро* ___________;

- *Саволҳои феъл инҳоянд:* _________(чӣ кор кард?), _____________(чӣ кор мекунад?), __________ чӣ шуд?;

- *Аломатҳои морфологии* ________ *инҳоянд*: шахсу шумора, замон намуд, тарз, сиға.

**Супориш**: Иҷрои машқи **351**. Матнро хонед, феълҳои онро муайян кунед ва гӯед, ки онҳо кадом маъноҳоро (амал, ҳаракат, муносибатро) ифода мекунанд.

Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки матнро хонанд ва ба калимаҳои ишорашуда савол гузоранд, шарҳ диҳанд, ки онҳо чиро ифода мекунанд.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи нав**. Ҷумлаҳоро ба хонандагон қироат карда, аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҷумлаҳоро пурра кунанд:

1 Анушервон рӯзҳои наздик ба истироҳатгоҳ ________________.

2 Барои Насиба пухтани оши палав ниҳоят ______________.

3 Истиқлолият ба мо озодӣ ______________.

• Гӯед, ки дар ҷумла феълро аз рӯйи чӣ муайян мекунед;

•Аломатҳои морфологии феъл кадомҳоянд?

**4.Арзёбӣ.**

**5.Супориши хонагӣ.** Машқи 356. Латифаро нависед. Гӯед, ки бандакҷонишини «*-ам*» ба кадом шахсу шумора тааллуқ дорад. Дар зери феълҳо хат кашед.

## 58.ШАКЛҲОИ ТАСРИФНАШАВАНДАИ ФЕЪЛ. МАСДАР

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима.
- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- аз матн шаклҳои тасрифнашавандаи феълро муайян карда тавонанд; донанд, ки чаро шаклҳои тасрифнашавандаи феъл мегӯянд; вазифаи масдарро гуфтаву мисол оварда тавонанд;
- ҷиҳати такмил додани баёни нутқи хаттиву шифоҳӣ қадаме пеш гузоранд;
- ба дарки паҳлуҳои ахлоқӣ бештар диққат диҳанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Машқи 356.

Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта тавассути тасрифи феълҳо.

**3. Баёни мавзӯи нав:** Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл.

**Супориш**: Иҷрои машқи 382. Ба хонандагон фаҳмонед, ки шаклҳои феълии таъкидшударо муқоиса карда, муайян намоянд, ки кадоми онҳо тасриф намешаванд.

1. **Менависам** ман суруди сулҳро бо хуни дил,
Бо **тапидан**ҳои бероми рӯзафзуни дил.

***( М.Турсунзода)***

2.Дар пеши шарикони пештар **омада**ам навбати дарсро нигарон шуда нишастам. (С.Айнӣ) 3.Сухани ӯро **табассумкунон** шунида нишаст. (С.Айнӣ)

***Қоида:*** *Шаклҳои феълиро ба ______ (ду, се ё чор?) гурӯҳ ҷудо мекунанд: 1. Тасрифшаванда; 2. тасрифнашаванда.*

- *Масдар, сифати феълӣ, феъли ҳол шаклҳои тасрифнашавандаи феъл мебошанд;*
- *Масдар хусусиятҳои феълу исм, сифати феълӣ ва феъли ҳол хусусиятҳои сифат ва зарфро доранд.*

**Супориш**: Иҷрои машқи 358. Диққати хонандагонро ба калимаҳои ҳар ду сутун ҷалб кунед ва гӯед, ки дар муқоиса фарқи онҳоро шарҳ диҳанд.

| | |
|---|---|
| дидам, мебинам | дидан |
| хонам, мехонам | хондан |
| рафтам, равам | рафтан |
| сохтам, сохтаам | сохтан |
| аз ёд кардам | аз ёд кардан |
| нашунидаам | шунидан |
| намефаҳмам | фаҳмидан |

**• Таъкид кунед, ки аз хотир набароранд:**

-*Масдар шакли тасрифнашавандаи феъл буда, амалу ҳолатро номбар мекунад.*

-*Он аз асоси замони гузаштаи феъл бо ёрии пасванди –ан сохта мешавад:* гуфтан, хондан, навиштан.

-*Масдар ба вазифаи сараъзо ва аъзоҳои пайрав меояд*: Хондан вазифаи мост. (Мубтадо) Вазифаи мо хондан аст. (Хабар) Аз омаданаш шодам. (Пуркунанда)

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.**

Иҷрои машқҳои 359.

Пурсед, ки:

- Шаклҳои феълӣ ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд?
- Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл кадомҳоянд?
- Масдар чист?
- Байте гӯед, ки масдар дошта бошад.

**Супориш**. Иҷрои машқи 360. Фаҳмонед, ки зарбулмасалҳоро нависанд. Гӯянд, ки масдарҳо ба вазифаи кадом аъзои ҷумла омадаанд.

1.Аз хурдон гуноҳ кардан, аз бузургон бахшидан. 2.Аз барф манора сохтан. 3. Аз борон гурехта ба новадон дучор гардидан. 4.Ба як тир ду сайдро задан. 5.Овози дуҳул шунидан аз дур хуш аст.

4.Супориши вазифаи хонагӣ: Шаклҳои тасрифнашавандаи феъл. Масдар. Иҷрои машқи 361.

## 59. ШАХС ВА ШУМОРА ДАР ФЕЪЛ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- шахсу шумора ва бандакҳои феълию хабарии феълро номбар карда мисол оварда тавонанд; дар ҷумлаҳо тобишҳои маъноии феълҳоро муайян намоянд;
- тартиби баёни фикрро аз худ намоянд;
- тарбияи худшиносӣ ва ахлоқӣ гиранд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;

б) баҳисобгирии давомот;

в) аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;

г) ҷалби диққати хонандагон ба дарс.

**2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Машқи 361.

• баррасии кори хонандагон.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи гузашта тавассути саволҳо:**

- Аз хонандагон пурсед, ки эълон кай ва аз тарафи кӣ навишта мешавад.
- Чӣ моҳият доштани феълро дар забон шарҳ диҳанд ва гӯянд, ки он дар ҷумла ба вазифаи кадом аъзои ҷумла меояд?
- Маънои луғавии калимаи «феъл»-ро шарҳ диҳанд.

**3.Баёни мавзӯи нав:** Шахсу шумора дар феъл.

**Супориш**: Иҷрои машқи 362. Ба хонандагон гӯед, ки феълҳоро хонанд ва чӣ тавр муайян кардани иҷрокунандаи амалҳоро шарҳ диҳанд.

| **Шахсҳо** | **Шумора** | |
|---|---|---|
| | **танҳо** | **ҷамъ** |
| 1.<br>2.<br>3. | Навиштам-нависам<br>Навиштӣ-нависӣ<br>Навишт-навишт | Навиштем-нависем<br>Навиштед-нависед<br>Навиштанд-нависанд |

**Феълҳо ____ *шахс* ва ____ *шумора* доранд:**

-шахси якум - гӯянда (ман-шумораи танҳо, мо-шумораи ҷамъ)

- шахси дуюм –шунаванда (ту-танҳо, шумо- ҷамъ)

-шахси сеюм- ғоиб (ӯ, вай-танҳо, онҳо-ҷамъ)

• **Таъкид кунед, ки бачаҳо дар хотир гиранд:** *Шахсу шумораи феъл бо ёрии бандакҳои феълию хабарӣ ифода меёбанд:* рафтам-рафтаам.

• *Баъзан ба ҷойи бандаки шахси якуми танҳо (-ам) бандаки шахси якуми ҷамъ (-ем) омада, хоксорӣ ва эҳтиромро ифода мекунад:*Мо дар ин ҷо кӯшиш намудаем, дар хусуси китоби нави устод андаке ҳарф занем.

• *Шахси дуюм ва сеюми ҷамъ низ дар ифодаи эҳтиром ба ҷойи шахси дуюм ва сеюми танҳо кор фармуда мешаванд:* Модарам аз кор баргашт**анд**. Ба Шумо тани сиҳату хонаи обод орзумандам.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи нав.**

**Супориш.** Диққати хонандагонро ба қироати байтҳо ва маънидод кардани онҳо ҷалб намоед. Гӯед, ки феълҳоро навишта, шахсу шумораашонро муайян кунанд.

**Гурӯҳи 1:**

Пайафкандам аз назм кохе баланд,
Ки аз боду борон наёбад газанд.

Абулқосим Фирдавсӣ

**Гурӯҳи 2:**

Сар зи модар макаш, ки тоҷи шараф,
Гарде зи роҳи модарон бошад!

Абдураҳмони Ҷомӣ

**Гурӯҳи 3:**
Адаб хоҳӣ, зи ҳад берун манеҳ пой,
Зи ҳар ҷониб, ки хоҳӣ, дар миён ой.
БадриддинҲилолӣ

**Гурӯҳи 4:**
Пайи маслиҳат маҷлис оростанд,
Нишастанду гуфтанду бархостанд.
Абулқосим Фирдавсӣ

**Гурӯҳи 5:**
Рози дил медоштам, ар як маҳраме медоштам,
Шикваҳо мекардам аз ғам, ҳамдаме медоштам.
Садриддин Айнӣ

**Баррасии кори хонандагон.**

**Супориш**: Машқи 363. Матнро хонед ва нависед. Феълҳоро навишта, шахсу шумораашонро муайян кунед.

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ**

**5.Супориши хонагӣ.** Машқи 366. Дар хона аз рӯзномаи «Пайрав» ду латифа нависед, шахсу шумораи феълҳоро муайян намоед.

## 60. ТАСРИФИ ФЕЪЛ. БАНДАКҲОИ ФЕЪЛӢ ВА ХАБАРӢ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- ҳар феълро аз рӯйи шахсу шумора тасриф карда тавонанд; дар нутқи хаттӣ имлои шахсу шумораи феълро риоя намоянд;
- ба баёни нутқи шифоҳию хаттӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд;
- дар иҷрои амалҳои хуб намуна буданро омӯзанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;
б)баҳисобгирии давомот;
в) аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
г) ҷалби диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Машқи 366.

• Ба бачаҳо гӯед, ки латифаҳои ҳамдигарро хонанд ва ба кори ҳамдигар баҳо диҳанд.

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта тавассути таҳлили морфологӣ.**

Таъкид кунед, ки бо калимаҳои додашуда ҷумла созанд ва онро таҳлили морфологӣ кунанд.

Намуна: *Наргис китоби «Мактаби куҳна»-ро дар як рӯз хонд.*

Чӣ кор кард? –хонд; феъл, замони гузашта, аз асоси з. гузашта+ бандаки феълӣ сохта шудааст, шахси 1, шумораи танҳо, ба вазифаи хабар омадааст.

**Гурӯҳи 1-** *омадан*
**Гурӯҳи 2-** *рафтан*
**Гурӯҳи 3-** *сохтан*
**Гурӯҳи 4-** *сароидан*
**Гурӯҳи 5-** *дӯхтан*

- **Баррасии кори хонандагон.**

4. Баёни мавзӯи нав: Тасрифи феъл. Бандакҳои феълӣ ва хабарӣ.

Диққати бачаҳоро ба баёни феъл ва мазмуни он равона созед:
*гуфтам, гуфтӣ, гуфт, гуфтем, гуфтед, гуфтанд (тавассути саволи кӣ?* Муайян намоянд, ки амалро кӣ иҷро кардааст).

Пурсед, ки феъл як аст, чӣ тағйир ёфтааст. Қоидаро якҷоя такмил диҳед:
-*Аз рӯйи шахсу шумора тағйир ёфтани ____________ҳоро тасриф меноманд:* рафтам, рафтӣ, рафт…

• *Шахсу шумораи феълро бандакҳои феълию хабарӣ* _______________: рафтем, рафтаем…

•*Бандакҳои* ____________ *(феълӣ) танҳо пас аз асосҳои феълӣ меоянд:* гуфтам, гуфтӣ, гуфт..

•*Шахси* ________ *шумораи* ________ *дар замони гузашта ба асоси замони гузашта баробар аст:* гуфт, рафт…

| **Шахс** | **Шумора** | |
|---|---|---|
| | **танҳо** | **ҷамъ** |
| 1.<br>2.<br>3. | Хондам -мехонам<br>Хондӣ-мехонӣ<br>Хонд-мехонад | Хондем-мехонем<br>Хондед-мехонед<br>Хонданд-мехонанд |

Бандакҳои хабарӣ бо исм, сифат, ҷонишин, сифати феълӣ ва феъли ҳол ҳамроҳ шуда, ________________-ро ифода мекунанд:

| **Шахс** | **Шумора** | |
|---|---|---|
| | **танҳо** | **ҷамъ** |
| 1.<br>2.<br>3. | хондаам, коргар**ам**<br>хондаӣ, коргар**ӣ**<br>хондааст, коргар **аст** | хондаем коргар**ем**<br>хондаед коргар**ед**<br>хондаанд, коргар**анд** |

**5. Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.**

Кори мустақилона. Гӯед, ки бо истифода аз бандакҳои хабарӣ ду калимаро тасриф намоянд: *ҷавонам, навиштагиям…*

**Баррасии кори хонандагон.**

Пурсед, ки:

- Тасриф чист?
- Бандакҳои феълиро чӣ тавр мешиносанд?
- Бандаки хабариро чӣ?

**Супориш**: Иҷрои машқи 367, 368.

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5. Супориши вазифаи хонагӣ:** Тасрифи феъл. Бандакҳои феъливу хабарӣ. Табрикномае нависед, як феъл ва як исми онро бо бандакҳои феъливу хабарӣ тасриф намоед.

**61. АСОСҲОИ ФЕЪЛ - 1 СОАТ**

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима;
- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- асосҳои феълро номбар карда, аз матн асосҳои феълро ёфта тавонанд;
- дар баёни нутқи мураттаб мутаваҷҷеҳ бошанд;
- ба ташаккули сифатҳои ахлоқии худ бештар аҳамият диҳанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;
б) баҳисобгирии давомот;
в) аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
г) ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Тасрифи феъл. Бандакҳои феъливу хабарӣ. Тасрифи феъл. Бандакҳои феъливу хабарӣ. Табрикномае нависед, як феъл ва як исми онро бо бандакҳои феъливу хабарӣ тасриф намоед.

• **Баррасии кори хонандагон.**

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта тариқи саволҳо:**

- Табрикнома чӣ хел матн аст?
- Тасриф чист?
- Фарқи бандаки феълиро аз бандаки хабарӣ шарҳ диҳед.

**4.Баёни мавзӯи нав:** Асосҳои феъл.

**Иҷрои машқи 371**. Матнро хонед ва феълҳоро нависед. Феълҳои таъкидшударо ба ҳамдигар муқоиса кунед.)

Хонандагонро водор намоед, ки матнро хонда, феълҳои онро дар дафтарашон нависанд. Феълҳои таъкидшударо ба ҳамдигар муқоиса кунанд.

• Гӯед, ки амалҳо дар кадом замон иҷро шудаанд, дар нақша ҷо диҳанд:

| Гузашта | Ҳозира |
|---|---|
| | |

Ба хонандагон тавсия диҳед, ки бо дарки мазмуни боло ҷумлаҳоро пурра гардонанд:

• *Феъл ________ (чанд?)асос дорад: асоси замони __________, асоси замони __________;*

• *Асоси замони __________ (гузашта ё ҳозира?) иҷрои амалро дар замони __________ мефаҳмонад ва ба шахси _____ (дуюм ё сеюм?) танҳо баробар аст:* рав, хон, бин, гӯй, бар.

• *Асоси замони ___________ амали дар замони ____________ (гузашта ё ҳозира?)ба анҷом расидаро мефаҳмонад ва ба шахси ______(дуюм ё сеюм) шумораи танҳо баробар аст:* рафт, хонд.

Хонандагонро барои иҷрои машқи 372 мутаваҷҷеҳ гардонед. Ба онҳо фаҳмонед, ки маънои феълҳои ҳар ду сутунро вобаста ба бадалшавии овозҳо муқоиса кунанд.

| | |
|---|---|
| бор -борид | афрӯз - афрӯхт |
| боф - бофт | дӯз -дӯхт |
| ист - истод | рез - рехт |
| пӯш - пӯшид | банд - баст |
| хон - хонд | гузар- гузашт |
| шукуф - шукуфт | фурӯш - фурӯхт |
| ҷӯш - ҷӯшид | гӯй - гуфт |
| хӯр - хӯрд | хоҳ –хост |

• Пурсед, ки чиро пай бурданд, онҳо ҳам чунин калимаҳо гуфта метавонанд?

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.**

а)Иҷрои машқҳои 373-375.

б)Пурсед, ки:

- Феъл чанд асос дорад?
- Чаро асоси замони гузашта мегӯянд? Он ба кадом шахс баробар аст?
- Асоси замони ҳозира чиро мефаҳмонад? Он ба кадом шахс баробар аст?

**4.Супориши хонагӣ:** Асосҳои феъл. Машқи 376. Дар хона дар мавзӯи иштирок дар олимпиада бо дӯстатон суҳбат намоед. Асосҳои феълиро дар матн муайян кунед.

## 62.КОР БО МАТНИ МУСОҲИБА (3 соат)

**Салоҳиятҳо**

- дарки матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ (дарси 1);
- баҳодиҳӣ ба матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ (дарси 2);
- тағйирдиҳии матнҳои хаттӣ (дарси 3).

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- робита ва қонуниятҳо байни унсурҳои омӯхташавандаро муайян карда тавонанд;
- шиносномаи жанри мусоҳибаро таҳия намоянд;
- дар асоси шиносномаи жанри омӯхташаванда қоида таҳия карда тавонанд,
- бо мақсади санҷидани қоида супоришҳоро иҷро кунанд,
- бо истифодаи аз қоидаи таҳиягардида супориш иҷро кунанд.

**Маводди таълим**: китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс**:

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Машқи **376.** Дар хона дар мавзӯи иштирок дар олимпиада бо дӯстатон суҳбат намоед. Асосҳои феълиро дар матн муайян кунед.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Ангезиши зеҳн (проблемагузорӣ): Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, фардо ба мактаб кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ меоянд ва танҳо ба саволҳои шумо ҷавоб медиҳанд. Ҳар кадоми шумо метавонед, ки якчанд савол диҳед ва ба саволҳоятон ҷавоб гиред. Марҳамат, дар бораи ҳуқуқҳои худ саволҳо омода мекунем, ҳар кас мустақилона чортоӣ савол омода кунад. Ҳама дар мавзӯи "Оё ман ҳуқуқҳои худро медонам" мусоҳиба омода кунанд. Яъне, дар мавзӯи зикршуда ҳар кас на кам аз се-чортоӣ

савол омода мекунем. Ба хонандагон вақт диҳед, ки саволҳои худро омода созанд. Бовар ҳосил кунед, ки ҳамаи хонандагон савол омода кардаанд. Интихобан аз чанд нафар (се, чор нафар) мешунавем, аз хонандагони дигар хоҳиш мекунем, ки бодиққат гӯш кунанд, муваффақият ва камбудии саволҳоро баён намоянд.

**Шарҳ барои омӯзгор:** хонандагон ҳамроҳи омӯзгор ошкор мекунанд, ки дар навиштани мусоҳиба мушкилӣ доранд: шояд: саволҳо аз мавзӯъ берун, нофаҳмо, такрор, дурудароз ва ғайра.

Кори гурӯҳӣ: аз китоби дарсӣ, машқи 115

**Гурӯҳи 2** аз китоби дарсӣ, машқи 121

**Гурӯҳи 3** ва 4 аз хазинаи ҷамъовардаи омӯзгор

Супориш: мусоҳибаҳоро хонед, сохти онҳоро шарҳ диҳед. Онҳо аз кадом қисматҳо иборатанд?

Муаррифии кори гурӯҳҳо.

Ҷамъбаст ва хулосабарорӣ

**4.Супориши вазифаи хонагӣ:** 1.Аз матбуот ҷамъ овардани матни мусоҳибаҳо;

2.Таҳрир кардани саволҳои худ барои мусоҳибаи оянда.

**КОР БО МАТНИ МУСОҲИБА (Дарси 2.)**

**Равиши дарс**

**1.Қисмати ташкилии дарс:**

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ ва идомаи мавзӯъ:** Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки ба гурӯҳҳои хурд ҷудо шаванд (вобаста ба шароит ва имконияти синф хонандагонро аз рӯйи принсипҳои гуногун ба гурӯҳҳо ҷудо кардан мумкин аст).

Супориш ба гурӯҳҳо:

1.Мусоҳибаҳоро аз назар гузаронед, онҳоро аз нигоҳи мавзӯяшон ба гурӯҳҳо ҷудо кунед; 2.Мавзӯъҳои ҷудокардаатонро шарҳ диҳед; 3.Сохтори онҳоро муайян кунед; 4.Кори худро барои муаррифӣ омода созед.

Муаррифии кори гурӯҳҳо.

Кори гурӯҳӣ: Супориш ба гурӯҳҳо: 1. Яке аз мусоҳибаҳоро интихоб кунед, онро пурра таҳлил намоед. Ба назари шумо чиро дар он дигар кардан мумкин аст? Кадом саволи мусоҳибаро тағйир додан мумкин аст? Кадом саволро партофтан мумкин аст? Ягон саволи дигар шумо метавонистед ба он илова кунед? Риояи одоби суҳбат то кадом андоза иҷро шудааст?

Муаррифии кори гурӯҳҳо.

Таҳияи шиносномаи мусоҳиба:

1.Сарлавҳа

2.Шарҳи мухтасари масъала

3. Саволи мусоҳибагиранда (ё мусоҳиб, ё суҳбаторо)

4. Ҷавоби мусоҳиб

5.Шарҳи мусоҳибагиранда (ҳангоми зарурат)

6.Саволи мусоҳибагиранда

7.Ҷавоби мусоҳиб

8. Хулоса ва ҷамъбасти мусоҳибагиранда.

9. Ҷамъбаст ва хулосабарорӣ.

Супориши вазифаи хонагӣ. Ҷамъ овардани мусоҳибаҳо ва муқоисаи онҳо бо шиносномаи таҳияшуда.

**КОР БО МАТНИ МУСОҲИБА (Дарси 3.)**

**Равиши дарс**

**1.Ташкили дарс:**

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ ва идомаи мавзӯъ.** Омӯзгор шиносномаи таҳияшудаи мусоҳибаро дар тахта менависад ва интихобан аз хонандаҳо мепурсад, ки мусоҳибаҳои пайдокардаи онҳо бо шиносномаи таҳияшуда то кадом андоза мувофиқат мекунанд.

Муҳокимаи андешаҳо ва такмили шиносномаи таҳияшуда. Агар дигаргуниҳо бошанд, ба шиносномаи дигаргунӣ ворид карда мешавад.

**Кори гурӯҳӣ:** хонандагон дар гурӯҳҳои хурд мувофиқи шиносномаи таҳияшуда саволҳои барои мусоҳиба таҳиякардаашонро таҳрир мекунанд ва қолаби мусоҳибаашонро месозанд.

Муаррифии кори гурӯҳҳо шунида мешавад.

Омӯзгор пас аз хулосабарорӣ саволи навбатиро мегузорад: Дар мусоҳиба кадом унсурҳои одоби суҳбат бояд риоя шаванд?

Ҷавобҳои хонандагон шунида мешаванд:

- Пеш аз оғози савол салом гуфтан;
- Ҳамсуҳбатро муаррифӣ кардан;
- Саволро кӯтоҳ ва мушаххас гузоштан;
- Дар саволдиҳӣ эҳтироми шахсро риоя кардан;
- Сухани мусоҳибро набуридан;
- Вақтро риоя кардан;
- Дар анҷом ҷамъбаст кардан ва ба ҳамсуҳбат изҳори миннатдорӣ кардан.

Ҷамъбаст ва хулосаи омӯзгор.

**3.Арзёбӣ.**

**4.Супориши вазифаи хонагӣ.** Таҳияи мусоҳиба дар мавзӯи идона.

**63. ЗАМОНҲОИ ФЕЪЛ. ЗАМОНИ ГУЗАШТАИ ФЕЪЛ**

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс.Хонандагон бояд**:

- аз матн феълҳоро муайн намуда, замони иҷрои амалҳо ва фарқи замонҳои феълро аз ҳам шарҳ дода тавонанд; замонҳои феълро номбар карда, феълро дар ҳар замон ифода карда тавонанд;
- аз лиҳози баёни фикр ва эҷодкорӣ инкишоф ёбанд;
- дар иҷрои кору амали хеш бодиққат бошанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкилдарс:**

а) номи одоби мулоқот;

б) баҳисобгирии давомот;

в) аз назар гузаронидани санитарии сипоҳ;

г) ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс;

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Таҳияи мусоҳиба дар мавзӯи идона.

б)Баррасии кори хонандагон.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи гузашта.**

Пурсед, ки:

- Феъл чанд сиға дорад? Номбар кунед.
- Феъли омаданро дар замони гузашта ва сиғаи эҳтимолӣ тасриф кунед.

**3. Баёни мавзӯи нав.** Замонҳои феъл. Замони гузаштаи феъл.

а) Иҷрои машқҳои 377-378. Диққати бачаҳоро барои ҷавоб гуфтан ба саволҳои додашуда ҷалб кунед ва гӯед, ки замони феълҳои онҳоро муайян намоянд:

1. Соли гузашта дар синфи чандум мехондед?
2. Ҳоло дар синфи чандум мехонед?
3. Дарояндаи наздик чӣ корҳоро ба сомон расониданиед?

•**Дар хотир гиред:** *Замони феъл муносибати амалро ба лаҳзаи нутқ нишон медиҳад. Лаҳзаҳои нутқ: гузашта, ҳозира, оянда мебошанд.*

• *Пас, аз ин ҷо маълум мешавад, ки феълҳо ____ (чанд?) замон доранд:*

- замони гузашта (рафтам)

-ҳозира (рафта истодам)

-оянда (меравам- хоҳам рафт)

**Супориш**: Иҷрои машқи 382. Аз феълҳои *хостан, гуфтан, дидан, бурдан* шаклҳои замони гузашта сохта, ҷумлаҳо тартиб диҳед.

***Намуна:*** *хостан: хостам, мехостам, хоста будам; Мехостам, ки ҳарчи зудтар бародарамро бинам.*

б) Феъли *хостан*-ро дар замони гузашта тасриф кунед.

в) Ҷумларо такмил диҳед: *Замони гузаштаи феъл амали ________________ (гузашта, ба анҷомрасида ё…?)-ро мефаҳмонад:* навиштам, навиштаам, менавиштам, навишта будам, навишта истода будам.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.** Машқи 381. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки бо ҳамнишини худ дар мавзӯи "интихоби касб" суҳбат омода кунанд. Дар матни тартибдодаашон замони гузаштаи феълро муайян созанд

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5. Супориши хонагӣ.** Замонҳои феъл. Замони гузаштаи феъл. Иҷрои машқи 380. Ба хонандагон бодиққат хондани матнро тавсия дода гӯед, ки феълҳои замони гузаштаро аз матн нависанд ва ба шаклу сохти онҳо таваҷҷуҳ намоянд. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб намоянд.

## 64-65. ЗАМОНҲОИ ҲОЗИРА ВА ОЯНДАИ ФЕЪЛ – 2 СОАТ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- матнро навишта, замони феълҳоро аз матн муайян карда тавонанд; фарқи замони ҳозираро аз оянда дарк намоянд; бо замонҳои ҳозира ваояндаи феъл ҷумла тартиб диҳанд;
- аз лиҳози баёни нутқи шифоҳию хаттӣ инкишоф ёбанд;
- барои иҷрои амали муносиб ҳамеша омода бошанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;
б) баҳисобгирии давомот;
в) аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
г)ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2. Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Замонҳои феъл. Замони гузаштаи феъл. Иҷрои машқи 380. Ба хонандагон бодиққат хондани матнро тавсия дода гӯед, ки феълҳои замони гузаштаро аз матн нависанд ва ба шаклу сохти онҳо таваҷҷуҳ намоянд. Доир ба мазмуни матн саволу ҷавоб намоянд.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи гузашта тавассути саволҳо:**

•Замони феъл чиро ифода мекунад?
•Феъли *«донистан»*-ро дар замони гузашта тасриф кунед.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Замонҳои ҳозира ваояндаи феъл.

**Супориш**: Ба бачаҳо фаҳмонед, ки ҷумлаҳоро бодиққат хонанд ва гӯянд, ки феълҳои таъкидшуда кадом замонро ифода мекунанд.

1.Ба гуфти модарам, имрӯзҳо бобоям аз шаҳр *меоянд.*
2.Шуҳрат бозии футболро ниҳоят *дӯст медорад.*
3.Тут дар ҷойҳои гарм бештар *месабзад.*
4.Вақте ӯ омад, мо корро *тамом карда истода будем.*

• **Ба хонандагон таъкид кунед, ки:** Феъли замони ҳозира амали давомдорро мефаҳмонад:

**Супориш**: Иҷрои машқи 381. Ба хонандагон тавсия диҳед, ки феълҳои замони ҳозираро аниқ намуда, бо онҳо ҷумла созанд.

*Кор мекунам, рафтам, хонда будам, хонда истода будам, меоям, пурсидам, рафта истодааст, зиндагӣ мекунам, хоҳам хонд, гул мекунад, саёҳат мекунам.*

**Супориш**: Ба бачаҳо гӯед, ки ҷумларо такмил диҳанд:

*Замони ҳозираи феъл амалеро мефаҳмонад, ки* ______________________.

**Супориш:** Машқи 383. Нависед. Гӯед, ки феълҳои таъкидшуда кадом замонро ифода мекунанд.

• Ба бачаҳо гӯед, ки ҷумларо такмил диҳанд: *Замониояндаи феъл амалеро мефаҳмонад, ки он* _________ *(кай?) иҷро мешавад.*

1.Хайр, акнун ман ба ҳавлӣ медароям. (Ҷ.Икромӣ) 2.То зиндаем, аз шумо миннатдор хоҳем буд. (Р.Ҷалил)

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.**

а) Иҷрои машқҳои 385-389.

б) Пурсед, ки:

• Замони ҳозираи феъл чӣ хел амалро мефаҳмонад?

• Феъли *хӯрдан*-ро дар замони оянда тасриф намоянд.

**4.Супориши вазифаи хонагӣ:** Дар хона бо истифода аз феълҳои замони оянда дар мавзӯи мусобиқаи варзишӣ эълон нависед.

## 66. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ

**Салоҳиятҳо:**

- шинохтан ва ҷудо кардани решаи калима, пешванду пасвандҳо, асос ва бандак, таркиби морфологии калима;

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- Аз ҷиҳати нутқи хаттӣ инкишоф ёбанд; малака ва маҳорати худро оид ба имлои калимаҳо, аз ҷумла, феълҳо мустаҳкам гардонанд; ҷиҳати интиқоли нутқи шифоҳӣ ба нутқи хаттӣ малака ҳосил намоянд;
- Аз лиҳози тарбияи зебоипарастӣ рушд кунанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1. Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;

б) баҳисобгирии давомот;

в) аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;

г) ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2. Диктанти санҷишӣ.** Қироати матн ва ҷалби диққати хонандагон барои навиштан.

**«Моҳичаи тиллоӣ» чӣ ҳол дорад?**

Чанде пеш дар шаҳраки Турсунзода як кӯдакистони хусусӣ бо номи «Моҳичаи тиллоӣ» дарҳои худро ба рӯйи тифлакон боз намуд. Дар он тамоми шароити зарурӣ барои таълиму тарбияи томактабӣ муҳайё карда шудааст.

Дар кӯдакистон, ки тарбиятгирандагонаш асосан фарзандони омӯзгорон, мутахассисон ва коргарони фабрикаи парандапарварии Чептура мебошанд, мутахассисони соҳибтаҷриба фаъолият мекунанд. Дар 4 гурӯҳ 130 кӯдаки аз 3 то 6-сола ба таълиму тарбия фаро гирифта шудаанд ва онҳоро мураббияҳои соҳибтаҷриба ва дорои маълумоти касбии махсуси соҳа таълим медиҳанду тарбия мекунанд. Як самти муҳими фаъолияти аҳли ин кӯдакистон барқарор намудани ҳамкорӣ бо волидайни тарбиятгирандагон аст. Мудири кӯдакистон мегӯяд, ки талабот ба муассиса зиёд буда, ҷойи нишаст намерасад. Воқеан ҳам, барои як ноҳия мавҷуд будани танҳо се кӯдакистон нокифоя аст.

**Аз ҳафтаномаи «Омӯзгор»**

**Мустаҳкамкунии дарс.**

1.Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз матни диктант феълҳои замони гузаштаро ҷудо кунанд.

2.Гӯянд, ки матни боло ба кадом жанр тааллуқ дорад?

**3. Супориши хонагӣ.** Бо истифода аз феълҳои замони оянда навиштани эълон дар мавзӯи мусобиқаи варзишӣ.

## 67.ФЕЪЛҲОИ МУСТАҚИЛ ВА ЁРИДИҲАНДА

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- аз матн феълҳои мустақилмаъноро нишон дода тавонанд; феълҳоро аз рӯйи вазифа, истеъмол ва хусусияти маъноияшон ба гурӯҳҳо ҷудо намоянд; вазифаи грамматикии феълҳои мустақил ва ёридиҳандаро шарҳ дода тавонанд; дар навишти феълҳои мустақил ва ёридиҳанда хато накунанд;
- дар инкишофи нутқу тафаккур ва ҷаҳонбинӣ пештар раванд;
- дар риояи меъёрҳои ахлоқӣ ҷиддӣ бошанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;

б) баҳисобгирии давомот;

в) аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;

г) ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Бо истифода аз феълҳои замони оянда навиштани эълон дар мавзӯи мусобиқаи варзишӣ.

Дар гурӯҳҳои дунафара кори якдигарро аз назар гузаронанд; ба мазмуни матни табрикномаҳои ҳамдигар ошно шаванд;

Бинанд, ки масдарро дар матни тартибдодаашон бамаврид истифода бурдаанд ё не.

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта тавассути савол:**

а)Чаро шаклҳои тасрифнашавандаи феъл мегӯянд?

б)Феълҳои тасрифии зеринро ба шакли масдарӣ гардонед: *мерақсид, дидааст, сӯхт, хӯрда буд.*

в) Баррасии кори хонандагон.

**3. Баёни мавзӯи нав:** Феълҳои мустақил ва ёридиҳанда.

**Супориш**: Иҷрои машқи 390. Ба бачаҳо тавсия диҳед, ки машқро хонанд, муайян кунанд, ки феъл дар кадом ҷумлаҳо мустақилмаъност.

Аз хонандагон пурсед, ки ба ёд оранд: чӣ хел калимаҳоро мустақилмаъно мегӯянд?

Ҷумлаи зеринро такмил дода, қоида таҳия намоянд.

- *Феълҳоро аз рӯйи вазифа, истеъмол, хусусияти маъноияшон ба ___ (чанд?) гурӯҳ ҷудо мекунанд: ____________ (мустақил) ва ___________ (ёридиҳанда) (ёвар);*

- *Феълҳои мустақил вазифаи грамматикиашонро бе ёрии* _______________ *анҷом медиҳанд:* рафтан, дидан, шунидан, ёфтан.
- *Феълҳои ёридиҳанда дар сохтани* _____________________ *(шаклу таркибҳои феълӣ) иштирок мекунанд:* омада истод, рафта истода буд.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.** Иҷрои машқи 391. Ба хонандагон гӯед, ки ба калима ва таркибҳои зер феълҳои ёридиҳанда ҳамроҳ карда, феълҳои таркибӣ созанд. *Намуна: аз назар – аз назар гузаронидан, назар –назар кардан.*

Ташкил, гап, сайругашт, тамошо, назар, дӯст, барно, ҷо ба ҷо, ҷуръат, шинос, гуфта, тараддуд, дӯст, навишта, зарба, решакан, гуфтугӯ, қафо, мубаддал, аз назар…

**Пурсед, ки:**

- Чӣ гуна феълҳоро мустақилмаъно гуфтан мумкин аст?
- Дар бораи феълҳои ёридиҳанда чӣ омӯхтаанд?

**Мустаҳкамкунӣ:** Машқи 393. Эълони зеринро нависед, феълҳои мустақилмаъно ва ёридиҳандаро муайян намоед.

**4.Супориши вазифаи хонагӣ:** Феълҳои мустақил ва ёридиҳанда. Иҷрои машқи 392. Навиштан, ба зери феълҳои мустақил як ва ёридиҳанда ду хат кашидан.

## 68.ФЕЪЛҲОИ МУТЛАҚ ВА ДАВОМДОР

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- феълҳои мутлақ ва давомдорро аз ҳам фарқ карда тавонанд; аз матн ба феълҳо савол гузошта, мутлақу давомдор будани онҳоро муайян кунанд;
- ба баёни нутқ тафаккури мантиқиро ба инобат гиранд;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Феълҳои мустақил ва ёридиҳанда. Иҷрои машқи 392.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Омӯзгор аз хонандагон хоҳиш мекунад, ки фарқи байни феълҳои ҷуфтро муайян кунанд. Калимаҳоро дар тахта менависад: ***гуфт – мегуфт, рафт – мерафт, дид – медид.*** Хонандагонро ба он равона месозад, ки онҳо яккарата будани амал дар феълҳои аввал ва давомдор, ба такрор будани амалро дар гурӯҳи дуюм иброз намоянд.

**Кори инфиродӣ:** Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки дар дафтар "нақша" кашида, аз машқи 395 аз феълҳои мутлақи овардашуда дар тарафи дигари ҷадвал феълҳои давомдор созанд.

**Кори дунафарӣ:** Пас аз анҷоми вазифа аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷадвали худро бо ҳамнишинашон муқоиса кунанд.

**Муаррифӣ**: Интихобан аз ҳамнишинон якмисолӣ пурсида мешавад. Назари хонандагони дигар дар мавриди дурустӣ ё нодурустии мисоли оварда шунида мешавад.

Омӯзгор дар тахта ҷумлаҳои зеринро навишта хоҳиш мекунад, ки хонандагон онҳоро пурра созанд:

*Феълҳои мутлақ амали ___________________-ро ифода мекунанд.*

*Феълҳои давомдор амали ______________________-ро ифода мекунанд.*

**Кори инфиродӣ:** Иҷрои шарти машқи 395.

Интихобан пурсидани хонандагон.

**3.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**4.Супориши вазифаи хонагӣ.** Аз китоб ё маҷаллаву рӯзномаҳо чанд ҷумла дар бораи мақоми забони давлатӣ нависед, ки феълҳои мутлақ ва давомдор дошта бошанд.

## 69. ТАРЗҲОИ МОНДА ВА ГУЗАРАНДАИ ФЕЪЛ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- феълҳои монда ва гузарандаро аз ҳам фарқ карда тавонанд; аз матн ба феълҳо савол гузошта, мондаву гузаранда будани онҳоро муайян кунанд;
- ба баёни нутқ тафаккури мантиқиро ба инобат гиранд;
- эҳсоси ватандӯстӣ ва худшиносиро дар худ бештар талқин намоянд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

а) риояи одоби мулоқот;

б) баҳисобгирии давомот;

в) аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;

г) ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Феълҳои мутлақ ва давомдор.

а) Иҷрои машқи 391. Матнро навишта, ба зери феълҳои мустақил як ва ёридиҳанда ду хат кашидан.

Киштӣ бо як паҳлу ба занҷир наздик расид. Даричаи киштӣ кушода гардид, дасти пурзӯри Темурмалик бо табарзин, ки монанди моҳи 4-5- рӯза бар рӯи оби зулол дар ҳавои соф бо акси нури офтоби шаъшаапошии нимрӯзӣ медурахшиданд, намоён шуд. Табарзин дар ҳаво баланд баромад ва бо тезии барқе, ки аз ҳаво меҷаҳад, поин фаромад...

Темурмалик азбаски дар дарбори Султон Муҳаммад ҳеҷ ҷои умедворӣ надид, аз он ҷо бо бори гарони андӯҳу алам ва ҳасрату ғам ба роҳ даромад. Ба ҳар ҷо ки мерасид, медид, ки султон ба он ҷо мактуб фиристода, ба душман муқобилат накардан, агар қудрат ва фурсат ёбанд, гурехтан, вагарна бе ҳеҷ муқобилат ва ҷанг таслим шуданро ба аҳолӣ амр кардааст.

***Садриддин Айнӣ***

а)Акнун аз бачаҳо пурсед, ки:

1. ***«Андуҳу алам»*** ва «***ҳасрату дард»*** чӣ гуна ифодаҳоянд?

2. Таркиби калимаи «***медурахшиданд»***–ро муайян кунанд.

3. Дар бораи Темурмалик боз чӣ медонанд?

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта:**

б) Ба бачаҳо гӯед, ки фарқи феълҳои мустақилмаъноро аз ёридиҳанда бо мисолҳо фаҳмонанд.

в) Ҳар кадом думисолӣ феъли мустиақилмаъно ва думисолӣ феъли ёридиҳанда ёбанд.

**3.Баёни мавзӯи нав:** Тарзҳои монда ва гузарандаи феъл

а) Аз бачаҳо пурсед, ки:

-Шумо аз номи мавзӯъ чӣ фаҳмида метавонед?

б)Гӯед, ки ба нақша зеҳн монанд ва мазмуни феълҳоро дар муқоиса шарҳ диҳанд.

| **Феълҳои монда** | **Феълҳои гузаранда** |
|---|---|
| рафтан, омадан, давидан, тохтан, нишастан, кор кардан, суҳбат кардан.<br>Мо ба мактаб **рафтем.**<br>Аҳмад дусад метр **давид.** | чидан, бардоштан, нобуд кардан, тарошидан, даравидан.<br>Баъд аз дарс мо 20 кг пахта **чидем.**<br>Собир сарашро **тарошид.** |

*в) Феълҳо __________ (монда) ва __________ (гузаранда) мешаванд.*

*•Амали феълҳои гузаранда бевосита ба предмет ______________: (китобро) хондан,* (калонсолонро)*ҳурмат кардан,* (ватанро) *дӯст доштан;*

*-Феълҳои ___________ саволҳои **киро? чиро**? талаб карда, **пуркунандаи бевоситаро** ба худ _______ (тобеъ) мекунанд.*

*•Амали феълҳои монда ба предмети дигар ______________ ва дар худи иҷрокунандаи амал _____________: нишастан, давидан, омадан, хиҷолат кашидан, ларзидан;*

*- Феълҳои монда ба вазифаи хабар омада, **пуркунандаи бавосита ва ҳолро** ба худ тобеъ мекунанд: ба хона рафтан **(ба куҷо?),** бо омӯзгор суҳбат кардан **(бо кӣ?).***

*•Аз асоси замони ҳозираи феълҳои монда бо ёрии пасванди -он феълҳои гузаранда сохта мешаванд: хобидан-хобондан, афтодан - афтондан, гузаштан - гузарондан*

*• Баъзе феълҳо дар ҳар ду ҳолат истифода бурда мешаванд.*

Таблитсаи муқоисавии феълҳои духӯра:

| **феълҳои гузаранда** | **феълҳои монда** |
|---|---|
| Шикастан, хондан, сӯхтан, рехтан, пухтан.<br>Шариф повести «Одина»-ро **хондааст.**<br>Дар моҳи июн меваҳо **пухтанд.** | шикастан, хондан, сӯхтан, рехтан, пухтан.<br>Бародари Шариф дар мактаб **мехонад.**<br>Модарам ошро **пухт.** |

**Мустаҳкамкунии мавзӯи нав.**

а) Иҷрои машқҳои 397-399

*б) Аз бачаҳо пурсед, ки:*

1. Феълҳои монда чӣ гуна феълҳоро мегӯянд?
2. Феъли гузаранда чист?

**4.Супориши вазифаи хонагӣ:** Феълҳои монда ва гузаранда. Иҷрои машқи 399. Гӯед, ки феълҳоро вобаста ба маънӣ ва муносибати ба аъзоҳои ҷумла доштаашон ба мондаю гузаранда ҷудо кунанд.

**70. КОР БО МАТНИ ЛАТИФА -2 СОАТ**

**Салоҳият**:

- дарки матнҳои шифоҳӣ;
- муайян кардани мақсади матн;
- таҳияи матнҳои шифоҳӣ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- проблемаро муайян карда тавонанд;
- мақсад ва вазифаҳои таълимро муқаррар намоянд;
- ба сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи худ баҳо дода тавонанд;
- бо хазинаи мавод кор карда тавонанд;
- унсурҳои маводди хазинаро гурӯҳбандӣ карда тавонанд;
- «шиноснома»-и унсури омӯхташавандаро таҳия карда тавонанд.

**Маводди таълим: китоби дарсӣ**, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

- одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Феълҳои монда ва гузаранда. Иҷрои машқи 399. Гӯед, ки феълҳоро вобаста ба маънӣ ва муносибати ба аъзоҳои ҷумла доштаашон ба мондаю гузаранда ҷудо кунанд.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Ангезиши зеҳн.

- ✓ Латифа чист?
- ✓ Оё ба шумо латифа маъқул аст?
- ✓ Шумо латифа медонед?

Нақли латифа. Муҳокимаи умумӣ.

Ҷавоби 2-3 хонандаро шунавед ва имкон диҳед, ки хоҳишмандон латифа гӯянд.

Агар хонандагон бо латифаашон ҳамагонро хандонида натавонанд, пас ба омӯзгор лозим меояд, ки латифаи ҷолиброро худаш чунон нақл кунад, ки хонандагон ханданд. Агар хонандагон бо латифаашон ҳамсинфони худро хандонда тавонанд, пас омӯзгор аз нақли латифа худдорӣ мекунад.

**Супориш**: Кори инфиродӣ. Гузориши проблема.

- ✓ Чаро як латифа шуморо водор сохт, ки хандед, вале дигаре не? Ин ба чӣ вобаста аст?

Омӯзгор аз 5-6 нафар хонанда фикру мулоҳизаҳояшонро мешунавад.

**Супориш**: Кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ:

- ✓ Нақшаи дар зер омадаро ба дафтаратон кашед,
- ✓ Бо матни латифаҳо аз машқҳои 268, 356, 364 мустақилона шинос шавед (*латифаҳоро бодиққат хонед*);
- ✓ Матни латифаҳоро тибқи баён ва мазмун гурӯҳбандӣ намоед;

**Ҷадвал (№5):**

| *№ латифа* | *Латифа ба ман писанд омад, чунки …* | *Латифа ба ман писанд наомад, чунки …* |
|---|---|---|
| | | |
| | | |
| | | |

**Ҷадвал:**

| *№ латифаҳо* | *Латифа ба ман писанд омад, чунки …* | *Латифа ба ман писанд наомад, чунки …* |
|---|---|---|
| 1, 2 ,6 | хело хандаовар буд | |
| 4, 8, 9 | | мазмунашро нафаҳмидам |
| | | |

1) Супориши вазифаи хонагӣ.
- На кам аз се латифа аз падару модар ва ё бобою бибиатон навишта гиред;

Барои дар синф нақл кардани латифа омода шавед.

**71.СОХТИ ФЕЪЛ. ФЕЪЛҲОИ СОДА**

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс.Хонандагон бояд**:

- дар нутқи хаттӣ феълро муайян карда тавонанд; имлои феълҳои содаву сохтаро риоя намоянд; сохти феълҳоро шарҳ дода тавонанд;
- дар калимасозӣ малакаи бештар пайдо кунанд;
- дар эҳтироми ҳамдигар ҷиддият дошта бошанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкилии дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** На кам аз се латифа аз падару модар ва ё бобою бибиатон навишта гиред; Барои дар синф нақл кардани латифа омода шавед.

- Баррасии кори хонандагон.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи гузашта тариқи саволҳо:**

• Чӣ гуна жанрро хабар мегӯянд?

•Эълон чанд хел мешавад?

•Феъл чанд замон дорад? Номбар кунед.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Сохти феълҳо. Феълҳои сода.

**Супориш**: Диққати хонандагонро ба мисолҳо ҷалб намоед ва гӯед, ки фарқи онҳоро шарҳ диҳанд:

**гашт** **баргашт** **омада истод**

**омад** **баромад** **баромада рафт**

**Супориш**: Аз хонандагон пурсед. ки ба хотир оранд: *Калимаҳо аз рӯйи сохт чанд хел мешаванд?*

Дар калимаҳои боло кадом сохти калима дида намешавад?

**Диққат кунед:** Феълҳо ҳам ба мисли дигар ҳиссаҳои нутқ аз ҷиҳати сохт гуногун мешаванд, аммо бар хилофи дигар ҳиссаҳои нутқ онҳо сохти мураккаб надоранд. Онҳо сода, сохта ва таркибӣ мешаванд.

Гӯед, ки ҷумларо такмил дода, қоида таҳия намоянд:

-*Феълҳое, ки танҳо аз як асос иборатанд, феълҳои* ________ *ном доранд:* хонд, бурд, сӯхт, кӯфт, хон, бар, сӯз, гӯй, бин, омад.

**Супориш**: Иҷрои машқи 401.Ба бачаҳо тавсия диҳед, ҷумлаҳоро хонанд ва асосҳои феълиро муайян кунанд.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс:**

а)Иҷрои машқи 402. Гӯед, ки феълҳои содаро аз матн ҷудо кунанд.

**4.Супориши вазифаи хонагӣ:** Сохти феълҳо. Феълҳои сода. Воқеаи охирини шунидаатонро нависед ва дар зери феълҳои содаи он хат кашед.

## 72. ФЕЪЛҲОИ СОХТА ВА ТАРКИБӢ

**Салоҳиятҳо:**

- Донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- имлои феълҳои содаву сохтаро риоя намоянд;
- сохти феълҳоро шарҳ дода тавонанд;
- дар калимасозӣ малакаи бештар пайдо кунанд;
- дар эҳтироми ҳамдигар ҷиддият дошта бошанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

### 1.Ташкили дарс:

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Воқеаи охирини шунидаатонро нависед ва дар зери феълҳои содаи он хат кашед.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи гузашта тариқи саволҳо:**

- Феълҳо аз ҷиҳати сохт якчанд хел мешаванд?
- Феъл чанд асос дорад?
- Феъл чанд замон дорад? Номбар кунед.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Сохти феълҳо. Феълҳои сохта ва таркибӣ

**Супориш**: Ангезиши зеҳн: Аз хонандагон пурсед, ки оё онҳо аломатҳои шартиро барои ифодаи асос, реша, бандак, пешванд ва пасванд медонанд, кай бо онҳо шинос шуда буданд? Ба хонандагон вақт диҳед, ки дар дафтарашон аломатҳои шартиро мустақилона кашанд. Сипас, интихобан нафареро назди тахта хонед, то аломатҳоро дар тахта нависад. Онҳоро баррасӣ кунед, ҷое хато бошад, бо хонандагон якҷоя ислоҳ кунед.

**Супориш**: Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки аз машқи 403 калимаҳоро нависанд, ба зери реша, пешванд ва пасванд аломатҳои шартиро гузоранд. Барои иҷрои ин кор ба онҳо вақт диҳед.

**Муаррифӣ**: интихобан хонандагонро назди тахта даъват кунед, калимаҳои ишоракардаашонро дар тахта нависонед.

**Муҳокима**, баровардани қоида: *Феълҳое, ки аз асос ва пешванд ё пасванд иборатанд, феълҳои ________ ном доранд:*

**Санҷидани қоида**: **Супориш:** Иҷрои машқҳои 404-405. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки шарти машқро мустақилона иҷро кунанд. Аз як хонанда шарҳи як ҷумларо пурсед. Оё зарурате ҳаст, ки ба қоида тағйирот ворид карда шавад?

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5.Супориши вазифаи хонагӣ.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки бо истифода аз калимаҳои машқи 403 хабар нависанд. Таъкид кунед, ки дар матни хабари онҳо будани ҳамаи калимаҳои дар машқ мавҷудбударо истифода кардан шарт нест, аммо ғолиб он кас аст, аз шумораи аз ҳама бештари калимаҳоро истифода кунад.

## 73. ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБӢ. ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБИИ ФЕЪЛӢ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс.Хонандагон бояд**:

- имлои феълҳои таркибиро риоя намоянд;
- сохти феълҳоро шарҳ дода тавонанд;
- дар калимасозӣ малакаи бештар пайдо кунанд;

**Маводи таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Ба хонандагон супориш диҳед, ки бо истифода аз калимаҳои машқи 403 хабар нависанд. Таъкид кунед, ки дар матни хабари онҳо будани ҳамаи калимаҳои дар машқ мавҷудбударо истифода кардан шарт нест, аммо ғолиб он кас аст, ки аз шумораи аз ҳама бештар калимаҳоро истифода кунад

**Мустаҳкамкунии мавзӯи гузашта тариқи саволҳо:**

- Феълҳо аз ҷиҳати сохт якчанд хел мешаванд?
- Пешвандҳои феълсозро номбар кунед.
- Бо пасвандҳои феълсоз мисол оваред.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Феълҳои таркибӣ, феълҳои таркибии феълӣ. Машқи 406.

**Супориш**: Аз хонандагон хоҳиш кунед машқи 405-ро ба дафтарашон нависанд, фарқи калимаҳои зеринро нишон диҳанд: *надорад – дахл надорад, дарёфт - метавон дарёфт, буд – воқеъ буд, монд - карахт шуда монд.*

**Супориш**: аз хонандагон хоҳиш кунед, ки ҷузъҳои дар феълҳои овардашуда маънои мустақил надоштаро бо ёрии омӯзгор ҷудо кунанд ва бо онҳо калимаҳои нав созанд.

**Баррасии калимаҳои сохташуда ва муайян кардани таркиби онҳо.**

**Супориш:** ба хонандагон супориш диҳед, ки машқи 408-ро хонда, феълҳои таркибиро ҷудо кунанд ва ба дафтарашон нависанд. Кори худро бо ҳамнишинашон муқоиса кунанд, хатоҳои худ ва ҳамнишинашонро ислоҳ кунанд, мавқеи гурӯҳи худро (дунафарaро) баён намоянд.

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5.Супориши вазифаи хонагӣ.** Ду латифаро аз рӯзномаи "Пайрав" нависед ва ба зери феълҳои таркибии феълии он хат кашед.

аз худ кардани қоидаи феълҳои таркибии феълӣ

## 74. ФЕЪЛҲОИ ТАРКИБИИ НОМӢ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- имлои феълҳои таркибиро риоя намоянд;
- сохти феълҳоро шарҳ дода тавонанд;
- дар калимасозӣ малакаи бештар пайдо кунанд;
- дар эҳтироми ҳамдигар ҷиддият дошта бошанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ ва мустаҳкамкунӣ.** Ду латифаро аз рӯзномаи "Пайрав" нависед ва ба зери феълҳои таркибии феълии он хат кашед;

- шарҳи қоидаи феълҳои таркибии феълӣ;

-овардани мисол ба феълҳои таркибии феълӣ.

**3.Баёни мавзӯи нав.** Феълҳои таркибии номӣ.

**Супориш**: Машқи 407-ро хонед, феълҳои ишоратшударо нависед ва сохту таркиби онҳоро шарҳ диҳед.

**Супориш:** Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки феълҳои таркибии ишорашударо бо феълҳои таркибии феълӣ аз мавзӯи гузашта муқоиса кунанд ва фарқи онҳоро шарҳ диҳанд.

**Супориш:** Машқи 408. Матнро хонед, феълҳои таркибии номиро нависед ва гӯед, ки маъноҳои шахсу шумора ва замонро кадом ҷузъҳо ифода кардаанд.

Шарҳи қоидаи феълҳои таркибии номӣ ва муқоисаи он бо қоидаи феълҳои таркибии феълӣ.

**4.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**

**5. Супориши вазифаи хонагӣ.** Машқи 409. **Ба ҷойи нуқтаҳо феълҳои ёридиҳандаи мувофиқро гузоред ва нависед, бо истифода аз онҳо се ҷумла тартиб диҳед.**

Озод…, тамошо…, анҷом…, гап…, нигоҳ…, шурӯъ…, расм…, умед…, азоб…, тир…, дил…

## 75.СИҒАҲОИ ФЕЪЛ. СИҒАИ ХАБАРӢ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- сиға чист, бидонанд; миқдори сиғаҳои феълро номбар карда; шаклҳои замонии сиғаи хабариро шарҳ дода тавонанд; имлои сиғаҳои феълро риоя намоянд;
- аз лиҳози нутқи шифоҳию хаттӣ ва эҷодкорӣ инкишоф ёбанд;
- дар баёни эҳтиром ба наздикон ҷиддӣ бошанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1. Ташкили дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Машқи 409. Ба ҷойи нуқтаҳо феълҳои ёридиҳандаи мувофиқро гузоред ва нависед, бо истифода аз онҳо се ҷумла тартиб диҳед.

Озод…, тамошо…, анҷом…, гап…, нигоҳ…, шурӯъ…, расм…, умед…, азоб…, тир…, дил…

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта тавассути саволу супориш:**

а)Ҷумлае гӯед, ки дар он феъли таркибии феълӣ омада бошад;

б)Феъли таркибии номӣ чӣ гуна феъл аст?

**3. Баёни мавзӯи нав:** Сиғаҳои феъл. Сиғаи хабарӣ.

**Супориш**: Иҷрои машқи 410. Хонандагонро ба он водор намоед, ки мисолҳоро муқоиса кунанд ва гӯянд, ки амалҳои онҳо аз якдигар чӣ фарқ доранд.

Гӯед, ки тағйир ёфтани шаклҳои феълиро пай бурданд. Аз ин ҷо хулоса бароранд, ки сиға чист?

*Бо тағйир ёфтани* ________________________ *тобиши нав гирифтани амалро сиға меноманд.*

• **Таъкид кунед, ки дар хотир гиранд:** *Сиға ба тарзи хабар, эҳтимол, шарту хоҳиш ва ё амр ифода гардидани амалро меноманд.*

- *Феъл 4 сиға дорад:* хабарӣ, шартӣ-хоҳишмандӣ, амрӣ, эҳтимолӣ.

• *Сиғаи хабарӣ ба вуҷуд омадан ва ё наомадани амалро дар ҳамаи замонҳо ифода мекунад. Ба ин сиға шаклҳои замони гузашта ва шаклҳои замони ҳозира мансубанд:* омад, наомад, меояд, хоҳад омад, омадааст, омада истодааст, гуфтам, мегуфтам, гуфта будам, мегуям, хоҳам гуфт.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс. Машқҳои 411-412**

**а)** Хонандагонро водор кунед, ки аз хотираашон нақли кӯтоҳе нависанд. Феълҳои онро дар шакли сиғаи хабарӣ ифода кунанд. Гӯянд, ки амал аллакай иҷро шудааст ё не.

б) Пурсед, ки:

- Сиға чист? Феъл чанд сиға дорад?
- Сиғаи хабарӣ чиро ифода мекунад?

**6.Супориши вазифаи хонагӣ:** Аз рӯзномаҳои даврӣ хабареро навиштан ва феълҳои онро шарҳ додан.

## 76-77. СИҒАИ АМРӢ ВА СИҒАИ ЭҲТИМОЛИИ ФЕЪЛ (2 соат)

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- сиға чист, бидонанд; миқдори сиғаҳои феълро номбар карда; шаклҳои замонии сиғаи амриро шарҳ дода тавонанд; имлои сиғаҳои феълро риоя намоянд;
- аз лиҳози нутқи шифоҳию хаттӣ ва эҷодкорӣ инкишоф ёбанд;
- дар баёни эҳтиром ба наздикон ҷиддӣ бошанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

1. Ташкили дарс:

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Аз рӯзномаҳои даврӣ хабареро навиштан ва феълҳои онро шарҳ додан.

Хабари навиштаи хонандагонро таҳлил кардан.

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта тавассути саволу супориш:**

а)Ҷумлае гӯед, ки дар он феъл дар сиғаи хабарӣ омада бошад;

б)Сиғаи хабарии феъл чӣ гуна сиға аст?

**3. Баёни мавзӯи нав.** Сиғаи амрӣ, сиғаи эҳтимолии феъл.

**Супориш**: Иҷрои машқи 413. Диққати бачаҳоро ба қироати ифоданоки байтҳо ҷалб намоед. Фикри онҳоро дар бораи он ки шоир моро ба чӣ кор даъват ва водор мекунад, пурсед. Пурсед, ки:

- Даъвати шоир ба кӣ нигаронида шудааст?

- Водоркунии шоир бо кадом шакли феъл ифода мегардад? (Ҳар як савол ҷудогона гузошта ва муҳокима карда шавад. Хонандагон бояд моҳияти водоркунандагии шакли феълро дарк кунанд).

**б)** Гӯед, ки ҷумларо такмил диҳанд:

-*Шакли феълие, ки ба иҷрои амал водор мекунад, сиғаи ________ ном дорад.*

• Феъли амр шакли замони гузашта надорад;

• Он ба шахси дуюм равона карда мешавад.

а) **Кор дар гурӯҳҳо.** Иҷрои машқи **415**. Байтҳоро хонед ва гӯед, ки пешванди шаклсози «*ме-*» бо асоси феъл омада, ба кадом сиға далолат мекунад.

**Қоидаҳои муошират бо дигарон**

**Гурӯҳи 1:**

1.Ба омӯзгорон, волидон ва ҳамсолони худ салом додан ва хайрухуш карданро фаромӯш накун.

2.Хоҳиши худро равшану фаҳмо изҳор намо.

**Гурӯҳи 2:**

3.Барои ёрию дастгирӣ «***ташаккур»*** гуфтанро аз хотир набарор.

4.Ба пурсишҳои калонсолон пурра ҷавоб бидеҳ.

**Гурӯҳи 3:**

5.Ба калонсолону ҳамсолон таваҷҷуҳ ва дилсӯзӣ бикун.

6.Бо дағалию дуруштӣ ва хасисӣ муросокор мабош.

**Гурӯҳи 4:**

7.Ба шахсони аз худат калон ***Шумо*** гуфта муроҷиат карданро ёд гир.

8.Ба калонсолон ҷой бидеҳ, меҳмони ба хона омадаро ба нишастан даъват намо.

**Гурӯҳи 5:**

9.Ба гуфтугӯи калонсолон ҳамроҳ нашав.

10. Ҳамеша ҳақгуй, накукор, ғамхор ва поквиҷдон бош.

**б)** Диққати хонандагонро ба мазмуни амалҳои ҳарду сутун ҷалб намоед. Аз бачаҳо пурсед, ки чӣ фарқиятро пай бурданд.

| **Сиғаи хабарӣ** | **Сиғаи эҳтимолӣ** |
|---|---|
| 1.Фардо бародарам меояд. | Фардо бародарам **меомадагист.** |
| 2.Имрӯз ҳаво гарм мешавад. | Имрӯз ҳаво гарм **мешудагист.** |

• Ин шакли феълӣ аз **сифати феълии замони гузашта** (хонда) бо пасванди **–гӣ** (хондагӣ, ихтисори феъли **ҳаст** (хондагист) ва бандакҳои хабарӣ сохта мешавад: **хондагистам.**

**в) Таъкид кунед, ки дар хотир гиранд:** *Сиғаи эҳтимолӣ амалеро ифода мекунад, ки гӯянда аз иҷро шуданаш тахмин, гумон ва шубҳа дорад.* Диққат кунед:

**Тасрифи феъли *хондан* дар сиғаи эҳтимолӣ**

| **Шахс** | **Шумора** | |
|---|---|---|
| | **танҳо** | **ҷамъ** |
| 1. | хондагистам | хондагистем |
| 2. | хондагистӣ | хондагистед |
| 3. | хондагист | хондагистанд |

**г)**Машқи 419. Гӯед, ки ҷумлаҳоро хонанд ва ба тобиши маъноии феълҳои ишоратшуда диққат диҳанд.

•*Сиғаи эҳтимолӣ замонҳои гуногун дошта метавонад:* хондагистам- мехондагистам.

**Мустаҳкамкунии мавзӯи дарс.** Кор дар гурӯҳҳо.

**Машқи 420**. **Аз масдарҳои зер сиғаи эҳтимолӣ созед.** ***Намуна***: *гуфтан-гуфтагистам, мегуфтагистам, гуфта истодагистам.*

Чидан, хонда шудан, шитоб кардан, мондан, номидан, рафтан, кашидан, хондан, донистан.

• Диққати хонандагонро барои аз масдарҳо сиғаи амрӣ сохтан равона созед. Тасрифи як феълро дар яке аз сиғаҳо нишон диҳед.

*Баромадан, дидан, бархостан, фурӯхтан, хостан, чидан, гирифтан, донистан, навиштан, шунидан, тохтан, ҷустан, дӯхтан, нишастан, доштан, сохтан, савганд хӯрдан, хӯрдан.*

в) Пурсед, ки:

• Сиғаи амрӣ чӣ гуна сиға аст?

• Сиғаи эҳтимолӣ чӣ гуна тобиши маъноӣ дорад?

**6.Супориши хонагӣ.** Иҷрои машқи **421**. Порчаҳоро хонда, сиғаи эҳтимолиро ишора кардан ва шарҳ додан.

## 78. СИҒАИ ШАРТӢ-ХОҲИШМАНДӢ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ

**Мақсадҳои дарс.** Хонандагон бояд:

- сиға чист, бидонанд; миқдори сиғаҳои феълро номбар карда; шаклҳои замонии сиғаи шартӣ-хоҳишмандиро шарҳ дода тавонанд; имлои сиғаҳои феълро риоя намоянд;
- аз лиҳози нутқи шифоҳию хаттӣ ва эҷодкорӣ инкишоф ёбанд;
- дар баёни эҳтиром ба наздикон ҷиддӣ бошанд.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1. Ташкили дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2. Пурсиши вазифаи хонагӣ:** Иҷрои машқи **421**. Порчаҳоро хонда сиғаи эҳтимолиро ишора кардан ва шарҳ додан.

**Мустаҳкам кардани мавзӯи гузашта тавассути саволу супориш:**

а)Ҷумлае гӯед, ки дар он феъл дар сиғаи амрӣ омада бошад;

б)Сиғаи амрии феъл чанд замон дорад.

**3. Баёни мавзӯи нав:** Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ. Ба машқи 422 таваҷҷуҳ кунед. Гӯед, ки иҷрои амали дар ҷумлаҳои ифодашуда ба чӣ гуна шарту шароитҳо вобаста аст. Кӯшиш кунед, хонандагон ба шарту хоҳиш вобаста будани иҷрои амалро гӯянд. Қоидаро дар якҷоягӣ бо хонандагон таҳия кунед, онро бо қоидаи китоб муқоиса намуда, такмил диҳед.

*Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ амалеро ифода мекунад, ки воқеъ шудани он ба майлу хоҳиш ва ё шарте вобаста аст.*

**Шарҳи омӯзгор:** Биёед, бори дигар муқоиса мекунем:

Сиғаи хабарӣ: Ман низ аълохон шуда метавонам.

Сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ: Ман низ аълохон шуда метавонам, агар мунтазам хонам.

Кори аз ҳад вазнин маро бемадор кард, бояд дам гирам.

Ин сиға ба воситаи ба асоси замони ҳозираи феъл ҳамроҳ кардани бандакҳои феълӣ сохта мешавад:хонам, хонда бошам; нависам, навишта бошам.

**Супориш**: Кори инфиродӣ: Машқи 423. Ҷумлаҳоро хонед ва сиғаи шартӣ -хоҳишмандиро ёфта шарҳ диҳед.

Машқи 424. Шеърро хонда, шаклҳои замонии сиғаи шартӣ-хоҳишмандиро муайян кунед.

**5.Ҷамъбаст ва арзёбӣ**

**6.Супориши вазифаи хонагӣ.** мустақилона 5 ҷумла нависед, ки сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ дошта бошанд.

## 79. ТАҲЛИЛИ САРФИИ ФЕЪЛ

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

- феълҳои мустақил ва ёридиҳандаро донанд;
- сохти феълҳоро дуруст муайян карда тавонанд;
- реша, пешванд, пасвандҳои калимасоз ва шаклсози феълро донанд
- феълро таҳлили сарӣ карда тавонад.

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.

**Равиши дарс:**

**1. Ташкили дарс:**

- риояи одоби мулоқот;
- баҳисобгирии давомот;
- аз назар гузаронидани ҳолати санитарии синф;
- ҷалб намудани диққати хонандагон ба дарс.

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Мустақилона 5 ҷумла нависед, ки сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ дошта бошанд.

**3. Баёни мавзӯи нав:** таҳлили сарфии калима чист, кӣ ба хотир меорад? Мо кадом ҳиссаҳои нутқро таҳлили сарфӣ карда будем? Таҳлили сарфии феъл ба мо чӣ лозим аст? Чаро чунин амалро мо иҷро мекунем?

Шунидани шарҳҳои хонандагон ва ҷамъбасти омӯзгор.

Супориш: аз як нафар хонанда хоҳиш кунед, ки ҷумлаи зеринро дар тахта нависад. Дар ин ҳангом хонандагони дигар бояд китоби дарсии "Забони тоҷикӣ"-ро пӯшида нигоҳ доранд ва ҷумларо аз тахта нависанд:

*Ман дар ҷавоб бо диққат ба андоми ӯ нигаристам: зоҳиран дар муддати ин се рӯз вай худро хеле гиронда буд. (Ҷ.Акобиров).*

Нигаристам – феъли шахси якуми танҳо, замони гузаштаи наздик, сиғаи хабарӣ, намуди мутлақ, феъли сода, ба вазифаи хабар омадааст, таркиби сарфӣ (морфологӣ)-яш: нигарист (асоси замони гузашта), -ам (бандаки феълии шахси якуми танҳо). Муродифҳояш: нигоҳ кардан, назар кардан, чашм дӯхтан, дида дӯхтан, дар ҷумла ба вазифаи хабар омадааст.

Гиронда буд– шахси сеюми танҳо, замони гузаштаи дури сиғаи хабарӣ, тарзи фоилии бевосита, намуди мутлақ, феъли таркибии феълӣ, дар ҷумла ба вазифаи хабар омадааст.

**3.Ҷамъбаст ва арзёбӣ.**
**4.Супориши вазифаи хонагӣ.** Навиштани матни хабар ва таҳлили сарфии феълҳои он.
## 80. ҶАМЪБАСТ ВА АРЗЁБИИ БОБИ “ФЕЪЛ”
**Салоҳиятҳо**
- донистан ва дар матн дуруст ҷудо кардани феъл ҳамчун ҳиссаи мустақили нутқ;
- тарз, намудҳои феъл;
- сиға ва замонҳои феъл;

**Мақсади дарс. Хонандагон бояд**
- феълро аз матн ҷудо карда тавонанд;
- тарз ва намудҳои феълро дар мисолҳо шарҳ диҳанд;
- вобаста ба мақсадҳои иртиботӣ феълҳоро истифода карда тавонанд.

**Равиши дарс:**
**1.Ташкили дарс:**
- ба ҷо овардани одоби муошират;
- анҷом додани расмиёти оғози дарс

**2.Пурсиши вазифаи хонагӣ.** Навиштани матни хабар ва таҳлили сарфии феълҳои он.
**3.Баёни мавзӯи нав.** Саволи омӯзгор: биёед, ба хотир меоварем, ки мо ба тартиб аз боби “Феъл” кадом мавзӯъҳоро гузаштем, кадом масъалаҳоро вобаста ба феълҳо дида баромадем.
Шунидани ҷавобҳои хонандагон.
**Супориш**: Кор бо саволномаи тестӣ аз китоби дарсӣ. Саволҳоро ба хонандагон пешниҳод кунед, барои ҳар як қисмати он ба хонандагон вақт диҳед ва пас аз иҷро интихобан ҷавобҳоро шунида, аз ҷониби хонандагони дигар мустаҳкам кунед.
## 81. ДИКТАНТИ САНҶИШӢ
**Дар интихоби матни диктант омӯзгор озод аст, аммо матне бояд интихоб шавад, ки хусусиятҳои гуногуни феълҳоро фарогир бошад.**
## 82. КОР БО МАТНИ ЭЪЛОН
**Салоҳиятҳо:**
- таҳияи матнҳои хаттӣ ва шифоҳӣ

**Мақсадҳои дарс.**
- иҷрои супориш бо истифодаи қоидаи таҳиягардида;
- кор бо ҷамъоварии ғалат ва истифода бурдани қоида;
- кор оид ба таҳлили ғалатҳо ва тағйир додани қоидаҳо,
- иҷрои супориш бо истифодаи қоидаи таҳиягардида;

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн.
**Равиши дарс**:
**1.Ташкили дарс:**
- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Баёни мавзӯи нав.**
**Супориш**. Дар асоси «шиноснома»-и навъи додашуда қадамҳои пайдарпайро барои навиштани чунин эълон таҳия намоед:
- номи ҳуҷҷат;
- мухотаб;
- мақсади асосӣ;

- дараҷаи эътимоднокӣ;
- муҳлат, вақт, замон ва макон.
- созмондиҳандаи чорабинӣ (мақсаду мазмун)
- паҳнкунандаи эълон.

**Супориш**. Дар гурӯҳи дунафара. Натиҷаҳои кори худро бо гурӯҳҳои дунафараи дигар, ки оид ба ҳамин навъ эълон кор мекунанд, муқоиса намоед.

**Супориш**.

А) Муаррифии матни эълони гурӯҳҳо ва баҳодиҳӣ ба эълонҳо аз рӯйи «шиноснома».

Б) Таҳрир кардани матни эълон дар асоси қоида.

В) Интихоби намунаи беҳтарин қоида:

1. Ном;
2. Ҷойи баргузории чорабинӣ;
3. Мазмуни чорабинӣ;
4. Ташкилкунандагони чорабинӣ.

**6)Вазифаи хонагӣ.** Таҳияи матни эълон аз рӯйи қоидаҳои мазкур.

**83.ТАКРОРИ СОЛОНА- 3 соат**

**ТАКРОРИ МАВЗӮЪҲОИ КОР БО ЖАНРҲО - 1 соат**

**Салоҳиятҳо:**

- таҳияи матнҳои шифоҳӣ ва хаттӣ.

**Мақсадҳои дарс.**

- ичрои супориш бо истифодаи қоидаи таҳиягардида;
- ичрои супориш барои аниқ кардани дурустии қоида;
- арзёбии натиҷаи ҳалли проблема ва муайян кардани вазифаи нави таълим

**Маводди таълим:** китоби дарсӣ, варақаҳои таълим, матн

**Равиши дарс:**

**1.Ташкили дарс.**

- риояи одоби салом, баҳисобгирии давомот.

**2.Баёни мавзӯъ:** Кор бо хатоҳо. Супориш ба гурӯҳҳои хурд. Таҳияи матн ва шарҳи он. Гурӯҳи 1. Кор бо матни хабар, гурӯҳи 2. Кор бо матни эълон, гурӯҳи 3. Кор бо матни табрикнома.

**Муаррифии кори гурӯҳҳо.**

**Ҷамъбаст ва хулосабарорӣ.**

Матне аз жанрҳои гузашта (хабар, эълон, табрикнома) нависед ва аломатҳои морфологии феълҳои онро шарҳ диҳед.

**ТАКРОРИ СОЛОНА- 2 соат**

**Салоҳиятҳо:**

- донистан ва ҷудо кардани ҳиссаҳои мустақили нутқ, хусусиятҳо, категорияҳои грамматикии онҳо, калимасозии ҳиссаҳои мустақили нутқ.

**Мақсадҳои дарс. Хонандагон бояд**

-дар имлои садонокҳои и, ӣ, у. ӯ, э. е, аломати сакта (ъ), ҳамсадоҳои д,т, ҳ. ҳамсадоҳои ташдиддор, аз сатр ба сатр гузаронидан мешаванд.

# РОҲНАМОИ ФАННИ
# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
# СИНФИ 5-УМ

**барои омӯзгорони муассисаҳои**
**таҳсилоти умумӣ**


| | |
|---|---|
| Муҳаррир | А. Каримов |
| Мусаҳҳеҳ | М. Саидова |
| Муҳаррири техникӣ | Н.С. Зайниддинов |
| Тарроҳ | М. Ҳакимова |

Ба чоп 06.07.2017 иҷозат дода шуд. Коғази офсет.
Чопи офсет. Андоза 60x84 1/8. Ҷузъи чопӣ 15,0
Адади нашр 4000 нусха.
Супориши № 133/2017

Муассисаи нашриявии «Маориф»-и
Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734024, ш. Душанбе, кӯчаи Аҳмади Дониш, 50.
Тел: 222-14-66,
E-mail: najmiddin64@mail.ru

Дар матбааи ҶДММ «Эр-Граф»
бо супориши №201 аз 26.08.2017 чоп шудааст.